## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «БОБОҶОН ҒАФУРОВ – БУЗУРГТАРИН МУҲАҚҚИҚ ВА МУАРРИФГАРИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК», БА ИФТИХОРИ 115-СОЛАГИИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**05.12.2023, ШАҲРИ ДУШАНБЕ**



Дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик садҳо чеҳраҳои мондагоре ҳастанд, ки нақши онҳо барои пойдории миллат, посдории илму фарҳанг, худшиносиву худогоҳии мардум ва ободии сарзамини аҷдодӣ басо арзишманд мебошад.

Яке аз чунин чеҳраҳои барҷастаи давраи навтарини таърихи миллати тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири ҷумҳурӣ ва илми шарқшиносии асри XX саҳми бисёр муассир гузоштааст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳар яки шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори 115-солагии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ходими номдори давлативу сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров самимона табрик мегӯям.

Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро дар ҷодаи таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст.

Барои фаъолияти барҷастаи давлатӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба Бобоҷон Ғафуров бо Фармони Президенти мамлакат аз 8-уми сентябри соли 1997 унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

### Ҳозирини гиромӣ!

Бобоҷон Ғафуров дар муҳите тарбия ёфта буд, ки дар он муҳаббат ба илму дониш ва фарҳангу адаб арзиши баланд дошт.

Аз ҷумла, модари ӯ шоираи номдор Розияи Озод, ки бо асарҳои адибони классики тоҷик, хусусан, бо осори устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Бедил ва дигар шоирону донишмандон ошноии комил дошт, дар ташаккули шахсияти фарзанди худ нақши

ҳалкунанда бозид.

Ҷавҳари ашъори ин модари огоҳу донишманд аз ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ иборат буд.

Самараи тарбия дар фазои мусоиди оилавӣ буд, ки Бобоҷон Ғафуров баъдтар ҳамчун ходими сиёсиву давлатӣ, тарғибгари арзишҳои ҳаётбахши миллӣ ва таърихи пурифтихори миллати тоҷик дар фазои пӯшидаву мураккаби даврони хеш ба камол расид.

Бобоҷон Ғафуров аз корманди одии созмони ҷавонон, рӯзноманигорӣ ва муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик то роҳбари аввали ҷумҳурӣ ва директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои давлати абарқудрати Шӯравӣ расида, зиёда аз 21 сол ин маркази бузурги илмиро сарварӣ кардааст.

Фаъолияти илмии ӯ аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз ёфта, баъдан ҳаракатҳои милливу озодихоҳии мардуми Машриқзамин, масъалаҳои миллӣ дар давлати Шӯравӣ, таърихи афкори сиёсиву ҷамъиятӣ, зиндагиву осори мутафаккирони бузурги Шарқ ва масъалаҳои мубрами илми шарқшиносӣ мавриди таҳқиқи доманадори олим қарор гирифтаанд. Аввалин мақолаҳои таҳлилию танқидии ӯ ҳанӯз дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» чоп шудаанд, ки мавзӯи асосии онҳоро масъалаҳои таърихӣ ва зиддияту муборизаи ҷомеаи нав ва кӯҳна ташкил медоданд.

Бобоҷон Ғафуров навиштани мақолаҳои таърихиву сиёсӣ, таҳлилӣ ва илмиву оммавиро ҳангоми иҷрои вазифаҳои масъулиятноки ҳизбиву давлатӣ низ пайваста идома додааст.

Ӯ дар мақолаҳои худ илова ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисос, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, такмили сатҳи дониши кормандони мақомоти давлативу ҳизбӣ ба таърихи бостонии халқи тоҷик, адабиёту фарҳанги пурғановати тоҷикон ва роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа эътибори ҷиддӣ медод.

Аз нимаи дуюми солҳои 30-юм фаъолияти сиёсии олим оғоз мегардад ва дар ин давра ӯ дар вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ кор карда, то мақоми роҳбари аввали ҷумҳурӣ, яъне котиби якуми Кумитаи марказии ҳизби ҳокими вақт интихоб мешавад.

Бояд гуфт, ки Бобоҷон Ғафуров нахустин тоҷике буд, ки пас аз ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба чунин мақоми баланди сиёсӣ интихоб ва таъин гардидааст.

Бо вуҷуди корҳои ҳизбиву давлатӣ Бобоҷон Ғафуров таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро содиқона идома медод.

Соли 1942 мақолаи ниҳоят муҳимми Бобоҷон Ғафуров «Муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ» ва баъдан соли 1944 дар заминаи он китоби «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ» нашр мешаванд, ки дар роҳи баланд бардоштани ҳисси ватанпарастии мардум ва муҳаббат ба сарзамини аҷдодӣ нақши муассир мегузоранд.

Ӯ дар солҳои баъдиҷангӣ бо маҳорати баланди кордонӣ ва масъулиятшиносӣ дар тан-



зиму такмили иқтисодиёти ҷумҳурӣ талош варзида, саъю кӯшиши худро ба он равона намуд, ки Тоҷикистон ба ҷумҳурии пешрафта табдил ёбад.

Соли 1947 Тоҷикистон аз рӯйи ҳосилнокии пахта дар миқёси Шӯравӣ ба ҷойи аввал ва аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли он ба ҷойи дуюм баромад.

Барои натиҷаҳои беҳтарини дар солҳои 1946 – 1947 бадастоварда 184 нафар пешқадамони истеҳсолоти ҷумҳурӣ, аз ҷумла 41 нафар занон ба гирифтани унвони Қаҳрамони меҳнат ва 4216 нафар бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар бунёди даҳҳо корхонаи азими саноатӣ, рушди соҳаи аграрӣ, бахусус, дар самти муҳоҷирсозии мардуми кӯҳистон барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ва пешрафти илму фарҳанги Тоҷикистон басо арзишманд мебошад.

Бунёди муассисаҳои нави илмиву таълимӣ, таъмин намудани онҳо бо мутахассисони таҷрибадор ва аз дигар ҷумҳуриҳо ба Тоҷикистон даъват кардани беҳтарин олимони соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумлаи ташаббусҳои Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Зери роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Душанбе соли 1948 Донишгоҳи давлатӣ, соли 1951 Академияи илмҳо ва соли 1955 Донишкадаи политехникӣ ба фаъолият оғоз намуданд.

Бобоҷон Ғафуров бо олимону адибон дар иртиботи доимӣ қарор дошт ва инкишофи илми Тоҷикистонро пайваста дастгирӣ, назорат ва роҳнамоӣ мекард.

Дар солҳои роҳбарии Бобоҷон Ғафуров силсилаи ҳафриёти бостоншиносӣ роҳандозӣ гардид, ки натиҷаи онҳо дар омӯзиши мукаммали таърихи гаронқадри миллати фарҳангии тоҷик аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

Ҳанӯз соли 2016 дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ман таъкид карда будам, ки дар давраи роҳбарии Бобоҷон Ғафуров (солҳои 1946 – 1956) ягон соҳаи муҳимми ҷумҳурӣ аз мадди назари ӯ дур намондааст.

Мехостам боз як самти сиёсати оқилонаи Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун роҳбари оқилу кордони ҷумҳурӣ дар самти амалӣ сохтани нақшаи муҳоҷиркунӣ таъкид намоям.

Бобоҷон Ғафуров зимни сиёсати муҳоҷиркунии дохилӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва иттиҳоду ягонагии мардуми тоҷикро дар меҳвари фаъолияти роҳбарии худ қарор дода буд.

Меҳоҳам як нуктаи муҳимро хотирнишон намоям, ки илова ба иҷрои вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ маҳз Бобоҷон Ғафуров пас аз устод Садриддин Айнӣ ба таҳқиқи мукаммали таъриху тамаддуни тоҷикон иқдом намудааст. Ӯ дар марҳалаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшид, ки аввалин падидаи дурахшони он эҷоди асари бунёдии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» мебошад.

Ин асар бори аввал соли 1947 дар шаҳри Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр гардид.

Арзиши баланди илмии китоби мазкур ҳамчун дастоварди илми таърихшиносии тоҷик дар он ифода меёбад, ки се маротиба – солҳои 1949, 1952 ва 1955 ба забони русӣ дар Москва ба нашр расидааст.

Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров аз нашри ин китоб ва асарҳои минбаъда ба ҷаҳониён собит намудани ин ҳақиқати илмӣ буд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин миллатҳои дунё буда, дар раванди рушди тамаддуни башарӣ нақши басо арзишманди таърихӣ бозидаанд.

Воқеан, ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торики фаромӯшгардидаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, ба худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории мардуми тоҷик ва фарзандони бедордилу фидоии миллат рӯҳи тоза бахшид.

Устод Садриддин Айнӣ чопи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро бо хушнудӣ истиқбол карда, онро такони ҷиддӣ дар дарки илмии гузаштаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, қабл аз ҳама, тоҷикон ҳисобидааст.

Қобили зикр аст, ки маҳз баъди нашри ин китоб Бобоҷон Ғафуров аз тарафи мутахассисони соҳа ҳамчун асосгузори илми таърихи тоҷикон эътироф гардид.

## СУХАНИ ПЕШВО

Баъди чопи асари зикршуда Бобоҷон Ғафуров таҳқиқоти бунёдиро доир ба таърихи миллати тоҷик идома дода, соли 1972 дар Москва асари безаволи худ «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна»-ро, ки воқеан шиносномаи миллати тоҷик мебошад, ба чоп расонид.

Ин шоҳасари безавол, ки самараи заҳмати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

«Тоҷикон» асарест, ки таърихи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX-ум дар бар мегирад ва дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ, осори фаровони хаттии таърихиву адабӣ ва таҳқиқоти олимони маъруфи Шарқу Ғарб ба таври хеле муфассал таълиф шудааст.

Дар ин асари безавол ҷараёни ташаккулёбии миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён гардидаанд.

Аҳаммияти ин асар имрӯз, яъне дар шароити вусъати рӯзафзун пайдо кардани паҳлуҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ барои худшиносиву худогоҳии миллии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон ва тавсеаи тафаккури таърихии онҳо торафт меафзояд.

Бо дарназардошти ин, мо шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуровро аз нав чоп карда, ба ҳар як оилаи сокини мамлакат ҳамчун туҳфаи Роҳбари давлат дастрас намудем.

То ин замон китоби «Тоҷикон» дар кишвари мо чанд маротиба чоп шуда буд, вале бо сабаби маҳдуд будани теъдоди нашр ба китоби хеле камёб табдил ёфта буд.

«Тоҷикон» ҳоло китоби рӯйимизии ҳар як фарди соҳибмаърифат ва бонангу номуси миллати тоҷик мебошад.

Илова бар ин, шарҳу тавзеҳи мухтасари илмиву оммавии ин шоҳасар ба хотири комилан дастрасу фаҳмо шудани мазмуну муҳтавои он ба ҳар як сокини кишвар аз тарафи олимони Академияи миллии илмҳо омода ва чоп гардид.

Ҳоло «Тоҷикон» ба забонҳои англисӣ, ҷопонӣ, полякӣ, чинӣ, арабӣ ва фаронсавӣ тарҷума, нашр ва тавассути расонаҳои интернетӣ ба ихтиёри хонандагон ва дӯстдорони таърихи бостонии халқи тоҷик гузошта шудааст.

Китоби «Тоҷикон» барои ҳавзаи фарҳангии забони тоҷикӣ – форсӣ, пеш аз ҳама, Афғонистон ва Эрон низ бо хати ниёгон ба табъ расид.

Олими дақиқкор бо ин асари худ таърихи миллатеро, ки дар илму фарҳанг ва таъриху тамаддуни башарӣ нақши барҷаста бозидааст, аз нав зинда гардонид.

Бобоҷон Ғафуров дар асоси садҳо далели холисонаи илмӣ дар шоҳасари худ исбот намуд, ки миллати фарҳангиву тамаддунофари тоҷик бо доштани чунин таърихи пурифтихор, мероси ғании илмиву адабӣ ва анъанаву арзишҳои асилу пурбор ҳаргиз ба таърихсозӣ, яъне таҳрифи огоҳонаи таърих ва афзалиятхоҳиву бузургтарошии бебунёд эҳтиёҷ надорад.

Арзиши баланд ва таҳлилу таҳқиқи фарогири илмии ин асар аз ҷониби маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ ба таври сазовор истиқбол ва эътироф гардид.

Хизмати дигари барҷастаи Бобоҷон Ғафуров дар он аст, ки бо заҳмату талошҳои ӯ солҳои 40-ум – 70-ум дар Тоҷикистон мутахассисони баландпояи илми таърихшиносӣ тарбия ёфтанд ва ба камол расиданд.

Бо ташаббуси академик Бобоҷон Ғафуров солҳои 1963 – 1965 бори аввал асари илмии «Таърихи халқи тоҷик» дар се ҷилду панҷ китоб омода ва нашр гардид, ки дар ҳаёти илмиву фарҳангии кишвари мо рӯйдоди бесобиқа буд.

Бобоҷон Ғафуров дар давраи роҳбарии худ тавонист як гурӯҳ олимону шарқшиносони барҷаста – А. Семёнов, М. Андреев, А. Якубовский, М. Дяконов, А. Беленитский, А. Окладников, А. Манделштам, Б. Литвинский, Е. Давидович ва дигаронро барои фаъолияти доимии корӣ ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои

Тоҷикистон даъват намояд.

Минбаъд бо кумаку ташаббуси бевоситаи ӯ соли 1971 «Шоҳнома» дар 2 ҷилд ба забони русӣ ва 9 ҷилд ба хати ниёгон дар «Силсилаи мероси хаттии Шарқ» ба табъ расид.

Дар он солҳо таҳқиқоти бевоситаи Бобоҷон Ғафуров ё зери назари ӯ силсилаи асарҳои «Фирдавсӣ – шуҳрат ва ифтихори маданияти ҷаҳонӣ» (1972), «Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал - Берунӣ» (1974), «Амир Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Ҳашт биҳишт»» (1971), «Мирзо Ғолиб – шоири бузурги Шарқ» (1972) ва «Ал-Форобӣ дар таърихи маданият» интишор ёфтанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногун сазовори баҳои баланд гардиданд.

Дар хориҷи кишвар тарҷума ва нашр гардидани асарҳои арзишманди Бобоҷон Ғафуров, аз ҷумла «Тоҷикон», «Дар бораи робитаҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар замони Ҳахоманишиҳо», «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ» далели равшани эътирофу эътибори ҷаҳонии ӯ мебошад.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муҳаққиқи барҷаста ва ташаббускори илм дар рушди ховаршиносӣ низ саҳми бузург гузошт.

Ӯ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ илми шарқшиносии Шӯравиро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад.

Пас аз сарвари Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ таъин шудани ин донишманди бузург доираи омӯзиши таъриху фарҳанги мардумони Машриқзамин хеле васеъ гардид.

Дар он солҳо бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров перомуни масоили тамаддуни мардуми Шарқ бузургтарин конгрессу симпозиумҳои байналмилалӣ баргузор гардиданд.

Яке аз чунин ҳамоишҳои донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ, ки ба масъалаи басо муҳим – омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кушониён бахшида шуда буд, соли 1968 дар пойтахти Ватани мо – шаҳри Душанбе доир гардида, боз як саҳифаи торики таърихи гузаштаи халқи моро равшан сохт.

Институти шарқшиносӣ дар давраи роҳбарии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик дар муддати хеле кӯтоҳ на танҳо дар собиқ Шӯравӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз марказҳои бузургтарини илмӣ дар самти омӯзиши кишварҳои Осиё ва Африқо табдил ёфт.

Ба шаҳодати шарқшинос – ҷопоншиноси маъруфи рус Владимир Алпатов он давра «марҳалаи беҳтарин дар ҳаёти институт буд».

Маҳз ба ҳамин хотир, олими тоҷик Бобоҷон Ғафуров яке аз поягузорони шарқшиносӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Россия шинохта шудааст.

Бобоҷон Ғафуров дар таърихи гузаштаи халқҳо, пеш аз ҳама, лаҳзаҳоеро меҷуст, ки роҳро ба созандагӣ, наздикӣ ва дӯстии онҳо ҳамвор созанд.

Имрӯз мо ифтихор дорем, ки маҳз фарзанди номдори миллати мо дар таҳқиқи тамаддуни мардуми Осиё ва Африқо пешоҳанг буд ва дар ин ҷода корҳое ба сомон расонид, ки солҳо аз ёди мардумони Машриқзамин нахоҳанд рафт.

Бобоҷон Ғафуров ҳаёт ва фаъолияти гуногунҷанбаи худро на танҳо ба пешрафти иқтисодиёту маънавиёти Тоҷикистон бахшидааст, балки ҳамчун олим ва сиёсатмадори оқил сарфи озодиву истиқлол ва рушди илму тамаддуни бисёр кишварҳои Шарқ низ кардааст.

Хизматҳои ӯ дар роҳи ба ҳам наздик сохтани тамаддунҳо ва таҳкими сулҳ дар сайёра бо медали тиллоии Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ қадршиносӣ шудаанд.

Ӯ ҳамчунин яке аз аввалин шахсоне мебошад, ки бо ҷоизаи байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру сарфароз гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров барои фаъолияти гуногунҷанбаи худ, инчунин, бо даҳҳо мукофоти олии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардонида шудааст.

Ҳозирини гиромӣ!

Бояд таъкид кард, ки гиромидошти номи неки Бобоҷон Ғафуров мактаби бузурги тарбияи худогоҳиву худшиносии таърихӣ ва ифтихори миллӣ мебошад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки хотираи

ин фарзанди фарзонаи миллатро пос дорем, шоҳасари «Тоҷикон» ва дигар осори бегазанди ӯро пайваста омӯзем ва аз кору фаъолияти фидокоронааш сабақ гирем.

Ин амр, бахусус, дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Ин ҷашнро дар фазои созандагиву бунёдкорӣ, дар рӯҳияи ваҳдату якдигарфаҳмӣ, ҳисси баланди миллӣ ва саъю талош ба хотири таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ истиқбол гирифтан қарзи ватандории ҳар як фарди огоҳу бедордили ҷомеа мебошад.

Ман дар мулоқоту суханрониҳои худ ҳанӯз аз оғози фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат борҳо иброз дошта будам, ки мо бояд кӣ будани аҷдодамон ва худамонро донем, яъне решаҳои худро шиносем, ба онҳо арҷ гузорем ва аз насли ориёӣ, яъне ориёитабор буданамон ифтихор намоем.

Яъне мо бояд донем ва ифтихор дошта бошем, ки яке аз қавмҳои асосии ориёӣ ҳастем.

Дар робита ба ин, дар Паёми худ 26-уми декабри соли 2019 ба Ҳукумати мамлакат супориш дода будам, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби Фонди захираи Президенти кишвар чоп карда, то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оила дастрас намояд.

Дар идомаи ин иқдом ва ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бо амри Президенти мамлакат аз моҳи июли соли 2022 озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» эълон гардид.

Ин озмун бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори тоҷикон, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва шинохти нақши миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни башарӣ дар чор марҳала баргузор гардид.

Имрӯз дар ин толор ғолибони даври сеюму чоруми ин озмун ва гирандагони шоҳҷоиза ҳузур доранд.

Бо истифода аз фурсат, ғолибон, гирандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ин озмун ширкат доштанд, самимона табрик мегӯям.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки иштироки ҳар як фард дар ин озмун нишонаи муҳаббату дилбастагӣ ба таърих, забон ва фарҳангу маънавиёти миллати тамаддунсози тоҷик мебошад. Ҳамзамон бо ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дастовардҳои назаррас дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги деринаи тоҷикон дар арсаи байналмилалиро омӯхта, пешниҳод манзур намояд.

Мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки ҳаёту фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров ва асари безаволи ӯ «Тоҷикон», дар ҳақиқат, солҳои 70-уми асри гузашта ба болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо такони ҷиддӣ бахшид ва ин раванд дар даврони соҳибистиқлолӣ ба хотири пояндагии миллат ва таҳкими иқтидори давлатдории навини тоҷикон ба маҷрои тоза ворид гардид.

Ҳадафи мо аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангиву тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландиву сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳарчи бештар ва оқилона истифода барем.

Бо таъкиди ин нуктаи муҳим бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, ҳамаи шумо – меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромиро ба ифтихори 115-умин солгарди зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров табрик гуфта, барои шумо сулҳу субот, саломативу хонаободӣ, пирӯзиву сарбаландӣ ва ба кулли сокинони мамлакат зиндагии босаодат орзу менамоям.

**Аминҷон ЗАРИФӢ,**
**устоди Коллеҷи политехникии**
**ноҳияи Зафаробод**

# “ШОҲНОМА” ВА “ТОҶИКОН” – ДУ ШАҲБОЛИ ТАВОНОИ МИЛЛАТ

**Худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ ва огоҳӣ доштан аз таърихи гузаштаи халқ ва ошноӣ бо корномаи фарзандоне, ки дар роҳи расидан ба озодиву Истиқлол ва таҳкиму пойдории давлатдории миллӣ талош кардаанд, сарчашма мегирад. (Эмомалӣ Раҳмон. Шиносномаи миллат. Пешгуфтор ба “Тоҷикон” саҳ.15)**

Миллате шарафёби комёбист ва ҳуқуқи зинда мондан дар гирдудорҳои давру замонро дорад, ки фарзандони оқил ва хештаншиносаш бо нури хирад ҳофизаи таърихию фарҳангияшро ҳифз ва дар шароити мусоид ба наслҳо мерасонанд. Таърих дар авроқи хеш зиёд асрори нуҳуфтае дорад, ки танҳо ворастагоне ба умқи он расидаанду рисолати хеш ба сомон расонидаанд. Миллате, ки дар китоби падари таърих Ҳеродод “Таърих” чун асилзодагон ёд шудаву дар осори Арасту зи шаҳомати ашрофзодагону русуми озодагони он зикр рафта ва дар “Таврот”- и муқаддас аз “Устувонаи Куруш” бо номи “Силиндри Куруш” чун арзиши олии ҳуқуқ ва адолат бо ихлосу садоқат васф шуда, офтоберо мемонад, ки ҳоҷат ба муаррифӣ надорад. Чуноне, ки Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозанд “Таърихи пурифтихори миллати тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад” ва фарогирифтани ҳамаи давраҳои рушду такомул ва афтишу парокандагиҳои он дарсест омӯзанда ва ибратбахш. Истиқлол дар бедории афкори миллӣ, дарки хештаншиносӣ ва шинохти таърихи бостонии миллати тоҷик муҳимтарин падидаи созандаю бунёдкор аст. Ибтикороти сиёсӣ, пайкори фарҳангӣ, ҷасорати ҷавонмардонаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ин масири эҳёгарӣ муҳимтарин таконбахш ва рисолати ватандорист, ки дар таърихи давлатсозии миллат беназир аст. Тоҷикон яке аз наслҳои хушбахт ва сарафрози Ориёӣ ҳастанд, ки баъди ҳазор соли бебанду борӣ, маҳрумият аз нуфуз ва қудрати сиёсӣ дар сарзамини аҷдодӣ соҳиби Истиқлол ва лидери сиёсие гардиданд, ки тавонист дар эҳёву ваҳдати миллат, шинохти асолат, таърих ва фарҳанги миллат пешгом бошад. Шинохт ва қадршиносии чеҳраҳои мондагори сиёсӣ, фарҳангӣ, адабӣ, ки дар ташаккул ва рушди давлатдорӣ, мубориза истиқлолхоҳию озодиталабӣ, ривоҷу густариши адабиёт, санъат, ҳунар ва фарҳанги миллати тоҷик саҳмгузору ҷонфидо буданд, худ қаҳрамонист. Рисолати равшангарӣ бозгардони саҳифаҳои фаромӯшгаштаи хотироти миллат ва бедорсозии ҳофизаи таърихии он аз тарафи Пешвои муаззами миллат аз рӯзҳои аввали бар сари қудрати сиёсӣ омадан муассир буд. Зина- зина ба сӯи қуллаи мурод раҳнамоии насли наврасу ҷавон ва ташкили озмунҳои ҷумҳуриявии адабию фарҳангӣ, таърихию ҳунарӣ таконбахши худогоҳӣ, хештаншиносӣ гардид. Руҷӯъ ба таърихи ҳафтҳазорсолаи тамаддунҳои барпонамудаи ақвоми Ориёӣ, ки тоҷикон яке аз меросбарони асили он мебошанд, эҳёгарист ва рисолати паёмрасонист. Рисолати муқаддаси роҳбарияти сиёсии давлат, элитаи сиёсии бедор, равшанфикрон, аҳли зиё, донишмандони асили миллат дар он аст, то арзиши бебаҳо ва деринтизор будани Истиқлолро дар зеҳнияти миллат, дар рӯҳу ҷон ва хуну равони наслҳои ҷавону наврас ҷойгузину мустаҳкам намоянд, то дар ҳар нафаси кашида, дили онон дар ишқи Ватан, хоку оби аҷдодӣ, муқаддасоти ин сарзамини биҳиштӣ битапад. Хушбахтона дар сиюду соли Истиқлол миллат бо кору пайкори абармардони арсаи давлату

сиёсат оғоз аз Куруши Кабир, Дориюши Бузург, Ардашери Бобакон, Баҳроми Гӯр, Шопур, Кайхусрав, Баҳроми Чӯбина, Ҳусайн ибни Тоҳир, Яъқуб ва Амрӯи Лайси Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ, озодихоҳону ватандороне чун Спитамен, Абумуслими Хуросонӣ, Шорики Бухороӣ, Муқаннаъ, Деваштич, Сарбадорони номдор, Темурмалик, Восеъ, пешвоёни кешу ойини аждодӣ Зардушти Спитамон, Монӣ, Маздак ва даҳҳо қаҳрамонони ориёигаҳвар шинос гардид, ки гардиши куллӣ дар тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва ифтихороти наслҳо шуд. Акнун бо шарофати озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон- Ватани азизи ман” санъат, ҳунар, мусиқии бостонии миллат, Шашмақому Фалак, ҳунарҳои мардумии чакандӯзӣ, адрасу атласбофӣ, наҷҷорию заргарӣ эҳё ва насли ҷавони кишвар рисолати меросбариро бар дӯш гирифтанд. Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ” беҳтарин падидаи фарҳангист, дар паҳнои кишварҳои пасошӯравӣ, ки миллатро ба гулбоғи китоб ва ҷаҳони маънавиёту фарҳанг ҳидоят намуд. Шодбошист, ки чеҳраҳои навини сухандону сухангустар дар ин фурсати кутоҳ ба майдони илму адабу фарҳангу санъат падид омаданд, ки умедворкунандаи фардои дурахшони миллат аст. Симурғи ҷонбахшои миллат забони шаккарину сеҳрофарини паҳлавист, ки бо ҷабри таърих ва ҷудоиандозиҳои ғосибон дар се гӯшаи Ариянавайҷаҳ (Фарохнои Ориёно) бо номҳои шогуни порсӣ, тоҷикӣ, дарӣ тӯли ҳазорсолаҳост бори маънавиёт, фарҳанги асилзодагону озодагонро ба ҷовидона мебарад. Ин лафзи биҳиштӣ дар тамаддунсозӣ, фарҳанггустарӣ ва тарбияву парвариши ахлоқи ҳамида, дарси одамият, покиву адлу мадоро, муруввату ато, сулҳу осоиш ва дӯстиву меҳр бар бани инсоният кӯҳи китоб, қасри ганҷи маъониро ҳадя сохтааст. Фарзандони фарзонаву фаршедфари он танҳо бо килки сеҳрангези хеш шикори дилҳои огоҳ намудаву бо нури хуршедии илму ҳикмати муғона, қаламрави нуфузи ҳикмату фарҳанги Ориёноро ба шаш иқлими олам бурдаанд. Озмуни ҷумҳуриявии “Илмфурӯғи маърифат” такони ҷиддие дар рушди зеҳнияти илмӣ, бедории ҳофизаи таърихӣ дар кашфи асрори илм, техника ва созандагӣ гардид. Ин гомҳои нахустин дар бедории шуури илмӣ, афкори дунявӣ, рӯй овардан ба илмҳои дақиқ, риёзӣ, табиӣ ва тиббӣ буд, ки дар хуни ҷавонони огоҳ ва ташнаи илм генҳои ирсии Синову Берунӣ, Форобию Хоразмӣ, Хайёму Дониш ва садҳо нобиғагони тоҷикро бедор сохтаву ғулғула ангехт. Ҳарчанд аз ин иқдомот муддати каме сипарӣ шуда, аммо нишондодҳо дилгармсозанда аст. Хушбинии мо зи он аст, ки ҷойгоҳи алломагон дар ҳамаи даврони таърих барои миллати шарифи тоҷик ҳеҷ гоҳ холӣ набудааст. Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон –оинаи таърихи миллат” зинаи заррин дар худогоҳию хештаншиносии миллат аст, зеро таърих дақиқан нишон дод, ки ҳазор соли дур мондан аз қудрати сиёсӣ ва зери нуфузи ғосибону бегонагон бо муросову мадоро, таҳаммулу сабр зиндагӣ намудан ба афкору зеҳнияти миллат зарбаҳои ҷонкоҳ расонидааст. Ақвоми Ориёӣ баъди фурӯпошии империяи фароҳдомони Сосониён ва давлати миллии Сомониён дигар ба худ наомад ва то ба гӯш ба ботлоқи сохтаи ғосибон, ки қатлу куштор, зӯру озор, таҳмили ақидаву афкор, дину мазҳаб, расму одати бадавию саҳроӣ бо хун мавҷ мезад фурӯ рафта буд. Мубориза ва ҷангҳои рӯёрӯ дигар корагар набуд, зеро қувва нобаробар ва пуштибону чорагаре намонда буд. Танҳо илм, дониш, хирад, фарҳанг ва қалам муттакою наҷотбахши озодагону нухбагони бофар буд. Дигар танҳо ҷомаи дарвешию қаландарӣ, тақвою гӯшанишинӣ муҳофизи ҷонҳои бедор буд, варна ягона пӯшту паноҳ қуллаи кӯҳу ғору камар барои мардони боғуруру ҷонсахт макон гардид. Ин ҳақиқати талх аст, ки дурӣ аз ҳам фарзандони як падару як модар, насли Фаридуни фаррухпайкро аз ҳам ҷудою бегона, гоҳе душмани ҳам сохта буд. Ин нуктаи заъф барои ғосибон бисёр муфид афтод ва чандин бор бо дасисае ба набарду бархӯрдҳои хунин анҷом ёфт, ки бегонагон аз он манфиат бардоштанд. Ибтидои асри бистум бо шарофати Инқилоби Октябр таърих ба рӯи тоҷикон лабханде зад, аммо бо фиребу дасисаи бегонагон ва ноогоҳию ҷаҳолати худбохтагони миллат ин заҳрхандаи қисмат гашт. Зеро, ба тоҷик

аз мулки меросию аҷдодӣ танҳо як гӯшаи ноободи кӯҳистон расид. Балвою ҷанги тоҷиккӯши таҳмилии солҳои 30-юми асри гузашта, тамоми озодагони бедорро аз байн бурд. Ин фоҷеаи нангин дар интиҳои асри бистум, вақте давлати шӯравӣ пароканда гардид ва дигар ҷумҳуриҳо ба миллисозии мероси ин абаркудрат сар ба сар мезаданд, барои тоҷикон боз такрор гардид. Бадбахтона ин вартаи бетаге буд, ки умеди ҳамаро бишкаст ва нифоқи андохтаи бегонагон ба ҳассосияти динии мардум корагар гашту писарро бо падар, бародарро бо бародар душман сохт. Ин шикасте буд, басо сангин ва мушкилпайванд. Ин нуктаи заъфи мо тоҷикон аст, ки хело дӯстдору эътиқодманди аҳкомҳои динию мазҳабӣ ҳастем ва барои ҳар иқдому амале, ки ба номи худову паёмбар, китобу пешвоёни мазҳаб аз номи касе эълон мешавад бо сарсупурдагӣ мехезем, ҳар харҷу хароҷоте, ки фармоянд як бар даҳ медиҳем. Аммо, намепурсему дарк намекунем, ки паси ин фатвою маъвизаҳо кӣ меистаду чӣ ҳадафҳо дорад? Хушбахтона, заковати азалии миллати фарҳангӣ, ботамаддуну созанда ва сабуру ботаҳаммули тоҷик аз нав фурӯғи оламгир намуд ва сулҳу ваҳдат насибамон гашт. Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон – оинаи таърихи миллат” ба муносибати 115-солагии фарзанди фарзонаи миллат Қаҳрамони Тоҷикистон, Аллома Бобоҷон Ғафуров ва иқдоми эҳёгаронаю миллатсози Пешвои муаззами Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҳадя намудани китоби “Тоҷикон” ба ҳар оилаи хонадони Тоҷикистон беназиртарин қадаме буд, дар шинохти асолати таърихӣ ва эҳёи ҳуввияти Ориёии миллат.

Сиюду соли Истиқлол назди таърих ҳеҷ аст, аммо он пайкоре, ки Пешвои миллат тӯли ин даврон дар самти давлатсозӣ, миллатсозӣ ва эҳёи арзишҳои ориёии миллат бахусус шинохти чеҳраҳои мондагори миллат намуданд ва чандин пешниҳоду дархостҳои фарҳангию экологӣ барои кулли башар ироа сохтанд, нодиртарин натанҳо барои мо, балки барои тамоми ҷаҳониён аст.

Мо наметавонем, дар як гузориш ҳамаи он иқдомотро номбару баррасӣ намоем, танҳо фарҳанги сулҳофарии тоҷикон дарси беҳамтоест, ки якчанд донишкадаҳои сиёсию сотсиологии сатҳи ҷаҳонӣ онро метавонанд даҳсолаҳо пажӯҳиш намоянд. Ҳамаи ин озмунҳо агар барои иштирокчиён, мураббиён, омӯзгорон падару модарон, ном, ифтихор, дониш, ҳамчунон мукофоту маблағҳои зиёдеро армуғон оварда бошад, барои тарбияи наслҳои навин, дарси бузурги хештаншиносию худогоҳии миллист, ки арзиши он ҷовидонист.

Симпозиуми байналмилалии “Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик”, ки ба муносибати гиромидошти 115-солагии зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров санаи 05.12.2023 бо иштироки аҳли зиё, донишмандони улуми таъриху бостоншиносӣ, шарқшиносон, тарҷумонҳои шоҳасари “Тоҷикон” аз кишварҳои хориҷӣ таҳти раёсати Академияи миллии илмҳо ва сарпарастию ҳидояти бевоситаи Пешвои муаззами Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри ҳамешабаҳори Душанбеи нозанин баргузор гардид, бори дигар нуфузи илм, фарҳанг, таърих, нобиғагони миллатро дар арсаи тамаддуни ҷаҳонӣ боло бурд. Ин Симпозиум бори дигар эътирофу қадршиносии шӯҳрати илму фарҳанги миллати тамаддунсози тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ буд. Дар Симпозиум тарҷумонҳои шаҳкитоби “Тоҷикон” бо забони чинӣ, форонсавӣ, арабӣ, урдӯ ва дигар забонҳои олам, донишмандони шарқшинос маърӯзаҳои илмӣ намуда, пиромуни саҳми мондагори академик Бобоҷон Ғафуров дар ташкил, рушд ва нуфузи илми шарқшиносӣ дар ҷаҳон, инчунин қимати академикии китоби “Тоҷикон” бо ҳусни ихлосу эҳтиром суханронӣ намуданд. Дар боби хиради азалӣ, касбият, чашми кордонӣ, одамият, этикаи баланди инсонӣ, фидокорӣ дар ҷодаи илм, посдори фарҳангу ойини ориёӣ ва шарқиёна будани фарзанди фарзонаи миллат Бобоҷон Ғафуров академики Академияи илмҳои Россия Виталий Наумкин бо ҳусни ихлоси бузург изҳори назар намуд. Муовини директори Институти Аврупо, Россия ва Осиёи Марказии Академияи илмҳои Чин Сзин Сзэ пайғоми

тарҷума ва нашри академикӣ шудани китоби “Тоҷикон”-ро бо забони чинӣ расонид ва таъкид намуд, ки ин китоб дар шинохти таърихи тамоми халқҳои Осиёи Миёна ва сокинони сарҳадии Чин хело зарурӣ ва барои роҳандозии барномаи “Як қатора- як роҳ” чун тақвиятбахши Шоҳроҳи бузурги абрешим ниҳоят муфид аст. Донишманди фарзона ва нуктадони Донишгоҳи Теҳрон Ҳасан Булхорӣ бо шодию фараҳ муждаи нашри “Тоҷикон” ва “Тоҷикон дар оинаи таърих”, инчунин интишори маҷмуаи ашъори шоирони тоҷик аз ҷумла устод Лоиқро дар Эрон расонид ва пиромуни аҳамияти ҷаҳонии пайкори Аллома Бобоҷон Ғафуров дар шинохти тамаддуни Ориёӣ бо самимияти хос сухан ронд. Маърӯзаи шарқшиноси фаронсавӣ Франсис Ришар бо забони шевои форсӣ намоди ғановатмандӣ ва забони илму адаби ҷаҳонӣ будани забони форсӣ- тоҷикӣ буд. Тарҷимаи “Тоҷикон” бо забони франсавӣ ин шаҳпули бузурги фарҳангӣ байни Осиё ва Аврупо гардид, ки хизмати ин донишманд ва тарҷумони мумтоз лоиқи қадршиносист. Бо забони урдӯ тарҷума намудани “Тоҷикон”-ро доктори таърихшиносӣ Навшоҳи Ориф аз Покистон шарафи бузург дониста, қайд намуд, ки шибҳаҷазираи Ҳинд як пораи таърихии Ориёст ва шиносоии ин мардумон бо “Тоҷикон” дарёфти арзишҳои таърихии худ аст. Иброҳим Истамбулӣ бо муҳаббат изҳор дошт, ки ҳарчанд давлати Сурия дар мушкилоти сиёсию иқтисодӣ печидааст, лекин тарҷума ва нашри академикии китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров бо забони арабӣ анҷом дода шуд, зеро дар худшиносии арабҳои суриёнӣ чунин тадқиқоти фарогир барои бедории миллӣ зарур аст. Ҳарчанд ду маротиба бо забони арабӣ дар Миср китоби “Тоҷикон” тарҷумаву нашр шудааст, вале то ҳол талабот ба ин китоб дар ҷаҳони араб ва сомизабонони олам зиёд аст.

Таваҷҷӯҳи донишмандони олам бахусус шарқшиносон ба ин шаҳкитоби мукаммал ва фарогири мавзуҳои баҳсноки Шарқ ва исботи онҳо бо далелҳои илман асоснок дар солҳои охир хело боло рафтааст. Маърӯзаи илмӣ ва коршиносонаи Пешвои муаззами Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзӯи “Бобоҷон Ғафуров бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик” ба ифтихори 115-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров пажӯҳиши мукаммал дар асоси мадракҳои илмӣ ва таърихӣ буда, ангезаи арзишманди тарбиявӣ ва ҳидоят ба сӯйи шинохти асолати таърихии миллат гардид. Нуктаҳои ҷолиб ва оянданигарона ин пешниҳоди таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дастовардҳои назаррас дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги деринаи тоҷикон дар арсаи байналмиллалӣ ва чопу ба тамоми оилаҳои Тоҷикистон ҳадя сохтани китоби “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ буд, ки бо хушнудиву шодӣ пазируфта шуд.

Ин иқдоми накӯ, фарҳангӣ, миллатсоз, эҳёгаронаи Пешвои муаззами Миллат идомаи он зинаҳои тақвиятбахши Истиқлол, озодӣ, ташкили давлат бо ормонҳои наҷибу фархундаи Ориёист, ки тоҷикро ба асли хеш мерасонад, то наслҳои бедору закӣ баҳри зиндасозии шаҳомати Озодагон кору пайкор намоянд. “Шоҳнома” – симурғи ҷонбахшои Ориёзодагон аст, ки дар хеш тамоми шаҳомату шукӯҳ ва осору унсурҳои таъриху фарҳанги ориёии миллатро гирдоварию таҷассум сохтааст ва шиносоӣ бо он шинохти таърихи ниёгони хеш асту дарси бузурги Ватандорӣ, мардонагӣ, ростӣ, хирадмандӣ, меҳру вафо, одамият, ҳикмати покию некӣ ва ҷасорату паҳлавонӣ. “Шоҳнома” ва “Тоҷикон”-ду шаҳболи тавонои миллат, ду шаҳболи Симурғи ҷонбахшой ҳастанд, ки яке бо назм ва дигаре бо наср ҳар яке тули сисолӣ навишта шудаанд, ки бисёр рамзист. “Шоҳнома”- и ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) бузургтарин ҳамосаи миллии Ориёист, ки фарогири фалсафаи ростию хирадгароӣ, далели таърихи бостонӣ, ҷилои илму адаби инсонсозу даҳршинос, намои сиёсати ваҳдатгарою боадолат, шукуфаи фарҳангу иҷтимои инсонмеҳвар ва ойинадори андарзи пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек аст. Бино бар таъбири аввалин рисолаи

илмӣ дар фирдавсишиносӣ “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”- и ӯ”- и Устод Садриддин Айнӣ (1934) “Шоҳнома”-и безавол ҳамосаи ватандорӣ ва муборизаи некӣ бар бадист. Дарунмояи ҳикмати ин шоҳасари беҳамто ва шаҳкории хиради малакутии инсон нумӯъ зи ин мабдаъ дорад:

**Биё то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**

Бо маниши нек зистан, нек андешидану бо некӣ гуфтору амал ва пайкори некӣ бо бадӣ чун хати сабз зи оғоз то интиҳои “Шоҳнома”-ро фарогир аст. Ҳақ бар ҷониби фирдавсишиноси тавоно ва шоҳномапажӯҳиши мумтоз Ҷамолиддин Саидзода аст, ки “Шоҳнома”-ро бояд чун “Гимни мардумони эронитабор, оинаи тамомнамои эронийт ва баёнгари рӯҳи бузурги эронӣ, китоби хештаншиносӣ ва ватанпарварӣ, далели ҷовидонагии ақвоми Ориёӣ...” бишносем. (Ҷ. Саидзода “Фирдавсӣ –шоири паёмрасон” Д-бе-2022 саҳ.12-13). “Шоҳнома”- ҷамъбаст ва хулосаи асотири бостонии ориёӣ, зиндасозандаи аҳкомҳои “Авасто”, гулчини достонҳои “Худойномак”, ба риштаи назм кашидани “Шоҳнома”-ҳои Масъуди Марвазӣ (в.955), Абӯмансурӣ (в.957), Абулмуайяди Балхӣ (в.963) ва ба зевари таъби солим баркашидани дурдонаҳои достону ривоёти озодагону кундоварон ва паҳлавонони эронитабор аст. Ҳаким Фирдавсӣ инқилобе дар ҷони бедорон афрӯхта, оташакеро, ки шоир Дақиқӣ бо ҳазор байти ватандорӣ вогузошт ба гулхани бузурге мубаддал сохта, равшаноию гармӣ ба дилҳо овард ва ба ҷовидонагӣ бипайваст. “Шоҳнома”- фарҳангу булуғи фари инсонист ва паёми бедорӣ. Ҳарчанд бо гузашти айём дар пайравии “Шоҳнома” достонҳои “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ, “Луҳроспнома”, “Сомнома”-и Ҳоҷуи Кирмонӣ, “Баҳманнома”- и Эроншоҳи Абулхайр, инчунин “Фаромарзнома”, “Барзунома”, “Шаҳриёрнома”, “Бежаннома” ва даҳҳо достони ҳамосӣ навишта шуданд, аммо ба пояи сухан ва ғурури ватансароии Фирдавсӣ нарасидаанд. Рӯҳи бедори ориёӣ ва эронийт дар “Шоҳнома” бо шаҳомати ҷаҳонпаҳлавон Рустами Дастон, покиву ҷасорат, ободкорию меҳр ва султҳталабӣ дар тимсоли Сиёвуш, фарри хуршедии давлатдорӣ дар пайкори Ҷамшеду Фаридуни фаррухпайк, Кайхусрав Ардашери Бобакон, хираду ростӣ, адлу покӣ дар ойни Зардушт ба ҷавлон аст. “Шоҳнома” –бузургтарин ганҷ ва сарвати маънавии ориёист, ки забон, ҳикмат, афкор, андеша ва русуми озодагонро зинда намудааст, агар ба қавле Фирдавсӣ набуд, эронийт аз миён мерафт. Шинохти “Шоҳнома” –шинохти миллат, таърих забон, фарҳанг ва асолати эронист.

Агар Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”-и безаволи хеш сипаре бар ҷони миллат аз зарбаҳои ҷонсӯзи аҷнабиёни бадавию кучманчӣ шуда бошад ва Аҷамро аз маргу нобудӣ, фаною нестшавӣ зинда карда бошад, Аллома Бобоҷон Ғафуров бо “Тоҷикон”- и беҳамтои худ муште бар даҳони душманони таъриху фарҳанг, забону адаби ҳафтҳазорсолаи тоҷик задааст. Ин иқдоми наҷиб ва фарҳангӣ арзиши бузурге дорад дар сохтани насли бедор худогоҳ, фарҳангӣ, озода, ориёӣ ва ихтирокору накуандеш, ки самараи он солҳои наздик бар коми миллат ва фарҳанги ҷаҳонӣ мерасад. Чашми он дорем, ки аҳли зиё, рушанфикрони ҷомеа, адибону рузноманигорон, филмноманависону киносозон, оҳангсозону рассомон ин пешниҳоди фарҳангиро бо дилу ҷон қабул намуда, ба пажӯҳиши ин ду Шаҳболи Эҳёсози Тоҷик мепардозанд ва асарҳои хештаншиносона барои миллат меофаранд. Зеро дастрасӣ ба ҷаҳони иттилоъ бо технологияи муосир осону дастрас аст ва баҳри мутобиқшавӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳифзи арзишҳои асолати миллӣ, воридсозии иттилооти муфиди фарҳангию таърихӣ аз ин ду асари беназир қарзи фарзандӣ ва фари фарзонагист. Зеро:

**Ҳарф ҳарфу вожа вожа “Тоҷикон” қомуси мост,**
**Зиндасози таърихи ҳафт пушти бономуси мост.**
**ё,**
**Маснади “Шоҳнома” Қуръони дарист,**
**Минбари Фирдавсӣ худ пайғамбарист.**

**Саъдулло ҲАЙДАРӢ, дотсент,**
**устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# “ТОҶИКОН” - ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ Ё МУХТАСАРЕ ДОИР БА РӮЙИ ЧОП ОМАДАНИ ИН АСАРИ БЕЗАВОЛ

Фарзанди барӯманду оламшинохти тоҷик Бобоҷон Ғафуров парвардаи муҳити илмиву эҷодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии асри XX буда, тавонист аз имкониятҳои фароҳамовардаи айём истифода барад ва таърихномаи миллати худро, ки орзуи ҳамешагиаш буд, бо номи «Тоҷикон» ба вуҷуд оварад. Ин асари бунёдӣ соли 1972 аз тариқи нашриёти бонуфузи «Наука»-и шаҳри Москва бо забони русӣ чоп шудаву дастраси мухлисону ҳаводорони таърихи халқи тоҷик гардид.

Маҳз кӯшишу ғайрат ва ҷасорати илмии Аллома Бобоҷон Ғафуров буд, ки таърихи халқи тоҷик нигоштаву бо ин васила номи муаллифи китоб шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кард. Тавассути мутолиаи ин китоб хонанда огоҳ мегардад, ки «гузаштаи халқҳои Шарқ, аз он ҷумла тоҷикон» фақат «аз силсилаи беинтиҳои ҷангу ҷидолҳо ва табаддулоти дарборӣ» иборат набуда, балки «баъзе маълумоти роҷеъ ба таърихи маданиятро дучор омадан мумкин аст»[1]. Ба қавли файласуфи тоҷик Акбар Турсонзод «Тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин халқҳои мутамаддинанд, ки саҳмашон ба ганҷинаи илму фарҳанги ҷаҳон кайҳост мавриди эътибору эътирофи оламиён қарор гирифтааст»[2].

Муҳаққиқи ҷӯяндаву бедордил Бобоҷон Ғафуров аввал заминаҳоро барои ба вуҷуд овардани асари барҷаставу пурҳашамате устувор поягузорӣ карда, ҳамзамон дар ин самт омӯзишро вусъат мебахшад, мавод гирд меоварад, бозёфтҳои бостоншиносонро меомӯзад, мақолаҳо иншо мекунад, ҳуҷҷату санад ва маъдакҳои дастрасро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, таҳлилу баррасӣ менамояд ва дар деги тафаккур мепазонад.

Дар заминаи омӯзишу пажуҳиш ва талаби айём даставвал бо ҳамқаламии Н. Прохоров китоби «Халқи тоҷик дар мубориза баҳри озодӣ ва истиқлолияти худ»-ро соли 1944 бо забони русӣ рӯйи чоп овард. Дар он анъанаи қаҳрамонию паҳлавонии аҷдодонамон дар мавриди марзу бумпарастӣ, ҳифзи сарзамин аз ҳуҷуми аҷнабиёни забткору ғоратгар ва хуношом воқеъбинона инъикос шуда, бо ин васила дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳифзи сарзамин ва хоки поки он аз хасми нопок ворисони Спитамен, Абӯмуслим, Муқаннаъ, Темурмалик ва Восеъ барин қаҳрамонон ба майдон омада, душманро то лонааш саркӯб намудаву маҳв гардониданд.

Соли 1947 роҷеъ ба таърихи тоҷикон аз ҷониби Б. Ғафуров асаре бо номи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» чоп шуд. Дар ин китоби пурмуҳтавою васеъманзар муҳаққиқ бо далелҳои раднопазири таърихӣ илман исбот кардааст, ки «тоҷикон қадимтарин халқи бумии Осиёи Миёна мебошанд» - «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» асарест, ки дар авроқи он саҳифаҳои хираи халқи тоҷик рӯшан инъикос шуда, бо ин васила муаллифи он бунёдгузори илми тоҷикшиносии ватанӣ шинохта шуд[3].

Барои бештар муаррифӣ кардани таърихи халқи тоҷик ва ба доираи васеи хонандагони гуногунзабон манзур гардонидани он муаллиф ин асарро соли 1949 бо забони русӣ ба табъ мерасонад, ки баъдан солҳои 1952 ва 1955 бо тавзеҳу иловаҳо боз ду маротибаи дигар бо ин забон чоп мешавад. Бо ин васила ҳам обрӯю нуфузи нигоранда афзун ва ҳам доираи мутолиакунандагонаш аз ҳисоби хонандагону муҳаққиқоне, ки забони русиро хуб балад бу-

данд, васеъ мегардад. Ибораи «таърихи мухтасар» дар унвони китоб як ҳадафи ниҳоии муаллифро дар худ ниҳон медошт, яъне, нигоштани таърихи муфассали он ҳам дар мади назар дошта шуда буд.

Ҷустуҷӯву омӯзиш имкон фароҳам овард то Бобоҷон Ғафуров доир ба вуҷуд овардани китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ҳамроҳи як гурӯҳи бонуфузи таърихнигорон ширкат варзад. Ин китоб, ки Бобоҷон Ғафуров ҷилдҳои якумашро бо академик Б. А. Литвинский ва дуюмашро бо А.М. Беленитский таҳрир намудаву дар омода кардани ҷилдҳои дигараш низ саҳми бевосита дошт, солҳои 1963-1965 дар се ҷилду панҷ китоб нашр гардид.

Баъди директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таъйин гардидан Бобоҷон Ғафуров фаъолияташро пурра ба корҳои илмиву ташкилӣ нигаронида, таҳқиқи таърихи пурвусъати тоҷиконро аз мадди назар дур нагузошт ва он ба шуғли доимии ин олими нуктасанҷу дақиқкор табдил ёфт.

Маҳз дар ҳамин давраи босамару доманадор Бобоҷон Ғафуров бомасъулияти дучанд ба таълифи китоби «Тоҷикон» оғоз кард. Натиҷаи ҷустуҷӯву омӯзиш шароит фароҳам овард, ки нигорандаи таърихи ниёкони некном «доир ба таърихи тоҷикон маводи зиёди илмӣ ҷамъоварӣ менамояд, сарчашмаҳои наву нодир дарёфт мекунад, аз асарҳои олимони англис, олмонӣ, амрикоӣ, фаронсавӣ, ҷопонӣ ва эронӣ истифода мебарад ва китобро бо такя ба дастовардҳои охирини илми матншиносӣ, таърихнигорӣ, сиккашиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ, антропология ва бостоншиносӣ барои нашр омода мекунад»[3, с.9], ки соли 1972 бо теъдоди 10 ҳазор нусха дар Москва бо забони русӣ чопу дастраси хонанда мегардад.

Китоби «Тоҷикон» ва номи муаллифи он аз рӯзҳои аввали чоп таваҷҷӯҳи муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб менамояд ва дар як муддати кӯтоҳ ба фурӯш меравад. Мухлисону ҳаводорони таҳқиқ барои дастрас кардани он тавассути телефон ба нашриёту бевосита ба муаллиф муроҷиат кардаанд. Албатта, теъдоди даҳ ҳазор нусха барои мутолиагарони як мамлакати сераҳолии ҷаҳон - ИҶШС хеле каму нобасанда буд.

Аввалтар ва аз ҳама бештар номи китоб, яъне «Тоҷикон» таваҷҷӯҳи ҳаводоронро ба худ ҷалб намуда буд, чунки бо ин ном чопи ин қабил асарҳоро дар он замон иҷозат намедоданд. Обрӯву нуфуз ва мавқеи илмиву ҷамъиятии муаллиф барои нашри китоб бо ин унвон мусоидат кардааст. Муаллиф дар ҷараёни нигоштани асари пурмӯҳтавои худ этикаи илмиро риоя карда, ба иззати нафси дигар миллатҳо нарасида, дар асоси методологияи пешқадами он замон машҳур - марксистӣ-ленинӣ мавзӯи доманадорро объективона таҳқиқу баррасӣ менамояд. Тавре, ки файласуфи тоҷик Акбари Турсонзод дар «Пояафрози миллат» ном навиштааш дар китоби «Қирони саъд» менигорад: «Охир, бидуни сифатҳои маънавие, ки зикрашон дар боло гузашт (ақлу фаросат, азму ғайрат ва ҷасорату матонат), ба иншои «Тоҷикон» барин шоҳасари таърихӣ пардохтан, масъалаҳои хурду калонеро, ки дар ҷараёни нигоштани китоб пеш омадаанд, зимни оқилона ба ҳам пайвастани тақозои замон ва объективияти илмӣ ҳаллу фасл кардан ва ниҳоят, аксуламали имконпазири саррофони гавҳаршинос ё ғаразмандро сарфи назар намуда, хунсардона афкору андешаҳои мусаббати худро ба арсаи илм баровардан амри муҳол буд»[2, с.162].

Асари мазкур дер бошад ҳам ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, соли 1983 ҷилди аввал ва соли 1985 ҷилди дувуми он аз чоп баромада, дастраси хонандаи тоҷик гардид.

Воқеан ҳам китоби «Тоҷикон» дар такя ба сарчашмаю манбаъҳои илмию адабӣ ва таърихӣ, бозёфтҳои бостоншиносию сиккашиносӣ, ҳуҷҷату санад ва мадракҳои нодири то солҳои 70-и асри гузашта дастрас навишта шуда, зимни мутолиаи он хонанда аз ташаккулу таназзулҳо, таҳаввулу бурду бохтҳо, комёбиву нокомиҳо, ҷабру ҷафоҳои таърих, дастовардҳои илмию фарҳангӣ, ҷасорату матонати қаҳрамонону паҳлавонони майдонҳои набарду корзор, марзу бумпарастони диловару шуҷои бонангу ор, муҳофизону синасипарони миллату меҳан, абармардони давлатсозу ваҳдатофар, ҷонфидоҳои худшиносу худогоҳ огаҳӣ ёфта, сабақи ҳаёту зиндагӣ меомӯзад.

Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳам мисли китоби «Намунаи адабиёт»-и С. Айнӣ, ки дар ибтидои асри 20, дар давраи бисёр ҳассосу сарнавиштсоз мавҷудияти миллати тоҷикро, соҳибмулку соҳибдавлат будани онро собит кард, рисолати худро дар давраи минбаъда ба ҷо овард, ба муаллифаш умри ҷовидон бахшида, ҳамчун асари мондагори безавол дар ин замонаи пурзиддияту сермониаи ҷаҳонишавӣ пояҳояшро боз ҳам қавӣ мегардонад.

Бахусус, таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шоҳасари «Тоҷикон» ва муаллифи он Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ҳамарӯза афзуда, маҳз бо ташаббуси Сарвари давлат ин асари оламшумул чандин маротиба бознашр шуда, охиран дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 таъкид шуд, ки «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносист ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем»[3, с.7]. Дар ҳамин замина «бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик китоби «Тоҷикон» аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитсон чоп карда, то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ ба ҳар як оилаи кишвар ройгон дастрас гардид», ки ин рӯйдоди фараҳбахши тахрихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Чину Полша, Ҳиндустону Ҷопон ва Афғонистон ҳамчунин бо забони ӯзбекӣ тарҷума ва чоп шудани осори Бобоҷон Ғафуров, ба хусус «Тоҷикон» аз он шаҳодат медиҳад, ки ин осор пурмуҳтаво, арзишманд ва дар сатҳи ҷаҳонӣ нигошта шудаанд.

Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар илми таърихшиносӣ ва шарқшиносии ҷаҳон ба сифати падидаи бузурги илмиву фарҳангӣ пазируфтаву эътироф шудааст. Тақризҳои ба ин асар навиштаи олимону муҳаққиқони шинохтаи ҷаҳон академик В.В. Пиотровский, А.П. Окладников, М.П. Ким, Е.М. Жуков, И.И. Минтс, М.А. Коростовсев, Р. Фрай, Шаши Бушан, Нурул Ҳасан, М. Лоренс, Файз Аҳмади Файз, Саидмуҳаммади Ҳаким, Ҳасани Донӣ ва дигарон аз он гувоҳӣ дода, арзиши бузурги онро муайян менамоянд.

Ин асар беш аз 50 сол боз дар мавриди худшиносӣ, худогоҳӣ ва вусъатбахшидан ба ҳувияти миллӣ хидмат ба амал оварда, аҳамияти рӯзафзунаш имрӯзҳо боз ҳам барҷастатар намо меёбад.

Амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 7 июли соли 2022 дар бораи доир намудани Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» дар соли 2023 ба истиқболи 115-солагии фарзонафарзанди миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров боз як ташаббуси дурбинона, хирадмандона ва ҷавонмардона дар ин самт буда, шаҳодат аз он медиҳад, ки ин асари пурарзиш боз барои садсолаҳо хидмат карда, моҳиятан кӯҳнашавӣ надорад. Ва ин озмун нишон дод, ки мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таърихи миллат таваҷҷуҳ доранд. Боиси ифтихор аст, ки аввалин барандаи Шоҳҷоизаи ин озмун донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шоира Давлатзода гардид

Китоби «Тоҷикон» барои фарҳангу адаб ва таъриху таърихникории мо қасри муҳташамеро мемонад, ки меъмори он Бобоҷон Ғафуров тамоми абзори барои бунёди он зарурро моҳиронаву устокорона ҷо ба ҷогузориву бастакорӣ намудааст, ки ҳеҷ боду борон ба он газандае расонида наметавонад. Он қасри устуворпояест, ки асосашро сутунҳои қавӣ, сангу хишт, обу гил, симону симбастҳои фулодии худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, ваҳдату баҳамоӣ, ҳамзистии осоишта ташкил медиҳад. Ин асар намунаи ибратгирӣ, таърихдонӣ, сабақандӯзӣ аз таъриху равандҳои он мебошад.

Адабиёт

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. - Душанбе, 2022. - С.19.

2. Турсонзод А. Қирони саъд. – Душанбе: Ирфон, 1986. - С. 3.

3. Раҳмон Э. Шиносномаи миллат // «Тоҷикон». - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.

**Ҳусноро ТУРАЕВА,**
**сардори кафедраи муҳандисӣ-техникӣ, оташнишонии МДТ «Коллеҷи техникӣ-оташнишонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара», майори хизмати дохилӣ**

# ИЛМУ МАЪРИФАТ – СИПАР ДАР БАРОБАРИ ТЕРРОРИЗМ

Аз замонҳои қадим то ба имрӯз, аз нахустин давраҳои рушду такоммули худ, аҳли ҷомеа бар зидди ҷинояткорон мубоизаи беамон мебарад ва ҷинояткорӣ дар афкори мардум ҳамчун амали манфӣ, нақш бастааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар кишварҳо солҳои охир ба хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба монанди терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ шудааст.

Ин масъала омилҳои гуногун дошта, яке аз сабабҳои пайдошавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти ғайрирасмии иддае аз наврасону ҷавонони тоҷик дар мадрасаҳои динию мазҳабии кишварҳои хориҷ мебошад. Аз ҷумла, ин падидаҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта ва дар айни носуботиҳои дохилӣ вусъат пайдо намуданд.

Нооромии сиёсии ҷаҳон барои ҷомеаи инсонӣ фоҷеаи бузург буда, амнияти башариятро дар сайёраи замин халалдор месозад. Аммо ин вазъ барои баъзе кишварҳои абарқудрат, ки мехоҳанд зимондори кулли дунё бошанд, зарур мебошад. Аз ин рӯ, абарқудратҳо аз тамоми имкониятҳои иқтисодию сиёсӣ ва таблиғотии хеш истифода намуда, мушкилоти минтақавӣ ва мухолифату зиддиятҳои байни кишварҳо ва гурӯҳҳои сиёсию мазҳабӣ ва динию ақидавиро аланга бахшида, барои дар ҳолати ноустувори сиёсӣ нигоҳ доштани минтақаҳои мухолиф талош мекунанд.

Дар кишварҳои дунё яке аз заминаҳои асосии ташаккули рушди терроризм ва экстремизмро ҳолати бухронии инкишофи ҷомеа ва шаҳрвандон, махсусан бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дигаргун гаштани аҳволи мардум ба монанди камбағалию нодорӣ ва инчунин камбизоатӣ, саросар қашшоқу бенавою бекас гаридани мардум ва дар заминаи инҳо ба амал омадани афкоре, ки инсонро ба тағйироти сифатӣ дар зиндагияш савқ медиҳад боис мешавад, ки инсонҳо ба он самт тамоюли бештар пайдо мекунанд. Дар чунин шароит кишварҳои манфиатҷӯ, гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ барои худ ҷойи пой пайдо намуда, боиси шомил шудани баъзе аз табақаҳои ҷомеа бо гурӯҳҳои террористӣ мегардад.

Маҳз барои пешгирӣ аз ташаккули заминаҳои тамоюли аҳолӣ ба афкори хурофотпарастию экстримистӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мавқеи ҷиддию устувореро пеш гирифтааст, ки он ҳам бошад устувории мактабу маориф мебошад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, мақсади аввалиндарҷаи терроризм ин халалдор сохтани амнияти мардум, давалату ҳукмат, тарсонидани одамон бо роҳи зӯроварӣ, инфиҷору интиҳор, воҳима ва ба таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути чунин амалҳои ифротӣ фишор овардан ба мақомоти давлатӣ мебошад. Чунин ҳаракатҳои ношоиста мақсади ниҳоии ҷинояткорон

дар маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки ба фоида ва манфиати худи онҳо бошад ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва эътибори мақомоти давлатӣ мебошад. Ҳолатҳои зиёде ба вуҷуд меоянд, ки терроризм хосияти инфиродӣ пайдо менамояд ва онро бештар сабабҳои қасд ва норозигии шахсӣ бунёд месозанд, ки аксаран дар зери омилҳои рӯҳӣ ва носозгорию нобасомониҳои чунин амалҳо ба вуқуъ мепайвандад.

Бояд донист, ки унсури аз ҳама марказии террор амалӣ террористӣ аст ва он аз се қисмат таркиб ёфтааст: Ғояҳо ва амалҳои сиёсие, ки амали террористиро асоснок менамояд; фаъолияти зӯроварӣ ба тамоми зуҳуроташ; худи амали террористӣ, ки ба муқобили кадом объекте равона гардидааст. Ёдовар кардани се навъи асосии терроризм масъалаи ниҳоят муҳиме аст, ки дар ҷомеаи имрӯза аксаран шахсҳо бо ин мафҳумҳо сарфаҳм намераванд. Ва сарфаҳм нарафтани онҳо боиси шомил шуданашон ба ин гурӯҳҳои ифротӣ мегардад.

Бояд дарк кард, ки ҳадаф аз амалҳои террористӣ, қабл аз ҳама хушунату зӯроварӣ, хунрезиву низоъҳои диниву мазҳабӣ ва нажодӣ мебошад. Боиси нигаронии амиқ аст, ки террористон ба намуди дигар ифротгароён, аз ҷумла ташкилоти террористию экстримистии наҳзат бо суистифода аз номи поки дин мехоҳад дар тафаккури ҷомеа тарсу даҳшатро ҷой намояд ва барои ҳадафҳои худ заминаи мусоид пайдо намояд.

Дар шароити кунунӣ ва авҷи ихтилофоти мазҳабии ҷаҳон бояд миллати тоҷик ҳар як сухани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сарманшаи кори худ қарор дода, зиракии сиёсиро ҳифз кунанд.

Дар шароите, ки илму техника ба таври максималӣ тараққӣ меёбад ва аср 21-ро “асри илм” миноманд, насли ҷавон бояд маърифати сиёсию фарҳангӣ ва тафаккури технолигии худро тақвият бахшанд. Барои гумроҳу фирефтаи чунин ҳизбу ҳаракатҳо нашудан бояд дар фазои оромү осоиштаи ин диёри биҳиштосо илму омӯхт. Маҳз илму маърифат аст, ки боис мешавад то мардумони мо дар фазои амн ва осоишта зиндагӣ кунанд ва рушди минбаъдаи кишварро ба хотири наслҳои оянда таъмин созанд.

Зимнан, моро зарур аст, то фазои эътимод, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмиро миёни ҷомеа тавсия бахшем, ки ин дар навбати худ имкониятҳои моро дар муқовимат бар зидди хатару таҳдидҳои муосир бештар месозад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён доштаанд: “Террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад. Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ “худӣ” ё “бегона” ва ё “таҳаммулгарову”, “тундгаро” буда наметавонад. Муборизаи самарабахш алайҳи терроризму ифротгароӣ ва тундагароии хушунатангез ба ҳеҷ ваҷҳ сиёсати меъёрҳои дугона”-ро намепазирад”.



**Файзимо РАҲИМЗОДА,**
**унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф**
**ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

# ИХТИРОЪКОРӢ ВА ТАШАККУЛИ РАВАНДҲОИ МЕҲНАТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР БОЗИҲО

Бозиҳо барушди лаёқатҳои эҷодкорӣ ва ихтироъкории кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд. Чӣ тавре ки кӯдакон дар бозӣ амал мекунанд, дар раванди ҳаёти минбаъда низ ҳамон хел рафтор мекунанд. Бинобар ин, тарбияи шахсияти оянда аз бисёр ҷиҳат дар фаъолияти бозӣ сурат мегирад. Бозӣ хусусияти муваққатӣ ва гузаранда дорад, ки ҳадафи он тағйир додани шахсият аст. Бозӣ воситаи мутобиқшавӣ ба олами ҳастӣ ва офаридани фарҳанги шахсӣ буда, кӯдаконро ба ҳаёти ояндаи мустақил омода мекунад. Дар фаъолияти бозӣ ҳамеша тасаввур вуҷуд дошта, ҳангоми ба бозӣ машғул гардидан тафаккури кӯдак зуҳур мекунад, зеро бозӣ ва тасаввурот бо ҳам алоқамандии зич доранд.

Дар раванди бозӣ шахс ҷаҳони худро эҷод карда, ба таври худ дар он амалҳоро роҳандозӣ менамояд. Масалан, духтарчае, ки бо лӯхтак бозӣ мекунад, худро модар тасаввур мекунад ва хуб медонад, ки тамоми аъмоли ӯ вонамуд аст.

Ҳангоми бозиҳо педагог ва мураббиён метавонанд, қобилиятҳои инфиродӣ ва сатҳи дониш, малака ва маҳорати мавҷудаи кӯдаконро мушоҳида кунанд. Инчунин, шавқу завқ, маърифат, эҷодиёт, сатҳи эмотсионалӣ ва ҷисмонии онҳоро дидан мумкин аст.

Раванди бозӣ ҳар қадар фаъолтар ва ҳамчун усули таъсиррасонии таълиму тарбия истифода гардад, ташаккули эҷодиёт ҳамон қадар бомуваффақият сурат мегирад. Бозӣ барои педагоги моҳир воситаест, ки ҳисси кунҷкобонаи кӯдаконро ба фаъолияти мақсадноки таълимӣ равона месозад.

Ба андешаи педагог Т. Нахаева: «Педагог бояд бозиҳои мустақилонаи кӯдаконро мунтазам ва мақсаднок мушоҳида кунад ва ба кӯдакон имконият диҳад, ки аз намудҳои гуногуни бозӣ барои худ интихоб кунанд. Инчунин, бозиро бо вақт ва миқдори зиёди қоидаҳо маҳдуд накунад».

Эҷодкорӣ ва ихтироъкорӣ дар раванди бозӣ аз мавҷудияти таҷрибаҳои гуногуни қаблии кӯдакон вобаста аст. Ғанигардонии таҷрибаи кӯдакон бо мақсади ба вуҷуд овардани замина барои ташаккули эҷодиёти онҳо зарурӣ мебошад. Кӯдакон ҳар қадар бештар бинанду шунаванд, ҳамон қадар мефаҳманду меомӯзанд.

Дар зери мафҳуми ихтироъкории кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозӣ мо чунин ҷанбаҳои шахсияти онҳоро дар назар дорем:

- қобилияти эҷод кардани чизҳои нав дар бозӣ;
- пайдо кардани роҳҳои нави ғайристандартӣ барои ҳаллӣ масъала;
- моҳирона иҷро кардани масъала;
- суръати тафаккур ва эҷодкории амалҳо;
- мустақилона ҳал кардани мушкилот.

Аз нишондодҳои дар боло зикргардида, метавон ба хулосае омад, ки ихтироъкорӣ неруи ақлро тарбия мекунад ва ба кӯдакон имкон медиҳад, ки орзуҳои худро дар раванди бозӣ амалӣ созанд. Муҳимтар аз ҳама, барои эҷодкорӣ ва худшиносии онҳо шароит фароҳам меорад.

Ихтироъкории кӯдакон, ки дар раванди тарҳрезии техникӣ ташаккул меёбад, бо рушди қобилиятҳои техникии онҳо мусоидат мекунад.

Нақши бозиҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнатии кӯдакони синни томактабӣ низ бағоят калон арзёбӣ мегардад. Дар байни вазифаҳои тарбия ва таълимии муассисаи таҳсилоти томактабӣ масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнатии кӯдакон ҳамеша дар мадди аввал меистанд.

Тарбияи меҳнатӣ дар синни томактабӣ бо тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ зич алоқаманд мебошад. Дар раванди ин фаъолият хислатҳои шах-

сӣ ва муносибатҳои мусбати инфиродӣ тарбия карда мешаванд. Инчунин, матонат, ҷасорат, софдилӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва сифатҳои маънавию иродавӣ ташаккул меёбанд. Педагог ҳангоми ҳалли вазифаҳои меҳнатӣ бояд диққати кӯдакони синни томактабиро ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намояд, ки дар натиҷа аз кори иҷрошудаи умумӣ қаноатмандӣ ба вуҷуд меояд. Меҳнат талаботи кӯдаконро ба худшиносӣ ва донистани қобилиятҳои худ қонеъ мегардонад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Л.А. Егорова қобилияти сохтани ашё бо истифодаи амалӣ ва бо дасти худ барои кӯдакон хеле ҷолиб аст. Ин хусусияти меҳнатии дастӣ ангезаи мустаҳками азхуд кардани малакаҳои суботкорӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди фаъолият мегарданд. Ғайр аз ин, ҳар як намуди меҳнати дастӣ имкони тарбияи сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, эҷодкорӣ, масъулиятнокӣ ва ташаббускориро дорад.

Муносибати эмотсионалии мусбатро ба меҳнат тарбия намуда, бо ҳамин мо меҳнатдӯстӣ ва хислати муҳимми ахлоқии кӯдаконро тарбия мекунем. Дар меҳнат кӯдакони синни томактабӣ меъёрҳои ахлоқии рафторро меомӯзанд.

Меҳнати кӯдакон аз меҳнати калонсолон ба куллӣ фарқ мекунад. Кӯдакон дар меҳнати худ арзишҳои моддие, ки барои ҷомеа аҳаммиятнок бошанд, эҷод намекунанд. Меҳнати кӯдакон хусусияти тарбиявӣ дошта, талаботи онҳоро қонеъ мегардонад ва барои донистани қобилиятҳои худи кудак кифоя мекунад.

Хусусияти меҳнати кӯдакон аз он иборат аст, ки вай бо фаъолияти бозӣ алоқаманд аст. Байни бозӣ ва меҳнати кӯдакон сарҳадҳо вуҷуд надоранд ва тафовути чандон зиёд ҳам нест, зеро шакли меҳнати эҷодии кӯдакон шабеҳи бозӣ дорои унсури ҳаловатбахш, ба шӯроваранда ва лаззатофар мебошад. Аз ин рӯ, ташкили тарбияи меҳнатӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ бояд маҳз дар фаъолияти бозӣ сурат гирад. Масалан, бозиҳои дидактикӣ оид ба тарбияи меҳнат дониши кӯдакони синни томактабиро дар бораи меҳнати калонсолон, равандҳои мушаххаси меҳнатии ин ё он касб амиқ ва васеъ мекунанд. Инчунин, дар бозиҳои нақшофарӣ бошад, кӯдакон малака ва маҳоратҳои меҳнатиро меомӯзанд ва ин ё он нақшеро, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманд бошанд, иҷро мекунанд, ки дар натиҷа назари онҳо нисбат ба меҳнат ташаккул меёбанд.

Бозиҳои халқӣ қисми таркибии тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Дар онҳо тарзи зиндагонии одамон, меҳнат, рӯзгор, ғояҳои миллӣ ва фаҳмишҳо дар бораи шаъну шараф инъикос ёфтааст. Хусусияти бозиҳои халқӣ дар он аст, ки онҳо кӯдаконро ба пайдо кардани сифатҳои устуворӣ, шавкмандӣ ва муносибатҳои эҳтиромонаро ба фарҳанги кишвари худ тарбия карда, барои ташаккули ҳиссиёти маънавӣ-ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, шартҳои муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз идоракунӣ ва роҳандозии мақсадноки педагогии бозиҳо ва ғанӣ гардонидани мундариҷаи онҳо мебошад. Албатта, ин равандро бе дастгирии ҳамаҷонибаи педагог ба роҳ мондан душвор аст. Аз ин рӯ, вазифаи педагог дар фаъолияти бозӣ аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи иштирокчиёнро бо роҳҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ ҷалб карда, умумияти ҳиссиёт ва рафторро ба вуҷуд орад. Дар чунин шароит муносибатҳои байни кӯдакон дар заминаи дӯстӣ, рафоқат, адолат, якдигарфаҳмию ҳамдилӣ ташаккул ёфта, сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо тарбия карда мешаванд.

Адабиёт:

1. Иматова Л.М. Теоретическая обоснованность реализации принципа преемственности в непрерывном образовании старших дошкольников и младших школьников в аспекте речевого развития / Иматова Л.М. –Душанбе, 2013. – 46с.

2. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ / Б. Маҷидова. – Душанбе, 2011. -242с.

3. Нахаева Т. Факторы, влияющие на развитие навыков сюжетноролевой игры у старших дошкольников. – Нарва, 2013. -78с.

4. Спицына О.Г. Программа по духовно-нравственному воспитанию дошкольников «Откроем в сердце двери…». - Уварово, 2015. -30с. –

5. Трудовое воспитание в современной дошкольной образовательной организации : метод. пособие / Авт.-сост. Егорова Л. А., Сипачева Е.В., Гузенко М. М., Савицкая Л. В.– ГОУ ДПО «Донецкий РИДПО». - Донецк: Истоки, 2019. -88с.

**Бахтовар ҲУКУМЗОДА,**
**омӯзгори литсейи давлатии**
**“Ориёно”-и шаҳри Бохтар**

# МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОК ВА МОҲИЯТИ ОН

**Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар замони муосир, ки кулли соҳаҳо рӯз то рӯз дигаргунии ҷиддӣ доранд, омӯзиш ва таълим, аз ҷумла омӯзиши фанҳои дақиқ низ пешрафту тараққиёти таълимиро талаб мекунад. Олимону омӯзгорон бовар доранд, ки дар шароити муосир ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи ҷиддӣ лозим аст, зеро дар асри XXI кашфу ихтироот маҳз дар ҳамин самтҳо сурат мегиранд. Аз ҷониби дигар, дар шароити кунунӣ, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва бештари воситаҳои иттилоотӣ (интернет, телевизион ва ғайра) танҳо бо дониш мусаллаҳ будани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии онҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, ба саволе, ки кадом натиҷаи таълим имрӯз ба хонандагон лозим аст ва талаботи муосирро қонеъ мекунад, ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ҷавоб дода метавонад. Татбиқи муносибати салоҳиятнок дар таълим имкон медиҳад, ки мушкилоти баланд бардоштани савияи саводнокии хонандагон бо зиёд кардани сарборӣ аз байн бардошта шавад, зеро моҳияти ин муносибат пешниҳоди дониш ва ахбори зиёд набуда, балки фароҳам овардани имкон барои ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилооти зарурӣ мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати маориф пайваста кӯшиш менамояд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон намуда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонад. Ҳамин буд, ки соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020»-ро ба тасвиб расонид. Тибқи ин санад то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ бояд таҷдид шуда, тибқи муносибати салоҳиятнок ба таълим таҳия карда шаванд. Барои амалӣ намудани ин тадбир бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 стандарту барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ таҷдид гардида, ҳамаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва соли 2017 омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик, технология (таълими меҳнат) ва математика аз курсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Омӯзгорони ин фанҳо бо роҳнамоҳо таъмин гардида, муносибати салоҳиятнокро дар таълими фанҳои мазкур татбиқ карда истодаанд.

Калимаҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ, салоҳиятманд, босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои “компетенция” ва “компетентность”, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд.

Ақидаи педагогҳо доир ба салоҳияти касбии омӯзгор гуногун мебошад. Дар ин баён гуногунии ақидаҳоро ҳатман ба назар мегирем.

Ақидаи М.И.Станкин: «Салоҳияти омӯзгорӣ донишу таҷрибаест, ки дар ҳалли босаводонаи масъалаҳои таълиму тарбия имкон

фароҳам меоварад».

И.П.Подласий бошад гуфтааст: «Соҳиб будан ба донишҳоест, ки имкони дар борай чизе муҳокима ронданро фароҳам меоварад. Сохтор ва мазмуни салоҳияти касбӣ асосан бо махсусияти фаъолият ва мансубияти он муайян карда мешавад».

Н.В.Баздовская салоҳияти омӯзгорро «соҳиб будан бо маҷмӯи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои касбӣ мебошад, ки фаъолият ва муоширату шахсияти педагогӣ ташаккул меёбанд» маънидод кардааст.

Ақидаи И.Ф.Исаев: «Салоҳияти касбӣ доираи ваколатҳои ягон мақомот ё шахси вазифадор, инчунин масъалаҳоест, ки касе хуб огоҳ аст».

Дар фаҳмиши имрӯзаи муносибати салоҳиятнок тамоми таҷрибаи беҳтарини дар амалияи педагогика коркардшуда истифода мешавад: муносибати ба шахсият нигаронидашуда, омӯзиши якҷоя (омӯзиш дар ҳамкорӣ), методҳои таҳқиқотӣ ва проблемавӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин усулҳои дигари зиёди интерактивӣ. Бо мақсади ин ки шарҳи мо маҳсулнок бошад, кӯшиш менамоем, ки муносибати салоҳиятнокиро тавассути унсурҳо – ҷанбаҳои сохтории зерин нишон диҳем:

Ҷанбаи якум: муносибати босалоҳият модели таълими фаъолро истифода мебарад.

**ТАВСИФИ ТАЪЛИМИ ФАЪОЛ:**

1. Ба ин намуди дарс ҳамкории ҳамаи хонандагон на танҳо бо омӯзгор, балки бо ҳамдигар низ хос аст. Ҷанбаҳои ҳамкорӣ хеле гуногунанд аз баёни андеша ба таври озодона то ба иҷрои вазифаҳои гурӯҳӣ ва таълимӣ муштарак.

2. Бештари саволу супоришҳо ба тарзи кушода гузошта мешаванд, ки ба ҳаллу баррасии гуногуни масъалаҳо мусоидат мекунанд ва мутаносибан ба онҳо ҷавобҳои гуногун истифода мешаванд.

3. Методҳои асосии таълим – методҳои фаъол. Таъйиноти чунин методҳо кори фаъолона бо донишҳо мебошад. Кор бо донишҳо чӣ маънӣ дорад? Ин истилоҳи нав буда, тахияи сохтор, интихоби мафҳуми асосӣ, тасниф намудан, таҳлил кардан, робитаҳоро барқарор намудан, маълумотро дар манбаъҳо ва иртиботи гуногун баррасӣ намудан ва ғайраро дар назар дорад.

Ҷанбаи дуюм: муносибати салоҳиятнок ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ равона шудааст.

Салоҳиятҳои асосӣ ва тавсифи онҳо:

1. Эҷодкорӣ - Маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳал дар масъалаҳои нав, тахайюлпазирӣ ва образнокии фикрронӣ, ҳамгиро кардани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти проблемавӣ, ки ба ғояҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд.

2. Тафаккури интиқодӣ - Маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ, ки барои муқоисаи пинҳонӣ ва ошкоро, робитаҳои сабабу оқибат, қарорҳои қабулшуда, инчунин қобилияти баҳодиҳии фарзияҳо, баҳсҳо, консепсияҳо, маълумотҳо (метавонанд нопурра бошанд) барои баровардани хулосаҳои худ ва асоснок кардани мавқеи худ имконият медиҳанд.

3. Маҳорати омӯзиш - Имконият ва омода намудани мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё ҳамроҳ бо дигарон гирифтани маълумот барои омӯзиш, қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои ба даст овардашуда барои ҳалли проблемаҳо, инчунин худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худ. Талабот ба омӯзиш танҳо дар мавриди мавҷуд будани манфиатҳо ва кӯшишҳо барои ягон мақсад пайдо шуда метавонад.

4. Коммуникативӣ - Маҳорати истифодаи усулҳои гуногуни коммуникатсия: қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ -графикӣ, ғайризабонӣ бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муошири хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ.

5. Ҳамкорӣ - Маҳорат ва малакаи якҷоя кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи мушкилот, татбиқи ақидаҳои умумӣ ва лоиҳаҳо.

Ҷанбаи сеюм: муносибати салоҳиятнок



барои равшанӣ андохтан ё гузоштани мақсади таълим ба натиҷаҳои фаъолияти хонандагон такя мекунад.

Усулҳои гузориши мақсадҳои дарс гуногун буда, вобаста ба тарзи ифодаи худ ба категорияҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Таҳияи умумии мақсадҳо (одатан, бо чунин ибораҳо оғоз мегардад: мустаҳкам кардани дониш оид ба…, омӯхтани…, ифода кардани тасаввурот доир ба… ва монанди инҳо) барои баҳо додан ба дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ имкон намедиҳад.

2. Дар таҳияи мақсад вобаста ба фаъолиятҳо истилоҳоте истифода мешаванд (гурӯҳбандӣ кардан, асоснок кардан, пешгӯйӣ кардан, баҳо додан, мукаммал кардан ва монанди инҳо), ки тавассути онҳо баҳои воқеъбинона додан ба сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ мумкин аст.

Аниқ возеҳ муайян кардани мақсади дарс дар шакли натиҷаҳои интизоршаванда ба омӯзгор имкон медиҳад, ки мавриди банақшагирии дарс маводи таълимиро интихоб намояд, супоришҳо, практикумҳо, саволҳои санҷишӣ, ки барои ба мақсадҳо расидан мусоидат мекунанд, тартиб диҳад.

Ҷанбаи чорум: супоришҳое, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудаанд.

Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар асоси методи таҳқиқотии омӯзиш:

– мавҷуд будани монандии муайян дар байни марҳалаҳо, мантиқи маърифати таълимӣ ва илмӣ;

– пайдо кунонидани шавқу ҳавас, талабот ба фаъолияти эҷодӣ ва худомӯзӣ;

– ташкили фаъолияти ҷустуҷӯйӣ – эҷодӣ ва татбиқи дониш;

– соҳиб шудан ба методҳои маърифати илмӣ;

– истифодаи унсурҳои методологии таҳлили илмӣ;

– иҷрои корҳои мустақилонаи ҳаҷман калон;

– мустақилона азхуд кардани донишҳои нав;

– омӯхтани муҳити атроф дар заминаи методологияи илмӣ;

– методи таҳияи лоиҳаҳо;

– масъалаҳои кушода;

– методи фарогирӣ;

– методҳои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот;

– методҳои таҳқиқотӣ ва проблемавӣ;

– таҳлили манбаъҳои иттилоотӣ ва сарчашмавӣ;

– методи озмоишӣ - ҷустуҷӯйӣ;

– гузаронидани таҷрибаҳо;

– ҷамъбасти натиҷаҳо;

Аз мафҳумҳои дар боло зикргашта, натиҷа мебарояд, ки дар таълими анъанавӣ методҳои асосии таълим – методҳои репродуктивӣ – азнавтакроркунии маводи додашуда ба ҳисоб рафта, муваффақияти бузурги ин намуди дарс ҷавоби қатъӣ ва ягона – айнан аз нав нақл кардани суханони муаллим ва ё матни китоб мебошад. Дар таълими муносибати салоҳиятнок бошад, ҳамкории ҳамаи хонандагон на танҳо бо омӯзгор, балки бо ҳамдигар низ хос аст. Ҷанбаҳои ҳамкорӣ хеле гуногунанд – аз баёни андеша ба таври озодона то ба иҷрои вазифаҳои гурӯҳӣ ва таълими муштарак. Истифодаи методҳо ва бароҳмонии дарс гуногун буда, таҳияи сохтор, интихоби мафҳуми асосӣ, тасниф намудан, таҳлил кардан, робитаҳоро барқарор намудан, маълумотро дар манбаъҳо ва иртиботи гуногун баррасӣ намудан ва ғайраро дарбар мегирад.

Дар маҷмуъ методи таълими муносибати салоҳиятнок яке аз методҳои муассир дар раванди таълиму тарбияи хонанда буда, барои ташаккули афкори эҷодкорӣ ва ҳисси аз худнамоии он имконияти васеъро фароҳам менамояд.

**Набӣ ҚОДИРОВ,**
**мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияҳои инноватсионии таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва омӯзгори калони МД ДҶТИБКСМ**



# ИСТИФОДАИ «СУХАНҲОИ СЕҲРНОК» ҲАНГОМИ МУОШИРАТ

## Соати тарбиявӣ дар мавзуи "Истифодаи «Суханҳои сеҳрнок""

Имрӯзҳо дар ҷомеа шоҳиди рафтор ва гуфтори дағали баъзе ҷавонон ва наврасон гашта, таъбатон хира мешавад ва ба андеша фуру меравед, ки наход дар забони мо суханони хуби меҳрубонона, таскинбахш, рӯҳбаландкунанда ва дилхушкунанда набошанд, ки ин ҷавонони беодоб истифода баранд. Ҳатто ин рафтори онҳо дар ҷомеа як раванди муқаррарӣ гашта, бисёр ҷавонони ба қавле «боодоб» низ ба онҳо пайравӣ мекунанд ва дар мавриди муайян аз чунин рафтору гуфтори дағал ва беодобона истифода мебаранд, ки ин хеле ташвишовар аст. Дар шабакаҳои интернетӣ низ аҳвол ҳамин, шарҳи баъзе нафаронро хонда, фикр мекунед, ки аз кӯчаи маърифат комилан нагузаштаанд.

Мутаассифона ин гуна муносибатро дар рафтору гуфтори хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ мушоҳида мекунем. Албатта, барои чунин будани рафтори ҷавонону наврасон қариб ҳама аҳли ҷомеа омӯзгор ва муассисаи таълимиро гунаҳкор меҳисобанд, вале онҳо фикр намекунанд, ки фарзандашон дар давоми шабонарӯз ҳамагӣ 4-5 соат дар муассисаи таълимӣ қарор дорад, боқии вакт дар тарбияи падару модар ва муҳити оила мебошанд. Баъзе падару модарон фарзандони худро ба меҳнати ҳалол одат накунонида, ба қавле «эрка» тарбия мекунанд, ки дар ниҳоят ин эркаҳо гапи худи волидонро гӯш намекунанд. Баъд, барои чунин будани фарзандашон омӯзгорон ва муассисаи таълимиро гунаҳкор мекунанд, ин дар ҳолест, ки ягон маротиба дар маҷлисҳои падару модарон иштирок намекунанд ва аз дари мактаб намедароянд то ба раванди таълими фарзандро шоҳид шаванд, аз бурду бохти фарзанд огоҳ бошанд, рӯзномаи фарзандро таҳлилу ташхис намекунанд ва дар ниҳоят тамоми номуваффақии фарзандро бар дӯши омӯзгор мегузоранд. Аз ин лиҳоз, дар тарбияи наврасон ва ҷавонон, дар баробари омӯзгорон, падару модарон ва тамоми аҳли ҷомеа низ вазифадор мебошанд.

Ба хотири тарбияи насли наврас, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва маданияти хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми муошират дар поён, нақшаи намунавии дарси тарбиявӣ оварда мешавад, ки фикр мекунем барои истифодаи омӯзгорон аз манфиат холӣ нест.

**МАВЗУЪ: ИСТИФОДАИ «СУХАНҲОИ СЕҲРНОК» ҲАНГОМИ МУОШИРАТ.**

Мақсад: Баланд бардоштани малакаҳои истифодаи «суханҳои сеҳрнок» ҳангоми муошират дар хонандагон.

Натиҷаҳои интизоршаванда: Дар охири машғулият хонандагон:

- «суханҳои сеҳрнок»-ро номбар карда ме-

тавонанд;

- хусусияти онҳоро шарҳ дода метавонанд;

- мавриди истифодаи «суханҳои сеҳрнок»-ро мефаҳмонанд;

- дар ҳаёт аз «суханҳои сеҳрнок» истифода бурда метавонанд.

Мавод: коғазу қалам (флипчарту маркер), варақаҳо бо супориш, тестҳо.

Методҳо: ангезиши зеҳн, сӯҳбат, корҳои фардӣ, дунафара ва гурӯҳӣ, истифодаи варақаҳо ва воситаҳои навишторӣ.

Вақт: 1 соати академикӣ (45 дақиқа).

**РАВИШИ МАШҒУЛИЯТ:**

1. Ба ҷо овардани одоби салом ва омода намудани хонандагон – 1 дақ.

2. Шинос кардани хонандагон бо мақсади машғулият – 1 дақ.

3. Ангезиши зеҳн – 4 дақ.

Омӯзгор бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат мекунад ва ҷавобҳои ҷолиби онҳоро дар тахтаи синф менависад.

Саволҳо:

- Бачаҳои азиз, шумо зери мафҳуми «сеҳрнок» чиро мефаҳмед?

- Оё сухан ҳам сеҳрнок буда метавонад?

- Ба суханони сеҳрнок кадомҳо дохил мешаванд?

- Шумо онҳоро чӣ гуна истифода бурда метавонед?

Саволҳо ҳарчи бештар муҳокима карда шаванд. Баъд аз муҳокимаи саволи охирин кори гурӯҳӣ ба роҳ монда мешавад. Вазифаҳо барои кори гурӯҳҳо ҳангоми навиштани ҷавобҳои хонандагон дар тахтаи синф пайдо мешаванд. Масалан, ҳангоми муҳокимаи саволи сеюм – «Ба суханони сеҳрнок кадомҳо дохил мешаванд?», ин суханҳо бояд дар тахта аз тарафи омӯзгор навишта шаванд: «Салому алейк», «Раҳмат», «Марҳамат», «Бубахшед ё узр» ва ғайра. Агар ҷавобҳои хонандагон зиёд бошанд, омӯзгор онҳоро ба ҳамин чор мафҳум муттаҳид мекунад.

4. Кори гурӯҳӣ – 10 дақ.

Омӯзгор хонандагонро ба 4 гурӯҳ муттаҳид мекунад. Тарзи гурӯҳбандии хонандагон ба ихтиёри омӯзгор аст. Ба ҳар гурӯҳ аз суханҳои сеҳрнок яктогӣ медиҳад. Масалан, вазифаҳоро дар гурӯҳҳо бо чунин тарз тақсим кардан мумкин аст:

Гурӯҳи 1. «Салому алейк».

Гурӯҳи 2. «Раҳмат».

Гурӯҳи 3. «Марҳамат».

Гурӯҳи 4. «Бубахшед ё узр».

Пас аз тақсимоти вазифаҳо ба гурӯҳҳо чунин супориш дода мешавад:

- вобаста ба вазифаатон дар гурӯҳ маслиҳат намуда, ҳолатҳоеро аз ҳаёт муайян кунед, ки шумо дар он аз ин сухани сеҳрнок истифода бурда метавонед;

- фикрҳоятонро бо истифодаи ягон воситаи навишторӣ (нақша, ҷадвал) дар варақи калон қайд кунед, рӯнамо (муаррифӣ – презентатсия) омода намоед;

- натиҷаи коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.

5. Муаррифии корҳо (барои ҳар як гурӯҳ то 3 дақиқа) – 10-12 дақ.

Пас аз анҷоми вақти ҷудошуда, омӯзгор баррасии корҳоро ба роҳ мемонад. Баррасиро аз гурӯҳи хоҳишманд оғоз кардан мумкин аст. Агар хоҳишмандон набошанд, аз гурӯҳи якум оғоз ёфта, мувофиқи тартиби рақамашон гурӯҳҳо идома медиҳанд. Ҳангоми баромади гурӯҳҳо ва муҳокимаи масъалаҳо ҳаракат кардан лозим, ки вазъиятҳои ҳаётӣ аз ҳар нуқтаи назар муҳокима гарданд. Ин барои пайдо кардани малакаҳои истифодаи «суханҳои сеҳрнок» дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ бабачаҳо ёрӣ мерасонад.

6. Арзёбии кори гурӯҳҳо – 5 дақ.

Пас аз анҷоми муаррифии гурӯҳҳо омӯзгор фаъолияти баҳодиҳӣ ба кори гурӯҳҳоро ба роҳ мемонад. Баҳодиҳӣ ба таври шифоҳӣ гузаронида мешавад. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо навбат (аз гурӯҳи 1 сар карда) ба фаъолияти ҳамдигар баҳо медиҳем. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба се меъёри асосӣ диққат медиҳем – ороиши кор (то чӣ андоза хоно ва

фаҳмо оро дода шудааст), мазмуни кор (то чӣ андоза аз мазмуни кор баҳра бардоштан мумкин аст) ва муаррификунанда (то чӣ андоза муаррификунада мазмуни корро ба дигарон фаҳмонида тавонист).

7. Хулоса ва ҷамъбасти машғулият – 5 дақ.

Хулосаҳои машғулияти тарбиявӣ якҷоя бо хонандагон тариқи суҳбат бароварда мешавад. Бо ин мақсад омӯзгор ба хонандагон бо саволи «Шумо аз машғулият чиро омӯхтед?» муроҷиат мекунад ва ҳамаи ҷавобҳои хонандагонро мешунавад. Дар охири суҳбат бо якчанд фикрҳои ҷолибу асосӣ дарс ҷамъбаст карда мешавад. Масалан: «Бачаҳои азиз! Ҳамин тариқ, мо бо шумо оид ба истифодаи суханони сеҳрнок суҳбат кардем ва фаҳмидем, ки онҳо дар муошırати байни инсонҳо хеле муҳиманд. Суханони сеҳрнок байни одамон меҳру муҳаббат ва якдигарфаҳмиро ба вуҷуд меоранд».

8. Баргаштан ба мақсади машғулият ва пайгирии онҳо – 5 дақ.

Омӯзгор ба мақсади дарс бармегардад ва пайгирӣ мекунад, ки оё хонандагон ба онҳо ноил гаштаанд ё не. Ҳангоми пайгирии мақсадҳои машғулият омӯзгор аз баъзе хонандагон хоҳиш мекунад, ки фикрҳояшро нисбати ин ё он мақсад мушаххас гӯяд, то боварӣ ҳосил шавад, ки дар ҳақиқат онҳо ба мақсадҳо ноил гаштаанд.

9. Рефлексия – 5 дақ.

Ба хотири гирифтани таассуроти хонандагон аз машғулият омӯзгор ба онҳо бо саволҳои зер муроҷиат мекунад:

1. Аз машғулияти имрӯза чӣ ба шумо писанд омад?
2. Кадом фаъолият дар машғулияти мо ба шумо маъқул нашуд?
3. Аз машғулияти имрӯза кадом донишҳои навро омӯхтед?
4. Ин донишҳоро дар куҷо истифода бурда метавонед?

Ҳар як савол ба таври муфассал муҳокима карда мешавад. Хонандагон бояд муваффақияту норасоиги машғулиятро қайд намоянд. Ин чиз барои омӯзгор низ муҳим аст. Ӯ рӯйи саволҳои якум ва дуюм гӯё аз забони шогирдони худ ба машғулияти гузаронидашуда баҳо медиҳад ва норасогиҳоро дар машғулияти навбатӣ бартараф месозад. Зимни муҳокимаи саволҳои 3 ва 4 хонандагон ҳолатҳои истифодаи маводи омӯхтаашонро дар ҳаёт шарҳ медиҳанд, ки ин талаботи муносибати босалоҳият аст.



**Шамсулло ИСЛОМОВ, номзади илми педагогика,
Зарнигор БОБОЕВА, унвонҷӯи ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров**

# ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВИИ ОМӮЗИШИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Сифат ва самараи таълим аз интихоб ва истифодаи бамавкеи роҳу усулҳои таълим вобаста аст. Мақсади мо дар ин мақола он нест, ки усулҳои таълимро амиқ таҳқиқот барем, балки он аст, ки дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва мутафаккири барҷаста Абдурухмони Ҷомӣ ҷойгоҳи «Модели технологияи таълим ва салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон»-ро муқаррар намоем. Омӯзиши масъала собит намуд, ки мавқеъ ва дараҷаи истифодаи усулҳои таълим дар «низоми таълими салоҳиятнокӣ» дар баъзе аз тавсияву дастурҳои таълимӣ яктарафа ва ҳатто баъзан ғайриилмӣ шарҳ ёфтаанд, ки дар таҷрибаи амалӣ таъсири манфӣ расонида, коршиносону омӯзгоронро ба иштибоҳ бурданаш мумкин аст. Масалан, «Модули 1, -Низоми таълими салоҳиятнокӣ» ва баъзе мақолаҳои унвонҷӯён, ки вобаста ба муносибати босалоҳият иншо шудаанд, аз ҳамин қабиланд. Пеш аз ҳама, дар сарлавҳаҳои мақолаҳо ва модулҳо ба иштибоҳ (методикаи таълими салоҳиятнокӣ) роҳ дода, дар мазмуну мундариҷаи онҳо низ ин ғалат роҳ ёфтааст) Ба андешаи мо, сарчашмаи ин ғалат дар «Модули 1» ва модулҳои сонӣ (1,2,3,4...) аст. Дар сарсухани «Модули 1» омада: «Яке аз тадбирҳои басо муҳимми гузариш ба низоми нави таълим – низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад [6,4]. Мураттибони ин модул дар саҳифаи 9 ҳушдор медиҳанд, ки «салоҳиятро таълим намедиҳанд», вале поёнтар ва минбаъд беохир ибораи «таълими салоҳиятнокӣ»-ро истифода кардаанд, ки аксари муҳаққикон ва омӯзгорон онро мавриди истифода қарор додаанд. Илова бар ин, онҳо кӯшиш кардаанд, ки «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун низоми нав (системаи нави таълим) муаррифӣ кунанд, вале дар нишон додани назария ва амалияи он пурра муваффақ нашудаанд.

Дар Федератсияи Россия онҳо на низом, балки «муносибат» эътироф кардаанд, ки ин баҳси алоҳида аст ва ба вазифаи таҳқиқотии мо шомил намегардад. Вале дар мавриди методҳои таълим мо бо мураттибони «Модули 1» ҳамназар буда наметавонем. Масалан, дар «Модули 1» таъкид мешавад. ки «...дар низоми синфӣ - дарсӣ асосан методҳои шарҳи аёнӣ истифода мешаванд» [6,5]. Онҳо байни ду мафҳум метод ва муносибат фарқ нагузошта, заифии низоми синфӣ – дарсиро аввал дар методҳо ва дуюм ба дигаргуншавии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа рабт додаанд. Онҳо дар ин маврид се ақидаи илман асосноки олимону коршиносони соҳа (Аткинсон Р., Вербитский А.А., Болотов В.А. ва Сериков)-ро иқтибос овардаанд[6,7]. Иқтибосҳо аз рӯи мазмуну мундариҷа ва нишон додани дараҷаи номутобиқатии муносибатҳои наву кухна дурустанд, вале ба методҳо ҳеҷ як муносибате надоранд. Онҳо беҳтаршаваии вазъи таълиму тарбияро дар тағйир додани муносибат баррасӣ кардаанд, ки воқеият дорад ва бори дигар таъкид карданием, ки усулҳои таълим дар ҳамаи намуди низоми таълиму тарбия ба кӯҳнаву нав, фаъолу ғайрифаъл бояд ҷудо нашаванд ва ҳар кадоми он дар мавқеи худ шоистаи эътироф аст ва ҳатто агар мо аз низоми синфӣ – дарсии Я.А. Коменский пурра даст кашем ва низоми нави дигарро ҷорӣ намоем ҳам, усулҳои мавҷуда шомили ҳамон низом мегарданд. Ҳатто як нигоҳи умумӣ ба таҳқиқотҳои ин самт нишон медиҳад, ки дар илми педагогика усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д., Макаренко А.С.), усулҳои репродуктивӣ, проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ – таҳқиқотӣ, (М.И.Махмутов, И.Я Лернер) ва усулҳои омехта аз рӯи

нишонаҳои таълимӣ-маърифатӣ, ҳавасмандгардонӣ, арзёбӣ ва самаранокӣ (Ю.Б.Бабанский, М.Н. Скаткин) ва ғайра арзишманд буда, ҳоло дар қатори аввали технологияҳои имрӯзаи таълимӣ меистанд ва инро мураттибони «Модули 1» дар «Модули 3" пурра иқроранд.

Дар охири асри гузашга ва ибтидои асри XXI дар методикаи таълими адабиёти тоҷик низ тадқиқотҳои илмие пайдо шуда буданд, ки дар онҳо усулҳои таълими адабиёти тоҷик ва ҳатто роҳу усулҳои таҳлили асарҳои бадеӣ дар мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ дар асоси дастовархои илмию амалии педагогика ва методикаи таълим таълиф шудаанд ва имрӯз низ мавриди истифода қарор доранд. Чунин назария дар корҳои илмию таҳқиқотии равишофарини тоҷик Ш. Исломов, Қ. Хоҷаев, С. Наимбоев. Ғ. Мирзоев, М.Қозиҷонов, А.Аминов, А.Ваххобов, М.Пиров ва чанде дигарон мавқеи муҳим дорад, ки аз таҳқиқотҳои олимони шинохтаи соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими адабиёти замони шуравӣ ба монанди Л.С. Выготский, М.Н. Скаткин, Ю.К. Бабанский, Е.Ф. Шаталов, М.А. Рыбникова, В.В. Голубков, И.Я. Лернер, А.А. Липаев, В.А. Никольский, З.Я. Рез, Н.И. Кудряшев, Г.И. Беленький, В.Г. Маранцман, С.К. Бирюкова ва дигарон сарчашма мегиранд.

Яке аз таҳқиқотҳои бунёдие, ки дар соҳаи омӯзиши мероси классикони адабиёти тоҷик дар солҳои 90-уми асри гузашта анҷом ёфтааст, ин таҳқиқоти илмии Ш. Исломов ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ бори аввал дар равиши (усул - методика) таълими таърихи адабиёти тоҷик истифодаи васеи усули муқоисаро дар мисоли омӯзиши муқоисавии беҳтарин осори классикони тоҷик – достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, достонҳои «Искандарнома» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, достони «Хираднома Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шамсиддин Шоҳин ба таври илмию амалӣ возеҳ нишон дода, таъкид ба он дорад, ки табиати адабиёти классикии тоҷик майл ба омӯзиши муқоисавӣ дорад ва истифода аз он имкон медиҳад, ки хонанда мустақилона тавассути ҷустуҷӯ монандӣ ва тафовутҳоро муқаррар карда, асарҳоро хубтару беҳтар омӯзад ва тафаккури таҳлиливу мустақилияти худро дар баҳодиҳӣ рушд диҳад [3,27]. Ӯ ҳамин назарияро дар даҳ мавриди омӯзиши адабиёти классикӣ бо истифодаи ин тарзи таълим нишон дода, мустақилона аз худ намудани донишро дар ҳамгироии усулҳои репродуктивӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, муқоиса, индуксия, дедуксия, баҳсу мубодила ва ғайра медонад, ки он як таҳқиқоти навин дар методикаи таълими адабиёти тоҷик дар охири садаи XX буд ва имрӯз низ моҳияти илмию амалии худро гум накардааст.

Мураттибони «Модули 1» шояд муҳиммияти масъаларо дарк карда, дар «Модули 3» камеислоҳот ворид намуда, таъкид кардаанд, ки «Таълими хонандамеҳвар аз назарияҳои зерин маншаъ мегирад: 1.Назарияи таълими проблемавӣ (Илина Т.А.). 2.Таълими ба шахсият нигаронидашуда (Якиманская И.С.). 3.Педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д., Макаренко А.С.)...» [11,7]. Аммо фаромӯш кардаанд, ки дар илми педагогикаи тоҷик олимони соҳа монанди М. Лутфуллоев, Ф.Шарипов, С.Шербоев, С.Аминов М. ва чанде дигарон таҳқиқотҳои илмии муносиб ба анҷом расонидаанд. Вале ба ҳар ҳол, мураттибон дар «Модули 3» назария ва амлияи технологияҳои таълим, аз ҷумла усулҳои таълимро хеле доманадор ва амалӣ шарҳ додаанд ва мебинем, ки ҳамон усулҳои анъанавӣ дар консепсияи онҳо дар муносибатҳои нав усулҳои меҳварӣ мебошанд. Ҳатто онҳо номи сарлавҳаи матнро ҳамчун усули таълим муаррифӣ кардаанд. Бо вуҷуди ин дастур намунаи хубе барои истифодаи амалӣ ва пажуҳиш дар педагогикаи муосир аст.

Бо зикри ин андешаҳо ба натиҷа мерасем, ки усулҳо дар низоми пешин, ба гуфтаи мураттибони «Модули 1» танҳо иборат аз методҳои шифоҳию аёнӣ иборат набудаанд ва методҳои ҷустуҷуӣ - таҳқиқотӣ, муқоиса, проблемавӣ ва ғайра дастоварди илмии олимони соҳа буданд, ки «...ҳадди истифодабарии онҳо то андозае муайян гардидааст ва омӯзгорон аз он бархӯрдорӣ менамоянд» [6,86].

Омӯзишҳо мантиқию маънавӣ собит ме-

созад, ки мушкилот дар истилоҳ ва номи ин ё он усул нест, балки дар равандҳои педагогӣ: сохтор, идоракунӣ, муносибат ва дар маҷмуъ низоми мавҷуда аст. Барои расидан ба салоҳиятҳо месазад, ки методология ва морфологияи системаи мазкурро таҷдиди назар кард, то ки дар қатори дигар равандҳо муносибат ба истифодаи методҳо тағйир ёбанд. Дигар ин ки усулҳои таълим дар педагогикаи муосир, ба андозае, ки боиси инқирози низоми маорифи имрӯза бошад, нест, балки, ба гуфтаи В.А.Болотов ва В.В. Сериков бояд муносибатро ба таълим дигар намоем, зеро «... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилот, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст» [6,1].

Пайгирии муҳаққиқон дар бораи ташаккули методҳои таълим аз замони амалӣ гардидани назарияи Я.А.Коменский то имрӯз нишон медиҳад, ки дар илми педагогика тағйирот ва таҳаввуллоти зиёде рух додааст ва нодида гирифтани онҳо аз рӯи инсоф нест. Вале мавриди қайд аст, ки тамоми таҳқиқотҳои олимони шуравӣ, аз ҷумла муҳақиқони ҷумҳурии мо, ба формулаи маъмулии дониш, малака ва маҳорат нигаронида шудааст. Донишаандӯзӣ талаботи аввал ва стандартӣ дошта, сол ба сол ҳаҷми маводи таълим на аз рӯи сифат ва моҳияти ба хонанда зарурат доштан, балки аз рӯи шумора ва ҳаҷман зиёд кардани он ба авҷи болои худ расид, вале барои ҳазми он, барои дар таҷриба ва амал санҷидани он вақту фурсат нагузоштанд ва барномаву китобҳои дарсии имрӯзаи адабиёти тоҷик аз рӯи ҳамин принсип таҳия шудааст. Аз байн рафтани ИҶШС ва таъсири мамолики дар ин низом набуда, имкон фароҳам овард, ки на танҳо ба педагогика ва методикаи таълим, балки ба назария ва амалияи таҳсилот ислоҳоти ҷиддӣ ворид гардад. Акнун «ба кӯдак на танҳо хондану навиштан, балки чӣ гуна хуб зиндагӣ карданро низ бояд омӯхт»[2,83].

Дар сӣ соли охир дар таҷрибаи илмию амалии кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ истилоҳи «интерактивӣ» ё худ «усулҳои интерактивӣ» паҳн гашта, вожаи серистеъмол гардидааст. Усули истифодаи таълими интерактивӣ ин ҳамкории муаллиму хонанда, шарикии хонанда дар интихоби мавод ва аз роҳи таҷриба гирифтани донишҳои нав, интихоби маводе, ки барои имрӯзу фардои хонанда созгор бошад ва салоҳияти муаллим роҳнамо, шарики ҳамкорӣ бо хонанда дар ташкили зиндагии имрӯзу фардои кӯдак аст. Барои расидан ба мақсад ҳамаи усулҳо хубанд ва дигар зарурат ба тафриқа намудани онҳо ба методҳои фаъол, ғайрифаъол, методҳои анъанавӣ ва ғайра намонд. Собит гардидааст, ки методҳои «ғайрифаъол» - суҳбат, нақл, шарҳ додан, намоиш додан ва ғайра низ дар мавқеи худ бо мақсади фаъол намудани хонанда дар зинаи дигари фаолият нақши муҳим доранд ва аз онҳо ба хотири «ғайрифаъол» буданашон даст кашидан нашояд ва ҳатто даст кашидан ҳам имкон надорад. Дигар ин ки, муҳаққиқони соҳа усулҳои таълимро дар шароити ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба «кӯҳна» (анъанавӣ) ва «нав» (интерактивӣ) ҷудо накардаанд. Ва бояд дарк кард, ки методҳо кӯҳна нашудаанд, балки талаботи нави маърифатӣ, илмию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи имрӯза талаб мекунад, ки муносибат ба таълим, муносибат ба технологияи истифодабарии онҳо дигар шавад. Масалан «тарзи гӯш кардан» дар низоми педагогикаи шуравӣ бо ишораи «бодиққат гӯш кардан» инъикос ёфта, усулҳои амалии он тариқи «муаллим мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, хонандае матнро мехонад, дигарон бодиққат гӯш мекунанд», шарҳ меёфт. Салоҳияти муаллим дар хондани матн ва салоҳияти хонанда дар гӯш кардани хониш ҷамъбаст мегардид. Салоҳияти ҷонибҳо хеле сода ва маҳдуд шарҳ меёфтанд.

Имрӯз низ тарзи гӯш кардан дар аксари фанҳо, аз ҷумла адабиёт, хеле муҳим аст. Вале салоҳиятҳо чун пештара нестанд, балки салоҳияти муаллим ба вучуд овардани вазъият барои «ба таври фаъол гӯш кардан» ва амалан иҷро кардани фаъолиятҳоест, ки хонанда «шунидан»-ро аз «гӯш кардан» фарқ кунад. Гӯш кардан ин омода намудани хонанда ба марха-

лаҳои дигари кор аст. Муносибати босалоҳият имкон медиҳад, ки муаллим то замоне дар хонандагон малакаҳои гӯш карданро ба вуҷуд наорад ва хонанда шунидану гӯш карданро фарқ накунад, бояд аз ҳадафи худ даст накашад. Хонандаро ба фаъолона гӯш кардан одат намудан як намуди фаъолияти интерактивӣ аст. Агар ӯ оромона вонамуд кунад, ки гӯш карда истодаасту фикру хаёлаш ҷои дигар бошад, на хонанда ва на муаллим ба мақсадҳои таълимии худ намерасанд. Бинобар ин муаллим пеш аз гӯш кардан дастури гӯш карданро пешниҳод мекунад, ки шояд чанд ҷумларо ташкил диҳад. Пасон ба гӯш кардани хонандагон мутаваҷҷеҳ мешавад, ки чеҳраҳо тағйир меёбанд, назарҳо ва чашмҳо ба кадом самт равона мешаванд, абрувон беҳаракатанд ё болову поён меraванд, нафаскашӣ бошиддат мегардад ё не ва ғайра. Чун ин нишонаҳо дар аксари хонандагон ҳувайдо гашт, муаллим эътимод пайдо мекунад, ки хонанда шунавандаи беэътибор нест, балки дар баробари шунидан, таваҷҷуҳ ба мазмун кардааст, мутаассир гашта, ба умқи гуфтаҳо фурӯ рафта истодааст. Агар не, гӯш карданро метавонад қатъ кунад ва аз нав бо муносибати дигар хонандаро ба гӯш кардан омода намояд, то даме ки хонанда ба шунавандаи фаъол табдил нашавад, то даме ки салоҳияти фаъол гӯш кардан дар ӯ рушд наёбад. Тавре ки мебинем ин ҷо истилоҳи «гӯш кардан» тағйир наёфт, вале муносибати рӯякии лаҳзаи аввал «бодиққат гӯш кунед» ба муносибати босалоҳият «фаъол гӯш карда тавонистан» бо таъсири тарзи дастурдиҳӣ ва амалан такрор кардани он» табдил шуд. Шояд аз ин рӯз ба баъд ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи педагогика, аз ҷумла, усулҳои таълими адабиёт, усулҳои нав, истилоҳоти нав пайдо шаванд, вале ҳар кадоми онҳо дар мавриди худ истифода хоҳанд шуд. Масалан, усули аз ёд кардани матн, ки аз рӯзи пайдо шудани матн то ба имрӯз фаъол аст, метавонад дар муносибати босалоҳият ва морфологияи усулҳои интерактивӣ «кӯҳна» шуда бошад? Не, ин усул яке аз аввалин усулҳои методӣ дар педагогикаи умумӣ буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Вале муносибат ба аз ёд кардан бояд тағйир ёбад. «Бисёр вақт кӯдакро ночор месозанд, ки шеърҳои бемаъниро ёд кунад. Ин танҳо беҳуда куштани вақт аст, балки таъсири баде дар ӯ мегузорад. Ҳар сухане, ки вазну қофия дорад, наметавонад муфид бошад, вай бояд бори маънӣ кашад. Аз ин рӯ омӯзгорро зарур аст, донад, ки ба кӯдак чӣ мефармояд»[2,62].

Ин ақида сухани болоро тақвият медиҳад, яъне усул не, балки муносибатро ба усул (интихоби шеъри олӣ ва тарзу усули аз ёд кардани он) дигар кард ва муносибати дурустро ба салоҳияти асосии омӯзгор шомил сохт. Салоҳияти муллим дар интихоби шеър ва касбияти ӯ дар интихоби усулҳое, ки ба ҳамкории муаллиму хонанда иртибот доштa бошад ва бо натиҷаи босамар анҷом ёбад, инъикос меёбад. Истифодаи маҷмуи тарзу усулҳое, ки ба иҷрои мақсадҳои таълимӣ ба ҳамкории муаллиму хонанда нигаронида мешавад, бояд таълимро осон, пурмазмун ва хонандаро фаъолу коргар намояд. Имрӯз дар назарияи педагогика чунин муносибатро технологияи таълим низ меноманд. «Бисёр луғатҳои дузабона «технологияро» ҳамчун маҷмуи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд. Технологикунонии ҷараёни таълим- ин раванди инкишофест, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст. [11,7].

Дар замони истиклол дар Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2016 масъалаи муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омад. Вале то он дар тӯли 30- соли охир равишсозон (методистон) ва омӯзгорон аз истилоҳоти навлоиҳавӣ, интерактивӣ, рӯнамо (презентатсия), инструктаж, нақшофарӣ, лабиринт, эстафета, «мозговой штурм» ва ғайраро ба сифати усул истифода бурда истодаанд ва аксарият онҳоро усулҳои фаъол меҳисобанд. Вале усулҳои «кӯҳна» аз байн нарафтанд, балки дар ҳамбастгӣ таълимро хубтару самарабахш намуда истодаанд. Дар ин самт ҳақ ба ҷониби равишсоз Ш.Исломов аст, ки менависад: “усулҳо дар алоҳидагӣ не, балки дар ҳамбастагӣ ва вобаста ба мавқеъ ва вазъият бояд истифода шаванд, вагарна ҳар як метод дар алоҳидагӣ моҳияти оптималӣ

касб намекунанд ва занҷири асосии мазмуну мундариҷаи ягонаи таълим гусаста мегардад” [3,90]. Бинобар ин педагогони шинохтаи шуравӣ ҳанӯз таъкид карда буданд, ки «Оптимизатсия истифодаи ҳамаи усулҳоро, ки бо дарки мантиқӣ, ҳамбастагии оптималӣ бо назардошти вазифа ва шароити дарси мушаххас интихоб шудааст, тақозо дорад[1,108]. Ин тавсияҳо дар шароити муносибати босалоҳият моҳияти илмию амалии худро гум накардаанд.

Дар рафти таҳқиқот ва махсусан гузаронидани таҷрибаҳои озмоишӣ мо аз усулҳои фарогири таълим (хондан, нақл, суҳбат, шарҳ додан, луғатомӯзӣ, лоиҳасозӣ, рӯнамой, муқоиса, мубодила, ҷустуҷӯӣ- таҳқиқотӣ, нақшофарӣ, корҳои гурӯҳӣ, инфиродӣ, эстафета, мизи мудаввар, тест ва ғайра), ки солҳои охир дар назария ва амалияи методикаи таълим ҳамчун усулҳои интерактивӣ эътироф шудаанд, дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдуруҳмони Ҷомӣ вабаста ба вазъияти мавҷуда истифода намудем ва самаранокии онҳоро ба мушоҳида гирифтем. Таҷриба собит намуд, ки истифодаи маҷмуи усулҳо аз вазъияти таълимӣ ва маҳорати (бароати) омӯзгор вобастагӣ дорад. Ҳар қадар салоҳияти омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълим машаххасу мақсаднок бошад, ҳамон андоза хонанда арсаи илму ҳилм ва муҳити зисту зиндагии хешро васеъ мебинад ва дарки воқеияти ҳодисаву воқеаҳо ба ҷаҳонбинӣ ва рушди ахлоқу одоби ӯ бетаъсир намемонад. Ва агар омӯзгор ҳар дарс бо як - ду усули маъмулӣ хонандаро тавассути онҳо чарх занонад, ҳосили кори ӯ дарсгурезӣ, беҳавсалагӣ, бедор нашудани эҳсосоти муҳаббат, ҳамкорӣ, муоширати беиртибот ва ҳатто бадбинии хонанда нисбати фан, омӯзгор ва мактаб мегардад. Бинобар ин, дар таҷриба хулоса ва тавсияи илмию амалии муҳаққиқонро дуруст дарёфтем: «Мавқеи як усулро нисбат ба усули дигар афзал донистан мумкин нест ва умуман дар таҷриба усули ягонаи афзалиятнок вуҷуд надорад. Ҳамаи усулҳо дар мавқеи худ нисбат ба дигаре афзалият ва бартарӣ доранд»[4,86].

Масалан, методи хониш дар бисёр мавридҳо бо се тарз (приём) - хониши хомӯшона, хониши ба овози баланд ва хониши гурӯҳӣ истифода шуд. Дар хониши хомӯшона муносибати инфиродии хонанда ба матн аст, то ки хонанда дар дарки мазмун, калимоту ибороти мушкилфаҳм зеҳну хотираро фаъол гардонад. Эҳсоси ҷустуҷӯгарӣ ҳам бо зеҳн ва ҳам бо фаъол гардонидани чашм сурат мегирад. Хонанда дар чунин тарзи хониш мухтору мустақил аст ва худро роҳат ҳис мекунад, зеро ба хониши ӯ касе кордор нест, касе ӯро ташвиш намедиҳад, аз касе шарм намедорад, мумкин аст як калима ё ҷумларо ду ё се бор хонад. Ин тарзи хониш зеҳнро фаъол мегардонад, ахбори ба майна расида нейронҳои «хобрафтаро» бедор мекунанд, ба ҳаракат водор месозанд, калимаҳои навро ба кулвори хотира мефиристанд. Дар хониш овози баланд, эҳсосот фаъол мешавад, хонанда аз ҳолати оромӣ ба ҳолати омодагӣ мегузарад, нейронҳо паёми масъулиятро ба бофтаҳои асаб мефиристанд. садои хонанда оҳангдор мешавад, таппиши дил ва гардиши хун каме аз меъёр мебароянд ва рухсораҳо каме арғувонӣ мегарданд, сар, китфҳо, чашмон, дастҳо, пойҳо дар лаҳзаҳои гуногун ҳаракатҳои гуногун мекунанд. Дар хониши гурӯҳӣ оромии ботинӣ кӯдакро хушҳол мегардонад, зеро садои зиёд, ки оҳангдор аст, дар ӯ эҳсоси роҳат будан боло меравад, агар тони овозаш нарасад худро хиҷолат ҳис намекунад, зеро овозҳои дигар овози ӯро пурра мекунанд, эҳсоси хурсандию хушнудӣ дар ӯ бештар мегардад, нейронҳои шунавоии ӯ фаъол мешаванд ва агар матн назм бошаду тиловат (бо оҳанг) шавад, нишоту фараҳмандӣ дар кӯдак дучанд мегардад.

Навиштан усули маъмулист, ки аз боғча оғоз шуда, барои тамоми умри шахс хизмат мерасонад. Дар ҳолати зикршуда навиштани калимаҳои шарҳталаб масъулияти хонандаро бештар мегардонад. Навиштан аслан барои хондан аст ва таъкиди «бехато нависед», «зебо нависед, ки хонда тавонед», «калимаҳои шарҳталабро дар шакли сутун нависед»-и муаллим папёми муҳим ба нейронҳо ва умуман системаи асаб аст, ки дар маҷмуъ кӯдакро ба масъул будан водор сохтан, ин салоҳиятро дар ӯ ташаккул медиҳад. Навиштан низ зеҳну диққатро фаъол, хотираро қавӣ ва чашмро на-

зарсанҷ мегардонад.

Суҳбат (тарзҳои (приём) суҳбат: суҳбати озод, саволу ҷавоб, суҳбати эврестикӣ, суҳбати проблемавӣ, суҳбати як ба як - муколама ва ғайра). Намунаи суҳбате, ки муаллим дар лаҳзаҳои гуногуни дарс истифода кард бо чандин усули дигар дар иртибот буд ва онро мо усул андар усул номидем, чунки усули саволу ҷавоб худ як намуди суҳбат аст, вале дар ҳар савол усулҳои дигар ҳамгиро мешаванд.

Луғатомӯзӣ. Кор бо луғатро метавон калиди асосии ворид шудани хонандаи имрӯза ба қасри илму адаби гузаштагон ҳисобид. Озмоишҳои пай дар пай собит намуд, ки хонанда ҳар чӣ қадар бо луғат кор кунад, ҳамон қадар дониши нав ҳосил мекунад. Забони ноби классикони мо аз дидгоҳи имрӯз кӯҳна нашудааст, ки мо онро нафаҳмем, вале дар се маврид, хонанда ба шарҳи калимаву ибораҳо ниёз дорад: а) шарҳи калимаҳои арабӣ; б) шарҳи калимаҳои архаистӣ; в) шарҳи калимаву ибораҳое, ки маънои маҷозӣ доранд ва дар тасвирҳо санъатҳои бадеии гуногун сохтаанд, ки аз надонистани онҳо мазмун ҳосил намешавад. Бинобар ин ҳар чӣ бештар кӯдак ба луғат сару кор гирад, ҳамон қадар саргарми ҷустуҷӯи маънӣ мешавад. Барои он ки луғатомӯзӣ усули дилбазани хонанда нагардад, муаллим пайваста бо онҳо ҳамкорӣ кунад, тарзу усулҳои гуногуни корро ба хонанда пешниҳод намояд, ки як намунаи чунин ҳамкориро мо дар мисоли лоиҳаи «Луғатсозӣ» аз озмун гузаронидем, ки натиҷаи босамар дод.

Лоиҳасозӣ. Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир аксари равишсозону омӯзгорони ҷумҳурӣ онро ба қатори «усулҳои нав» ворид намуда, истифодаи онро дар мавридҳои гуногун тавсия медиҳанд. Вале дар усули таълими адабиёти тоҷик дар ин бора маълумоти кофӣ мавҷуд нест ва дар тавсияҳои илмию методии мутахассисони соҳа таълифоте пайдо накардем. Аз рӯи сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, ки Суқрот поягузори ин усул буда, баъдтар олими амрикоӣ Ҷ. Дюи дар назария ва амалияи психология, педагогика ва методикаи таълим назарияи ба таври таҷриба аз худ кардани донишҳои заруриро ба миён гузошта, формулаи «дониш, малака ва маҳорат (ДММ)»-ро дар шакли «дониш таҷриба ва малака (ДТМ)» пешниҳод намуд. Баъд аз ӯ олими дигар У.Х. Килпатрик ин назарияро дар китоби худ «Методи лоиҳаҳо» тақвият бахшида, тавсия дод, ки мактаб хонандаро ба ҳаёт дар шароити тағйирёбии динамикии ҷамъият, ба бархӯрди проблемаҳои номаълуми оянда бояд тайёр кунад[15,86]. Дар Россия ин масъаларо олими рус С.Т. Шатский ба миён гузошт ва дар таҷрибаи мактабҳои Россия ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ то соли 1931 мавриди истифода буд ва соли 1931 бо қарори ҳизби коммунист ҳамчун усули педагогикаи буржуазӣ маҳкум гардидааст[14,39-41]. Танҳо солҳои 80-90-и асри гузашта ин усул аз нав дар таҳқиқ ва истифодаи амалӣ роиҷ гардид ва дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Истиқлоли миллӣ тавассути ҷалби лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ ба ислоҳоти соҳаи маориф мавриди истифода қарор гирифт.

Таҷрибаи нахуст тавассути ташкилоти ЮНИСЕФ (лоиҳаи «Қадам ба қадам») амалӣ гардидааст ва имрӯз дар таҷрибаи ками муаллимон қобили истифода аст. Лоиҳа тарҳи он чизест, ки ҳоло вуҷуд надорад. Сохтмон ва истифодаи он тавассуи усулҳои интерактивӣ сурат мегирад. Тавре ки дар боло зикр шуд, усули интерактивӣ ин ҳамбастагии методҳои таълим барои иҷрои мақсади пешакӣ муайяншуда аст. Аз ин рӯ, унсурҳои таркибии он иборатанд аз усул ва тарзҳои (приёмҳои) гуногуни кор дар ҷараёни иҷрои мақсадҳои мушаххаси таълимӣ. Ҳатто типологияи усули лоиҳа талаб мекунад, ки дар паҳлӯи он усул ё тарз(приём)-и дигаре ҳамрадиф бошад. Масалан, дар рафти озмоиши таълимӣ мураттаб намудани луғати асарҳое, ки аз Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ омӯзонида мешаванд, дар шакли лоиҳа пешниҳод шуд, хусусияти ҷустуҷӯӣ - таҳқиқотӣ дошт ва усулҳои ташхисӣ, таҳқиқотӣ - ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, арзёбӣ ва ғайра ҳамрадифи усули мазкур гардиданд. Натиҷаи эксперементалии ин лоиҳаро дар фасли сеюми кор баррасӣ кардаем.

Агар тавсифу шарҳи усулҳо дар ин дарс истифодашударо идома диҳем, боз ҳам ба ҳамин

натиҷа мерасем: технологияи таълим ин маҷмуи роҳу усулҳо барои моҳирона иҷро кардани вазифа ва мақсадҳои мушаххаси таълимӣ аст; ҳамаи усулҳо ба хотири фаъол кардани хонанда, барои гирифтани донишҳои зарурии дар амалия санҷидашуда, иштирокчии фаъол гардонидани хонанда дар истифадаи ин донишҳо мебошад; ҳамаи усулҳо дар ташаккул додани салоҳиятҳои коммуникативӣ, иҷтимоишавии хонанда, кор карда тавонистани ӯ бо иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, ташаккул додани қобилиятҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва ғайра ҳамрадифи якдигаранд. Бинобар ин, мо усулҳоро ба фаъолу ғайрифаъол ҷудо накардем, зеро чӣ тавре ки дидем, ҳар усул дар мавқеи худ барои фаъол гардонидани ягон ҷиҳати фаъолияти майна, системаи асаб ва узвҳо таъсир доранд. Илова ба ин усулҳои таълимро таҳрикдиҳандаи фаъолият дарёфтем, бинобар ин ибораи «усулҳои фаъол» хоси чанд усул (асосан усулҳои лоиҳа, проблемавӣ, презентетсия, гурӯҳбандӣ ва ғайра) дониста шудааст, ки қобили қабул нест. Он маҷмуи усулҳои таълим аст, ки барои иҷрои мақсади мушаххасшуда бо ҳам иртибот пайдо карда, ҳамкории воқеии муаллиму хонандаро таъмин менамояд. Бинобар ин онро усули ҳамкории муаллиму хонанда гуфтан ҷоиз аст.

Ҳамин тавр, методи интерактивӣ ин воситаи (инструменти) асосии иртиботи хонандаву омӯзгор аст, ки дар рушди муносибати босалоҳияти хонанда ва омӯзгор нақши калидӣ дорад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, таълими интерактивӣ таълимест, ки дар он нокомӣ ва бемуваффақиятӣ ҷой надоранд [15].

Адабиёта:

1. Бабанский Ю.К.. Поташник М.М. Оптимизация педагогического процесса /В вопросах и ответах / -Киев, Радянська школа, 1981. 188 с.

2. Иноятхон. Тарбия / Иноятхон[Текст]. -Душанбе, 2011. -112 с.

3. Исломов Ш. Изучение лироэпических произведений на уроках родной литературы в 1Х-Х классах\Ш.Исломов. Диссертация на саискание учёной степени кандидакта педагогических наук[Текст]-Москва,1990.

4. Миров Т, Хоҷаев Қ, Исломов Ш.Методикаи таълими адабиёти тоҷик\ Т.Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов [Матн].- Душанбе, 1991.- 254 с.

5. Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик оид ба муносибати босалоҳият дар таълим [Матн]. -Душанбе, 2017.

6. Модели 1. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Душанбе, 2016.

7. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим / Модули таълимӣ [Матн]. – Душанбе, 2017. - С. 9-10.

8. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А Байзоев [Матн]. Душанбе: Ирфон, 2018.-72 с.

9. Мухторӣ Қ. Модули таълимии курсҳои омӯзишии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба гузариши муносибатҳои босалоҳият дар таълим / Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров [Матн] – Душанбе, 2017, – 79 с.

10. Мухторӣ Қ., Сафин Д., Кабиров Н. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ \ Қ. Мухторӣ ва диг [Матн].-Душанбе, 2018.- 60 с.

11. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули 1. Мураттибон:Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., ҚодировН., ИргашеваМ., Зиёев Қ [Матн]. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.

12. Ниёзов Ф. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. / Ф.Ниёзов ва дигарон [Матн]. – Душанбе, 2016, – 65 с.

13. Ниёзов Ф. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ Модули 1\ Ф.Ниёзов ва дигарон [Матн]. –Душанбе, 2016.-141 с.

14. Сафин Д.В., Мусина Р.Г. Интерактивные - методы преподавания и обучения. Душанбе, 2007.-86 с.С.39 Сафин Д.В., Мусина Р.Г. Интерактивные - методы преподавания и обучения. – Душанбе, 2007.-86с.

15. Райс О.И.,Е.А.Корненко. Интерактивные технологии в обучении // Педагогика нового времени, 2002. litrs. ru) .

**Нилуфар УСМОНОВА**
**омӯзгори МДТ Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**



# ҲОРМОНҲО ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАНЗИМИ БИОХИМИЯВӢ

Ҳормонҳо моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, ки ғадудҳои тарашшӯҳи дохили ва ё ҳуҷайраҳои ҷудогона ҳосил мекунанд. Ҳормонҳо мубодилаи моддаҳо, фаъолияти ҳуҷайраҳо инчунин кори организмро танзим мекунанд. Ҳормонҳо сохти химиявии гуногун доранд Дар замони ҳозира бисёр гормонҳо дар намуди холис ҷудо карда шудаанд, инчунин баъзе аз онҳоро бо роҳи синтезӣ ҳосил кардаанд. Механизми таъсири гормонҳо қиёсан дертар тадқиқ карда шуд ва аз ин рӯ, он ҳанӯз пурра ошкор нагардидааст. Моҳияти таъсири баъзе гормонҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар фаъолгардонии системаи ферментҳо иштирок менамоянд. Ҳоло зиёда аз 39 гормонҳое, ки ғадудҳои дохилиусоравии ширхурҳо ва одам ҷудо мекунанд, маълум карда шудааст.

Бисёр ҳормони одаму ҳайвонот монанд мебошанд. Аз ин рӯ, барои муолиҷаи одамони бемор ҳормони аз ғадудҳои эндокринии ҳайвонот гирифтаро чун дору ба кор мебаранд. Вале ҳормони сафедави ё полипептидии инсон ва ҳайвон аз ҳамдигар фарқ доранд. Дар организм ҳосил шудани ҳормон ба тариқи иртиботи чаппа танзим мешава агар қанди хун аз эътидол кам бошад,таҳвили инсулин (гормоне, ки ғилзати қандро дар хун зиёд месозад) меафзояд.Хамин тариқ, на фақат ҳормон ба рафти танзим таъсир мегузорад,балки вазъи худи ҳамин ҷараён низ ба суръати ҳосил шудани гормон таъсир мерасонад.Ба туфайли чунин таъсири мутақобила ҳормон ҳамеша дар як вазъи муайян қарор доштани муҳити дохили баданро таъмин менамояд.Масалан, онҳо нигоҳдорандаи миқдори об қанд ва электролитҳои хун мебошанд.

Гормонҳо гузаронандагии сатҳи ҳуҷайраҳо, мембранаи митохондрия, ядро ва дигар қисмҳои ҳуҷайраҳоро тағйир медиҳанд, ки он ба афзудани ҷудошавӣ ё баръакс, ба ҳуҷайраҳо дохилшавии пайвастагиҳои муайян тағйирёбии режими (тартиботи) реаксияҳо оварда мерасонад. Масалан, ба туфайли таъсири гормони кортикостероидӣ – алдостерон дар дохили ҳуҷайра консетратсияи ионҳои калий зиёд мешавад. Агар алдостерон нокифоя бошад, он гоҳ консентратсияи ионҳои калий ва фишори осмосӣ паст мешавад. Дар ин маврид дар одам инкишоф ёфтани касалии вазнин (касалии Алдисон) мумкин аст, ки он боиси адинамия мегардад. Гормонҳо ба суръати протсессҳои ферментативӣ ва дохилшавии ферментҳо ба хун таъсир мерасонанд. Гормони стероидӣ – кортикотропин фаъолияти ферменти фосфорилазаро баланд мекунад. Маҳсулоте, ки аз гормони ғадуди сипаршакл ҳосил мешавад, ба рафти оксидшавии фосфоронӣ таъсир мерасонад ва ғайра. Гормонҳо метавонанд боиси фаъолгардии кори системаи асаб гарданд ё ки кори системаи асабро боздоранд. Роли онҳо дар протсесси тақсимшавии ҳуҷайраҳо калон аст. Гормонҳо ба синтези ферментҳо (ва коферментҳо) таъсир мерасонанд, ки ин яке аз воситаҳои бештар боэътимоди зуд ба танзим овардани реаксияҳои химиявӣ дар ҳуҷайраҳо мебошад.

Гормонҳо дар гипофиз, ғадуди сипарша-

кл, қишри болои гурда, ғадудҳои ҷинсӣ, ғадуди зери меъда, ғадудҳои ҷуфти (назди) сипаршакл, инчунин дар пардаи луобии рӯда синтез мешаванд.

Масалан, ғадуди зери меъда асосан ду ҳормон хориҷ мекунанд (инсулин ва глюкогон), ки табиати сафедави доранд. Инсулин дар бетта ҳуҷайраҳои Лангенгарс дар шакли проинсулин дохил мешавад ва ба инсулини фаъол табдил меёбад.Инсулине,ки ба хун ворид мегардад, дар шакли озод ва пайваста (бо сафедаҳои таркиби плазмаи хун) шуда метавонанд. Инсулин озод ба ҳама бофтаҳои ба инсулин ҳассос буда таъсир расонида, инсулини пайваста танхо ба бофтахои чарбӣ таъсир мерасонад. Ҳангоми зиёд шудани миқдори глюкоза дар хун (гипергликемия) инсулин аз руи механизми тъсири мембранавӣ таъсир карда, миқдори глюкозаро дар хун то ба меъёр паст карда танзим менамояд, яъне кобилияти гузаронандаги мембранаро барои глюкоза, аминҷавҳарҳо ва ионҳои К+, Са2+ зиёд мекунад. Дар вақти норасоии инсулин дар хун, организм ба бемории диабети қанд гирифтор мешавад, ки нишонахои асосии ин бемори хориҷшавии глюкоза бо пешоб (глюкозурия), серпешоби (полиурия), ташнагии барзиёд (полидепсия), пурхӯрӣ (полифагия) мебошад. Ҳормони глюкагон табиати сафедавӣ дошта, дар алфа хуҷайраҳои Лангенганс ҳосил мешавад ва таҷзияи гликагенро дар ҷигар, мушакҳо ва чарбҳои нейтралиро дар бофтахои чарби метезонад. Меъёри глюкозаро дар хун танзим мекунад.

Ҳормонхои ғадуди сипаршакл - йодтиронинҳо (тироксин ва трийод-тиронинҳо ва калситонин) мебошад. Гипофунксияи ғадуди сипаршакл дар хурдсоли боиси инкишофи ноқисулақли (кретинизм) мегардад. Нишонаҳои ин бемори боздоштани сабзиши мӯй, суст шудани суръати мубодилаи модда мебошад. Дар калонсолон бошад боиси миксидема мегардад. Ба ин бемори асосан занон гирифтор мешаванд. Нишонаҳои ин бемори дар вайроншавии мубодилаи обу намак ва фарбеҳи, рехтани мӯй ва дандонҳо мушоҳида мешавад. Вайроншавии мубодилаи йодтиронинхо дар организм сабабгори бемории зоби эндемикӣ ва бемории базеди мешавад. Калситонин миқдори доимии Са2+-ро дар хун танзим мекунад. Норасогии калситонин дар хурдсоли сабабгори бемории рахит ва дар калонсолон сабабгори шусташавии ионҳои Са2+ аз устухон (остеопороз) мегардад.



**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори химияи литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ЭКСКУРСИЯ - ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

Дар байни корҳои ташкилии таълими фанни химия, экскурсияҳои истеҳсолию таҷрибавӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Онҳо яке аз воситаҳои амалӣ гардонидани тарбияи ташаккули тафаккури техникӣ мебошанд, ки алоқаи муассисаи таълимиро дар ҳаёт бо корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин месозанд. Экскурсия фаъолияти маърифатии хонандагонро рағбат дода, на танҳо ба онҳо донишҳои нав медиҳад, балки имконияти зиёди тарбиявиро низ фароҳам меоварад.

Гузаронидани экскурсия бояд ба барномаи таълимӣ алоқаманд карда шавад. Асоси онро бояд принсипҳои асосии педагогӣ-техникӣ, алоқамандии таълим бо ҳаёт ва тарбия, мантиқи фан, айёният, ба ҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон ташкил намояд. Омӯзгор пеш аз он, ки хонандагонро ба экскурсия барад, худаш бояд дар бораи он объект маълумоти пурра дошта бошад.

Ҳангоми тайёрӣ ба экскурсия аввал муайян кардан зарур аст: Оё ба ин муассиса бурдани хонандагон мумкин аст ё не? Оё он бо Барномаи таълимӣ алоқамандӣ дорад ё не? Саравал ба таври кӯтоҳ бояд хонандагонро бо маълумоти истеҳсолии корхона ё макони экскурсия шинос кардан лозим аст. Омӯзгор бояд ба роҳбалад имконият диҳад, ки барои ҳикоя кардан дар бораи муассиса тайёрӣ бинад, то ин ки моҳияти ҷараёнҳои биологию химиявӣ ва технологияи истифодашавандаро дуруст шарҳу маънидод кунад. Мо ин ҷо намунаи ташкили як экскурсияро ба Стансияи обсофкунии шаҳри Душанбе пешкашатон менамоем.

Мақсади экскурсия: Шиносонидани хонандагон бо системаи обтаъминкунӣ ва таҷҳизоти он бо равандҳои соф кардан, филтр кардан ва хлоронидани об.

Тайёрӣ ба экскурсия: Хонандагон дар дарс, ки бо тайёрии экскурсия бахшида мешавад, дар синфи 8-ум аз мавзуи “Мафҳумҳои ибтидоии химиявӣ” бояд чунин мавзуъҳоро такрор намоянд: моддаҳо; моддаҳои холис ва омехта; ҳодисаҳои физикавӣ ва аз мавзуи “Об. Асосҳо. Маҳлулҳо” об дар табиат; ҳосил кардани оби соф ва хосиятҳои физикавии он; таҳлил ва синтези об; об ҳамчун ҳалкунанда; ҳалшавандагӣ; аҳамияти маҳлулҳо дар табиат, истеҳсолот ва кишоварзӣ, ҷиҳати алоқамандии байнифаннӣ: аз фанни география сарчашмаҳои пайдоиши об ва аз фанни физикаю технологияи иттилоотӣ бошад технологияҳои худидорашаванда ва ғайраҳо.

Хонандагони синф бояд мавқеъҳои хлор ва истеъмоли хлор дар табиатро аз мавзуи “Галогенҳо” такрор кунанд. Дарсеро, ки махсус барои такрори маводи дар экскурсия пешбинишуда ҷудо карда мешавад, ба тариқи суҳбат гузаронидан мумкин аст.

Ба хонандагони синфҳои 8-9 саволҳои зерин дода мешаванд:

Оби табиӣ чӣ хел ғашҳо дорад?

Шумо кадом усулҳои тоза кардани обро медонед? Ин ба кадом ҳодисаҳои физикавӣ ё химиявӣ мансуб мебошад?

Барои нӯшидан кадоме аз обҳои табиӣ мувофиқтаранд? оби дарё ё чашмаҳо.

Оби барои нӯшидан таъиншударо аз намакҳои минералӣ комилан тоза кардан мумкин аст?

Оби нӯшокӣ аз намакҳо чӣ хел тоза карда мешавад?

Оби тамоман тозаро чӣ тавр ҳосил намудан мумкин? Ин ҷараёни кор чӣ хел гузарони-

да мешавад?

Таркиби обро бо кадом усул исбот кардан мумкин аст?

Анализ (таҳлил) ва синтез (ҳосилкунӣ) чист?

Ҳалшавандагӣ чист?

Дар об ҳалшавандагии моддаҳоро бо кадом усул тезонидан мумкин аст?

Барои чӣ ба аквариум оби ҷӯшонидашударо рехтан мумкин нест?

Об дар куҷо истифода бурда мешавад?

Хонандагони синфи 8-ум ғайр аз саволҳои дар боло номбаршуда боз ба саволҳои зерин бояд ҷавоб дода тавонанд:

Аз об микроорганизмҳои гуногун аз ҷумла микробҳои барои ҳаёти инсон хатарнокро чӣ тавр барҳам додан мумкин?

Хосиятҳои химиявии хлор ва таъсири он бо об. Чаро ин хосияти хлор барои нест кардани микроорганизмҳо дар об истифода бурда мешавад? Муодилаи реаксияҳоро нависед.

Барои чӣ пеш аз балонҳои пӯлодинро бо хлор пур кардан хлорро бо диққат хушк мекунанд?

Соҳаҳои истифодабарии хлори озод ва пайвастагиҳои онро номбар кунед. Тарзи истифодаи ҳар яки онро бо хосиятҳои хлор ва пайвастагиҳои он алоқаманд намоед.

Хонандагон медонанд, ки оби табиӣ ба миқдори муайян моддаҳои минералӣ дорад. Омӯзгор бояд илова кунад, ки дар таркиби оби табиӣ боз моддаҳои ҳалшудаи органикие мавҷуданд, ки онҳо ҳангоми тозакунии об бо таъсири гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$) тоза карда мешаванд. Гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$) фурӯкашандаи хубест, ки ба тезтаҳшиншавии моддаҳои органикии дар об ҳалшуда мусоидат мекунад. Пас аз он мубодилаи реаксияи ҳосилшавии гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$) навишта мешавад.

Хонандагони синфҳои 8-ум барои мукаммал фаҳмидани гидролиз аз ҷиҳати назариявӣ тайёр нестанд, чунки онҳо ба ин мафҳум дар синфи 9-ум шинос мешаванд. Бинобар ин дар хотир доштан ва аз худ кардани ин реаксияро аз онҳо талаб кардан лозим аст. Диққати асосии хонандагонро ба моддаи охири реаксияи гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$) ҷалб намудан лозим аст.

Гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$) дар натиҷаи реаксияи барнагардандаи муовизаи байни намаки калсийи дар об ҳалшуда ва сулфати алюминий ($Al2(SO4)3$) ба об ҳамроҳ кардан, ҳосил мешавад.

Барои пурсамар ва таъсирбахш гузаштани экскурсия бо хонандагон гузаронидани таҷрибаи ҳосилшавии гидроксиди алюминий ($Al(OH)3$)-ро дар оби дарё намоиш додан ба мақсад мувофиқ аст. Хонандагон ҳосилшавии таҳшин ва ҷудошавии ҳубобчаҳои газро қайд мекунанд. Бинобар ин ба хонандагон таҷрибаи пешакӣ (3-4 соат пеш аз намоиш) тайёркардашуда бо сулфати алюминий ($Al2(SO4)3$) тозакунии оби муқаррарии чиркини дарёро истифода бурдан, тавсия дода мешавад. Таҷрибаро дар истаконҳои химиявӣ гузаронидан беҳтар аст. Як истакон оби дарёро ҳамчун санҷишӣ барои муқоиса нигоҳ дошта, ба истакони дигари оби дарёдошта, миқдори сулфати алюминий ($Al2(SO4)3$)-ро мерезанд. Дар аввали намоиши таҷриба нағз таҳшиншавии ғашро мушоҳида мекунанд. Баъдан ба хонандагон чунин савол додан мумкин аст: барои дар дегҳои бӯғкунӣ ҳосил нашудани таҳшин чӣ кор кардан лозим аст? Онҳо тақрибан метавонанд чунин ҷавоб диҳанд: барои он обро аз намакҳои минералии дар он ҳалшуда тоза кардан лозим аст.

Дар ин маврид барои фаҳмидани раванди ҳодисаҳои химиявии дар истакони обсофкунӣ гузаронидашуда, хонандагонро бо донишҳои зарурии нав мусаллаҳ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Хонандагонро таъкид кардан лозим аст, ки дуруштии об бо намакҳои ҳалшудаи бикарбонатҳо, сулфатҳо ва хлоридҳои натрий, калсий, магний ва калий вобаста мебошад. Барои мустаҳкамкунии мавзуи “Намакҳо” хонандагон метавонанд ном ва формулаҳои намакҳои номбаршударо ба дафтарашон нависанд.

Оиди барҳам додани дурушти (нарм кардан)-и об бо ёрии сода ($Na2CO3$) ва оби оҳак ($Ca(OH)2$) таҷриба гузаронида, барои аз об тоза кардани намакҳои калсий ва магний бо истифода аз реаксияи муовизаи барнагарданда, фаҳмонида мешавад.

## ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

$$Ca(HCO_3)_2 \xrightarrow{t} CaCO_3 + CO_2\uparrow + H_2O$$
$$MgCl_2 + Ca(OH)_2 \rightarrow Mg(OH)_2\downarrow + CaCl_2$$

Хонандагон аз ҷадвали ҳалшавандагӣ истифода бурда, муайян карда метавонанд, ки кадоме аз моддаҳо таҳшин мешавад.

Роҳбари экскурсия дар ибтидои экскурсия бо хонандагон суҳбати муқаддимавӣ на зиёд аз 10 дақиқа мегузаронаду оиди объектҳои асосии экскурсия мухтасар маълумот медиҳад. Қайд мекунад, ки Стансияи тозакунии оби қубурҳои худҷоришаванда дар Душанбе соли 1957 сохта шудааст. Оби дарё ба канал ва аз онҳо ба обанбор ҷорӣ мешавад.

Стансияи обсофкунӣ соли 1964 ва баъд солҳои 1971-1975 аз нав сохта, территорияи он хеле васеъ карда шуд. Стансия аз 8 шуъба иборат аст: шуъбаҳои обанбор, пешаки хлоронидани об, обсофкунӣ, филтркунӣ, хлоратор, обҷамъкунак, толори мошинҳои стансияи насосӣ ва лабораторияи химиявӣ.

Хонандагонро бо лабораторияи химиявӣ шинос кардан аҳамияти калон дорад, чунки онҳо дар он ҷо бо кори химик-лаборант шинос мешаванд.

Роҳбари экскурсия дар охир ҷиҳати минбаъд истифода бурдани оби тоза, аҳамияти он барои саноат, хоҷагии қишлоқ ва барои зисту зиндагонии инсон муфассал нақл мекунад.

Барои он ки маводи мустаҳкам гардонидани дониши ҳосилкардаи хонандагон, такрори масъалаҳои оид ба реаксияҳои муовиза, хосиятҳои химиявии хлор, пайвастаҳои оксигендори он истифода бурда шавад, баъди экскурсия аз рӯйи мавзуи “Химияи обсофкунӣ” гузаронидани дарс ба мақсад мувофиқ аст.

Барои гузаронидани суҳбат бо хонандагони синфи 8-ум намунаи чунин саволҳоро тартиб додан мумкин аст:

Кадом реаксияҳо муовиза номида мешаванд? Дар кадом шароитҳо ин реаксияҳо барнагардандаанд?

Об чи гуна ғашҳо дорад?

Оби тоза дар куҷо истифода бурда мешавад?

Раванди хлоронидани обро фаҳмонед.

Барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба хосиятҳои оксидкунандагии хлор таҷрибаи берангшавии маҳлули рангҳои органикиро такрор кардан мумкин аст. Масалан, барои хонандагони синфи 8-ум ”Таҳшинкунии ғашҳои об бо роҳи ҳамроҳ кардани сулфати алюминий - Al2(SO4)3”, барои хонандагони синфи 9-ум ду кор: яке ҳамон кори барои синфи 8-ум супурдашуда, дигараш нарм кардани об бо ёрии сода - Na2CO3 тавсия карда мешавад.

Маводи экскурсия минбаъд дар синфи 9 ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои “Назарияи диссотсиатсияи электролитӣ”, “Карбон ва силитсий”, “Кислотаи карбонат ва намакҳои он”, “Металлҳо”, “Дуруштии об ва усулҳои бартараф кардани он” истифода бурда мешаванд.

Барои амалӣ гаштани маводҳои омӯхтаи хонандагон корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ, махсусан экскурсия ба истеҳсолот аз ҳамаи фанҳои таълимӣ дорои аҳамияти калон мебошад. Экскурсияҳоро ҳар сол дар таътилҳои зимистона ва баҳорӣ гузаронидан мумкин аст.

Аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии гузаронидани экскурсия дар Стансияи обсофкунӣ барои омӯзгорон маълум мебошад. Дар ин ҷараён омӯзгорон ба хонандагон аз алоқамандии байни фанни биология ва химия истифода мебаранд.

Дар хотима, экскурсия ҷамъбаст карда шуда, маълумотҳое, ки хонандагон дарк намудаанд, алоҳида қайд карда мешаванд. Хонандагон натиҷаи корҳои мушоҳида кардаашонро ба омӯзгор нақл менамоянд. Ҳамин тавр байни омӯзгору хонандагон суҳбат барқарор мегардад ва омӯзгор дониши шогирдонашро сайқал медиҳад.

Хулоса, хонандагон баъди ба охир расидани экскурсия дар бораи натиҷаи экскурсия ҳисобот зери унвони “Натиҷа ва бардошти ман аз экскурсия” тайёр мекунанд. Дуруст ташкил кардан ва баргузор кардани чунин экскурсияҳо барои омода кардани хонандагон ба ихтисосҳои муҳандис-химик, химик-технолог, химик-лаборант ва ғайра мақсаднок буда, барои шавқу ҳавас пайдо кардани хонандагон нисбат ба ихтисосҳои зикршуда аҳамияти калон доранд.

**Марворид ТОҲИРОВА,**
**мудири кафедраи фанни забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №2 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе**

# ЗАБОН ОМӮЗ, ТО БО ЗАМОНА ҲАМҚАДАМ БОШӢ!

***"Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".***

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Воқеан ҳам, рушди босуръати илму техника моро водор месозад, ки ҳамқадами замон бошем ва дар истифодаи техника ва технологияи навин аз дигарон қафо намонем. Бинобар ин, истифодаи дурусти технологияи замонавӣ бе донистани ҳадиақал як ё ду забони хориҷии муошират байналмилалӣ мушкил хаҳад буд. Гузашта аз ин, ҳар нафаре, ки ин ё он забони хориҷиро аз худ мекунад, метавонад аз таърих ва фарҳангу тамаддуни дилхоҳ миллатҳо огоҳ бошад ва дар баробари ин, таъриху фарҳанг ва тамаддуни волои миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Масалан агар шахс забони англисиро донад, метавонад, ки бо аксар мардуми рӯи дунё озодана суҳбат намояд. Зеро забони англисӣ яке аз забонҳои маъмул ва мондагори олам маҳсуб меёбад, ки дар раванди ҷаҳнишавии ҷомеа нақши беандоза дорад. Ҳамагон хуб медонанд, ки аксар мардуми дунё бо ин забон гуфтугӯ мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд, ки “Агар мо хоҳем, ки бо ҷомеаи пешрафтаи башар баробар қадам гузорем, бояд ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳем”. Ин аст, ки сол аз сол таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба забономӯзии насли наврас зиёд гардида истодааст. Пӯшида нест, ки омӯзиши ин забон аз омӯзгорони фанни забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ малакаю маҳорати хосро тақозо менамояд. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чӣ бояд кард то дар муассисаҳои таълимӣ хонандагон забони англисиро бо роҳу усулҳои сода боз ҳам хубтару беҳтар аз бар намоянд? Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташаккули малакаҳои шунидану фаҳмидан, ҳарф задан ва хондан ҳадафи асосӣ ба шумор меравад. Бо овози баланд талаффузи калимаҳо низ барои омӯзиш аҳамияти хоса доранд. Вале набояд фаромӯш кард, ки дар ин ҳолатҳо истифодаи аёниятҳо таъсири бештар доранд. Баъзан лозим меояд, ки соатҳо баҳри талаффузи калимаҳо вақт сарф кунем. Хонандагон ҳар як калима, ҳатто ҳарфҳоро мешунаванд, онро бо овози баланд талаффуз мекунанд. Гаштаву баргашта талаффузи калима, махсусан баҳри омӯзиши забони англисӣ зарур аст. Ҳарф заданро тавассути гуфтор, хонданро тавассути хондан, шунида фаҳмиданро бо тариқи гӯш кардан ва навишторро тавассути навиштан омӯзондан лозим аст.

Ҳамаи ин малакаҳо бояд дар иртибот бо якдигар омӯзонида ва амалӣ карда шаванд, аммо ин амр бе истифода аз аёният ғайриимкон мебошад. Бешак, усули истифодаи аёният дар таълим яке аз усулҳои асосии дидактика ба шумор меравад. Бахусус, дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ аёният аҳамият ва нақши хоса дорад.

Чуноне, ки медонем, дар адабиёти илмӣ асосан ба ду навъи аёният ишора мешавад: аудиоӣ (шуниданӣ) ва визуалӣ (диданӣ) ё аудиовизуалӣ. Аз марҳалаи аввали омӯзиши забони хориҷӣ сар карда, то ба охир истифодаи асбобҳои аудиовизуалӣ, ба монанди магнитофон, радио, видео, DVD ва CD-плеерҳо, барномаҳои гуногуни компютерӣ, филмҳои тасвирӣ бо субтитрҳо, диктофон ва букридерҳо, инчунин таблитсаю ҷадвалҳо, расмҳо ва ашёи гуногун аҳамияти хоса доранд. Набояд фаромӯш кард, ки истифодаи воситаҳои аёнӣ ба инкишофи тафаккури хонандагон ёрӣ мерасонад.

Як нуктаро қайд кардан бамаврид аст, ки ақидаи олимону забоншиносон оид ба омӯзиши забоҳои хориҷӣ гуногун аст. Масалан, забоншиноси барҷаста Лев Владимирович Шерба дар ин хусус қайд кардааст, ки дарккунии маънои калимаҳо ва категорияҳои забони модарӣ бе мавҷудияти истилоҳҳо барои муқоиса хеле мушкил мебошад, инчунин ӯ зикр намудааст, ки омӯзиши забони хориҷӣ барои дарки забони модарӣ ёрӣ медиҳад, чунки он ба воситаи таъминнамоӣ бо истилоҳҳо имконияти муқоиса карданро фароҳам меорад ва аллакай дар зинаи ибтидоӣ хонандагонро водор месозад, ки аз асорати забони модариашон озод шаванд. Вале ақидаи профессорон Галина Владимировна Рогова ва Ирина Николаевна Верешагина дар ин хусус каме фарқ мекунад. «Дар ҷое, ки омӯзиши забони модарӣ хуб ба роҳ монда шудааст, омӯзиши забони хориҷӣ осонтар мегардад». Ба андешаи забоншиносон низ хонандагон бояд аввал забони модариашонро хуб омӯхта, баъд ба омӯзиши дигар забонҳо пардозанд.

Бояд зикр намуд, ки хушбахтона имрӯзҳо барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ тамоми шароитҳои зарурӣ, аз қабили ашёву лавозимоти хониш фароҳам оварда шудааст. Бинобар ин, ҷавонону наврасонро зарур аст, ки вақти худро ба корҳои беҳуда сарф накарда, дар вақтҳои бекорӣ ва берун аз дарсҳо низ бо истифода аз аёниятҳо, ки дар боло зикр кардем, ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шаванд, то ҳамқадами замон бошанд.

## ХӮШАЕ АЗ ҲАР ГӮШАЕ

Тақрибан дар ҳама донишгоҳҳои Иттиҳоди Аврупо занон назар ба мардон бештар таҳсил мекунанд. Ғайр аз Олмон.

Омӯзгороне, ки дар Иёлоти Муттаҳида маълумоти олӣ доранд, назар ба надоштаҳо, ба ҳисоби миёна 2,5 маротиба зиёдтар маош мегиранд.

Таҳсилоти мактабӣ дар Олмон мисли бисёр кишварҳои дигар 12-13 солро дар бар мегирад. Хусусияти фарққунандаи мактабҳои олмонӣ ин набудани талабот ба либоси ягонаи мактабӣ мебошад.

Оё медонед, ки қадимтарин донишгоҳ дар ҷаҳон кадом аст? – Сорбонна ё Оксфорд? Не! Он дар Аврупо нест. Қадимтарин донишгоҳ, ин Карауин аст, ки дар кишвари Марокаш вуҷуд дорад. Он соли 859 таъсис ёфтааст.

Омӯзгори амрикоӣ, доктори илм Роланд Дант, барои лексияи дурӯзааш ба донишҷӯён оид ба гипноз беш аз 3 миллион доллар маош гирифтааст.

Дар Ҳиндустон мактаберо ба Рекорди ҷаҳонӣ ворид гардониданд, ки солҳои 2003-2004 шумораи хонандагонаш 28 ҳазорро ташкил медодааст. Ин мактаб имрӯз бо номи Монтессори машҳур аст.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав**

# ЧАРО ЗАБОНИ МОДАРИРО ХУБ НАМЕДОНЕМ?

Дар бораи нек донистани забони адабии тоҷикӣ солҳо боз мегӯему менависем, вале боз ҳам мебинем, ки мардум ҳангоми суханронӣ ба шеваю лаҳҷаҳои маҳалли хеш ва ё бо забони махлут гап мезананд. Дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст: «Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад».

Имрӯз ба тарзи суханронии мардум гӯш дода, аз шунидани калимаҳои дурушту дағал, шевагию махлути ҳамдиёрон шарми кас меояд. Барои мисол ба ин тарзи гуфтор диққат намоед: «Хдо бтата метата, натата наметата». Агар ҳамзабононамон аз кишварҳои Афғонистону Эрон ва ё меҳмонони хориҷӣ чунин суханронии моро шунаванд, чӣ мегуфта бошанд? Пас аз шунидани чунин суханронӣ яқин мегӯянд, ки забони тоҷикӣ чун садои автомат аз «та-та-та-та» иборат будааст.

Кор то ба ҷое расидааст, ки баъзе муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таълимгоҳҳои олӣ низ бо тарзи шевагӣ дарс мегузаранд ва эшон аз сухан гуфтан бо забони адабӣ ор мекунанд. Агар ба онҳо оид ба ин масъала эрод гирӣ, онҳо ранҷида «мо забонҷӣ не» гӯён усули пешгирифтаи худро дуруст меҳисобанд.

Бисёр мешунавем, ки мардум мақоли маъруфи «Кор кунӣ меҳрӣ»-ро ба шеваи маҳаллии худ «Кор кнӣ, мехрӣ» талаффуз мекунанд. Иллати бо забони адабӣ сухан карда натавонистан на танҳо дар миёни оммаи халқ ё таълимгоҳҳо, балки дар миёни хизматчиёни давлатӣ, коркунони соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра ба назар мерасад. Агар имрӯз мо пеши роҳи ин гуна бесомониҳоро нагирем, фардо дер шуда, ислоҳ кардани он душвор мегардад.

Чанде пеш дар миёни мактаббачагон озмуни «Лоиқхонӣ» сурат гирифт, ки мо чанд нафар аъзои ҳакамон шоҳиди қироати шеърҳо будем. Мактаббачагон шеърро хуб қироат кунанд ҳам, ҳангоми нақли мазмуни шеърҳо ба таври лаҳҷавӣ сӯҳбат мекарданд. Аъзои комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ дар муассисаю корхона, идораю ташкилот бояд ба ин масъала бетараф набошанд. Ҳар як тоҷике, ки худро вориси ҳақиқии ниёгони хеш меҳисобад, бояд ба масъалаи тозагии забон ва забондонии ҳамзамонони худ бепарво набошад.

Ҳарчанд шеваҳои гуфтори ҳар як маҳали кишвар қисми таркибии забон ва бойгарии фонди иҷтимоии он мебошад, аммо риоя ва ҳифзи забони адабӣ қарзи инсонӣ ва миллии ҳар як фарди миллат мебошад. Чаро имрӯз мардум чунин забони поку нобро бо дигар калимаву забонҳо махлут намуда, сухан меронанд? Чаро дар мактаб, маҷлис ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ мо ба ҷойи бо забони адабӣ сухан рондан, бо забони шевагӣ ҳарф мезанем? Ин иллат солҳо боз олимони соҳа, муаллимони забон ва адабиётро ба ташвиш овардааст ва айб аст, ки мо худро тоҷик ҳисобему бо забони адабӣ сухан карда натавонем.

Бинобар ин аз сарварони кӯдакистону таълимгоҳҳо, аз роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумию мактабҳои олӣ, корхонаю муассисаҳо талаб карда шавад, ки дар ҷаласаву ҷамъомад, ҳамоишу конфронсҳо ба забони

адабӣ сухан кунанд ва ҳуҷҷатгузориҳояшон ҳам бояд бо забони адабӣ сурат гирад. Мардум ба шахс на аз лиҳози камгӯию бисёргӯӣ, балки бояд аз рӯи тарзи суханрониаш баҳо диҳад. Ин масъаларо саҳлу сода пиндоштан нашояд. Чуноне, ки Саидаҳмадхоҷаи Аҷзӣ фармудааст:

**Агар сесад забон донӣ фузун нест,**
**Ҳама рӯзе ба кор ояд забун нест.**
**Надонӣ гар забони давлати худ,**
**Пушаймонӣ надорад оқибат суд.**

Набояд фаромӯш кард, ки ҳар як шахс забонҳои дигари оламро дар муқоиса ба забони модариии худ меомӯзад. Шахс агар забони модарии худро надонад, дар омӯхтани дигар забонҳо низ душворӣ мекашад. Агар мо барои забондонии худ кӯшиш накунем, он гоҳ забони адибони классикиамонро ҳам намефаҳмем. Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгорро, новобаста аз фанни дарсияш, ҳар як падару модарро, сарфи назар аз касбу кораш, ҳар як роҳбареро, ки ба одамон сару кор дорад зарур аст, ки ин масъаларо дар мадди назар гирад. Агар мо ғами забонамонро нахӯрем, ҳеҷ кас ғами онро нахоҳад хӯрд. Беҳуда нагуфтаанд:

**Гар ту надорӣ ғами кори хеш,**
**Ғами ту надорад касе аз ту беш.**

Барои омӯхтани забони модарӣ чандин роҳу усулҳоро метавон пайдо кард. Чунончи:

- ҳар рӯз вожаю калимаҳои номафҳумро аз фарҳангу луғатномаҳо дарёфта, дар дафтаре шарҳашро навишта, ҳифз кардан;
- филмҳои бо забони тоҷикӣ-дарӣ-форсӣ тарҷумашударо тамошо кардан;
- бодиққат гӯш кардани суруду таронаҳои сарояндагон аз давлатҳои ҳамзабони Афғонистон, Эрону Покистон ва ғайра;
- тамошои намоишномаю саҳначаҳои театрӣ;
- қироат ва ҳифз кардани шеърҳои шоирони классикӣ ва муосири форсӣ-тоҷикӣ;
-мутолиаи осори адибони классикӣ ва муосири форсӣ-тоҷикӣ;
-мунтазам мавриди мутолиа қарор додани матбуоти даврӣ;
- диққат додан ба тарзи суханронии нотиқони телевизиону радиои давлатӣ;
-ташкили дафтарчаи кисагии луғатомӯзӣ;
-муайян кардани калимаҳои решагии забон;
- аланду бурро қироат кардани порчаҳо аз осори назмию насрии адибони тоҷику форс;
-диққати ҷиддӣ додан ба маъниҳои аслию маҷозии калимаю вожаҳо;
-дар ҳуҷҷатгузорию номанигорӣ «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро риоя кардан.

Дар банди 6-и моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст:

«Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад». Мутаассифона, ин чиз дар навиштаи аксар рӯзноманигорону адибон риоя намегардад.

Кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ вайронкунандагони қоидаи ҳаракати роҳро барои содир кардани ҷиноят бозмедоранду ҷарима мебанданд, чаро афроди вайронкунандаи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҳам ҷарима нашаванд? Имрӯз ҳамагонро лозим аст, ки барои покиза нигоҳ доштан ва хуб донистани забони модарӣ талош намоянд.

Дар ҷомеаи мо боз як падидаи дигари нангине мавҷуд аст, ки он аз бефарҳангии падару модарон ва аз бемасъулиятии кормандони сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳо сар мезанад. Баъзе волидайн ба тифлони навзод номҳои номатлуб мегузоранд ва иддае аз масъулин зодномаҳои тифлонро бо иштибоҳу ғалат пур мекунанд. Халқи бостонию мутамаддини тоҷикро имрӯз айб аст, ки ба тифли худ номҳои Девона, Хоркаш, Санг, Табар, Теша, Кедман, Сафол, Борон, Ҷола, Каврак, Кафтарак, Туғай, Бӯрӣ, Гург ва ғайраро гузорад. Аксар кормандони САҲШ аз бепарвоию бетарафӣ ва ё аз бесаводию бемаърифатӣ дар пур кардани номи тифлон ба хатоҳои фаҳш роҳ медиҳанд, ки ин ғалат то дер боз ба ҷомеа зиён меоварад. Агар номи тифлро саҳеҳ нависанд, ҳангоми гирифтани шиноснома душворӣ ба бор намеорад. Ин масъалаҳо бояд ҳеҷ касро бетараф нагузорад. Бинобар ин аз хонандагон, хоса аз рӯзноманигорону адибону зиёиён

хоҳиш менамоем, ки ба баҳси мо ҳамроҳ шуда, сари ин масъала нуктаи назари хешро иброз намоянд.

Имрӯзҳо аксарият ҳангоми суханронӣ аз минбарҳои баланд калимаҳои лозиму нолозимро донистаю нодониста ба забон меоранд ва хаёл мекунанд, ки онҳо ба маънои аслии онҳо сарфаҳм рафтаанд. Масалан, онҳо ба кори касе муваффақият хостанӣ шаванд ва ё дар раванди табрикоти худ калимаи «бурдборӣ»-ро бо дилпуррӣ такрор мекунанд: «Ба Шумо бурдборӣ хоҳонам!» Вале дар асл калимаи «бурдборӣ» на маънои табрикотӣ, балки маънои ҳамдардиро ифода мекунад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «бурдборӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «сабру таҳаммул, тоқат» (ФЗТ, ҷилди 1, саҳ. 214). Пас маълум мешавад, ки бурдборӣ ба касе гуфта мешавад, ки ба сараш ягон мусибат, шикаст, бори гарон, ташвиши зиёд афтода бошад, на ба оне, ки дар корҳо комёб шуда бошад.

Инчунин дар баъзе навиштаҳо ва гуфторҳо калимаи «инобат» ва таркиби «ба инобат гирифтан» низ ғайримақсаднок истифода мешаванд. Яъне, гӯянда мехоҳад иброз намояд, ки мо он ҳамаро ба назар гирифтаем. Дар асл вожаи «инобат» дар фарҳанги мазкур чунин тафсир шудааст: «Иноба// инобат тавба кардан, бозгаштан аз чизе, даст кашидан аз гуноҳ; тавба, зорӣ; пушаймонӣ» (Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилби 1, саҳ. 480).

Рӯзномаю маҷаллаҳо низ оид ба тозагии забон ва дараҷаи сухандонии мардум мақолаҳои кам чоп мекунанд. Дар воситаҳои ахбори омма доир ба вазъи забону забономӯзии ҷомеа мусоҳибаю мубоҳисаҳо қариб, ки сурат намегирад. Имрӯз дар рӯзномаю маҷаллаҳои вилояти Хатлон мақолаҳои мубоҳисавӣ оид ба забон, адабиёт, санъат, шеъри рӯз ва умуман фарҳанг қариб, ки дида намешавад. Олимони соҳа, адибону рӯзноманигорон вобаста ба ҳалли масъалаҳои ҷойдошта бетарафӣ зоҳир кардаанд.

Шиору навиштаҷот ва овезаҳои ағлаби корхонаю муассисаҳо низ дорои ғалатҳо ва ё бо забони бегона навишта шудаанд ва касе парвои ислоҳи онҳоро надорад. Комиссияи татбиқи Қонуни забони давлатии шаҳриву вилоятӣ дар ислоҳ ва бартараф намудани ин нуқсон чандон фаъол нест. Зиёиёни мо ба ҷои ба дигарон намуна будан аксаран худ ба забони махлут ва ё шевагӣ сӯҳбат мекунанд.

Вақти он расидааст, ки ҷиҳати амалишавии Қонуни забони давлатӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо иқдому ибтикор нишон диҳем. То он вақте ки забономӯзию забондонии ҷомеа дар сатҳи зарурӣ сурат нагирад, кори таълиму тарбия ҳам чандон самарабахш нахоҳад буд.

Ба ин масъала мо бояд бетарафӣ зоҳир накунем ва тоза нигоҳдоштани забон аз мадди назари мо дур набошад. Ҳамин вазъи ногувор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳам ба ташвиш оварда, дар Рӯзи забони тоҷикӣ барҳақ иброз дошта буданд: «Барои олимону забоншиносон, омӯзгорон, ходимони воситаҳои ахбори умум ва тамоми зиёиёни тоҷик замоне фаро расидааст, ки онҳо бояд дар роҳи ҳифзи асолати забон, ҳамчунин рушду тавсеаи истифодаи забони адабӣ рисолати таърихии худро дар назди Ватан ва миллати хеш адо кунанд».

Охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик барои омӯхтани забони модарӣ ва алифбои ниёгон кӯшишҳои зиёде карданд, мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ он ҳама талошҳои худшиносии миллатро барбод дод. Имрӯз, ки миллати азизи мо дар пайкари ҳамдилию ҳамгироӣ зиндагӣ мекунанд ва насими сулҳи ориёӣ дар кишвари мо мевазад, замоне расидааст, ки дар қатори ташкили марказҳои савдо, дукону мағозаҳои моддӣ марказҳои омӯзиши забонҳо ва алифбои ниёгон низ ташкил карда шаванд.

Ин падида ҳам дар саводнок шудани шаҳрвандон ва ҳам ба роҳи мақсаднок равона кардани наврасону ҷавонон иқдоми хайр ба ҳисоб меравад. Баъзеҳо фарқи вожаҳои «коҳ»-у «кох», «нуқта»-ю «нукта», «мизоҷ»-у «миҷоз», «бе сутун»-у «Бесутун», «гиромӣ»-ю «киромӣ», «биҳишт»-у «биҳишт», «ҳарф»-у «ҳарф», «растанӣ»-ю «рустанӣ»-ро надониста, даъвои забондонӣ мекунанд. Забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) тибқи ривояте забони биҳиштиён ба ҳисоб меравад ва моро месазад, ки дар роҳи омӯзиши он бо азми ориёӣ ва тафаккури миллӣ қадамҳои устувор дошта бошем.

Фируза НАЗРИЕВА,
ходими калони илмии шуъбаи
таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии АТТ

# МУҲИТИ СОЛИМИ ОИЛА – ОМИЛИ РУШДИ КӮДАК

Оила оғозгоҳи тарбия ҳисобида мешавад. Кӯдак дар идомаи зиндагӣ арзишҳоеро, ки дар оила ба даст меорад, нигоҳ медорад. Тарбияи оилавӣ дар ташаккули ҳар як кӯдак, аз ҷумла кӯдаки боистеъдод нақши муҳим мебозад, зеро дар аввал кӯдак аз ҷониби волидон баҳои субъективӣ ва объективӣ мегирад. Ба дунё овардани насл вазифаи табиӣ ва иҷтимоии инсон мебошад ва насли инсонӣ на фақат ба падару модар ё оилаи ӯ марбут аст, балки он ҷузъи ҷомеаи устувор, идомадиҳандаи анъанаҳо, расму оинҳост. Пас одами солим оилаи солим, оилаи солим ҷамъияти солим, ҷамъияти солим давлати солимро пойдевор аст.

Тавре Президенти муҳтарами кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ гуфта буданд: “Ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад”. Сарвари давлат таъкид кардаанд, ки “Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунанд”.

Ҳарчанд тахти роҳбарии Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми муассисаҳои таълимӣ дар самти рушди неруи инсонӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешавад, лекин тарбия ва ба воя расондани фарзанд, пеш аз ҳама, қарзи муҳим ва вазифаи масъули волидайн дар назди ҷамъият мебошад. Ин вазифа ва масъулияти волидон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” таъкид шудааст.

Барои соҳиби хислатҳои нек шудан ва дуруст ба воя расонидани фарзанд волидонро лозим меояд, ки заҳмати зиёд кашанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки оила мактаби аввалин дар тарбияи фарзанд мебошад. Тарбия ва таълим бо ҳам алоқамандии зич доранд. Инсони боодоб ва хушахлоқ ҳамеша аз пайи ҷустуҷӯйи илму маърифат аст. Бинобар ин, волидонро мебояд, ки аввал сутуни тарбияро мустаҳкам намуда, сипас ба бунёди иморати таълим бипардозанд.

Муҳим он аст, ки кӯшишҳои зеҳнии кӯдак, неруи маърифатии ӯ бо муносибати хайрхоҳона, дастгирии калонсолон на танҳо дар мактаб, балки дар хона низ рӯ ба рӯ мешаванд. Оилаи кӯдаки боистеъдод ё қобилиятнок дар ҳама ҳолат бо рушди шахсият ва қобилияти ӯ бевосита алоқаманд аст.

Нобобаста аз он, ки мо нақш ва вазни омилҳои табиӣ ва ё таъсири таълиму тарбияи мақсаднокро дар ташаккули шахсият ва қобилияти кӯдак баррасӣ мекунем, дар ҳама ҳолатҳо аҳамияти оила ҳалкунанда боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, оила муҳити ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ, забон, тафаккур, ирода, шавқу ҳавас, урфу одат ва ғайра ба ҳисоб меравад. Махсусан,

ақидаи падару модарон ба рафтору кирдори кӯдакон таъсири бузург мерасонад ва минбаъд тарбиятгарон онро идома медиҳанд.

Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба вуҷуд ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам кори басо душвор хоҳад шуд. Фарзанд барои ҳар шахс азиз аст, вале одобаш аз он ҳам азизтар аст.

Кӯдак рафтору кирдори атрофиёнро назорат карда, ба худ рафтори муайянро интихоб мекунад, ки барои рушд ва камолоти минбаъдаи ӯ заминаи устувори ахлоқ ва таҳкурсии илму дониш мегардад.

Барои рушди маҳорату қобилияти донишомӯзии кӯдакон омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Аксаран муҳити солими оилавӣ имкон медиҳад, ки малакаву маҳоратҳои ҳаётомӯзӣ ва донишомӯзӣ рушд ёбанд. Дар оилаҳои эҷодкор кӯдакон ҳанӯз аз синни томактабӣ аз қобилияту маҳорати модарзодии худ дарак медиҳанд.

Дар қалби фарзанди кучак бедор кардани ҳисси эҳтиром ба илму маърифат, пеш аз ҳама, аз волидон вобаста аст. Бузургон фармудаанд, ки «Агар давлату сарватро сарф намоӣ, кам мешавад ва агар илмро сарф намоӣ, зам мешавад». Қисме аз падару модарони арҷманд баробари таваллуди тифл худро ба хӯронидану пӯшонидани ӯ масъул дониста, ба таълими фарзанд кам таваҷҷуҳ менамоянд. Бинобар ин, падару модар дар тарбияи фарзанд бояд саҳм гузошта, аз рӯзҳои аввал барои ба воя расидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш кунанд.

Малакаҳои донишу таҳсил худ аз худ пайдо намегарданд ва ин ҷо сараввал назорати доимии падару модарон зарур аст. Дар фарзанд тарбия намудани тартибу низом барои падидаҳои ахлоқӣ низ муҳимманд.

Аз ин рӯ, волидонро зарур аст, ки фарзандони хешро аз хурдсолӣ ба китобхонӣ сафарбар намоянд. Дилбастагӣ ба китоб онҳоро то баландтарин қуллаҳои илм мерасонад. Падару модарон бояд, ки дар вақтҳои мувофиқ фарзандони худро ба муассисаҳои фарҳангӣ баранд, инчунин, ҳамроҳ китоб хонанд. Лаҳзаҳои ҷолибу пандомӯзро ба фарзандонашон нақл кунанд.

Имрӯзҳо бо истифода аз имкониятҳои фароҳамшудаи давлатӣ барои кӯдакону наврасон дар кишвар китобҳои ҷолибу хонданӣ ба табъ мерасанд, ки метавон онҳоро барои фарзандон харидорӣ намуд, то ки шавқи китобхонӣ дар онҳо бедор ва ташаккул ёбад.

Таърих гувоҳи барҳақ аст, ки дар тӯли садсолаҳо хонаводаҳои миллати тоҷик ҳазорон фарзанди фарзонаро ба дунё овардаву ба камол расонидааст, ки онҳо барои халқи худ ва тамаддуни башарӣ хидматҳои зиёди таърихиро ба анҷом расонидаанд. Падару модаре, ки аз фарҳанги тарбия бархӯрдоранд ва аз хиради маърифат баҳрамананд, фарзандони худро хубтар тарбия медиҳанд.

Бинобар ин, насли ояндаи мо бояд аз хурдӣ аҳамият ва зарурати хонаводаро дар зиндагӣ дарк намояд, аз кӯдакӣ дар қалби поку беғубори онҳо муносибатҳои гуманистӣ, шафқату меҳрубонӣ, қатъияту талаботи ягона парварида шавад. Фарзандони мо ҳанӯз дар хурдсолӣ барои худ намунаи ибрат интихоб мекунанд, барои духтарон бештар модар ва барои писарон падар намунаи беҳтарини ибрат дар тарбия мебошанд.

Падару модар вазифадоранд, ки ҳиссиёти мусбати кӯдакро нисбат ба ҷаҳон ва ҷаҳониён ташаккул диҳанд. Рафтору гуфтори волидон намунаи ибрати ҳар як фарзанд аст. Мо набояд фаромӯш созем, ки оила ин макони асосии ташаккули салоҳият ва шахсияти кӯдакон аст ва инро ҳеҷ кас иваз карда наметавонад. Ташаккули шахсияти кӯдак аз муҳаббати бепоёни падару модар оғоз мегардад.

Падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандони худ ҷой дода, насли навраси

кишвари соҳибистиқлоламонро дар руҳияи ифтихори бузурги ватандориву хештаншиносӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд Ватани азизамонро дар дигар давлатҳо дар сатҳи баланд муаррифӣ намоянд. Дар баробари ин, эҳтиром намудани падару модар ва расидан ба қадри заҳмати онҳо қарзи фарзандии ҳар як инсони бонангу номус мебошад. Шахс дар сурате метавонад ба пирӯзиву комёбиҳо ноил гардад, ки ба қадри ранҷу заҳмати падару модар ва дилсӯзиву ғамхориашон расад.

Барои инкишоф додани қобилияти эҷодкории кӯдак волидонро мебояд, ки шавқу рағбати ӯро ба эҷодкорӣ бедор созанд. Тарбияи меҳнатии кӯдакон низ яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи томактабӣ мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ҳам таъкид шудааст, ки вазифаи волидон, муассисаҳои таҳсилотӣ аз хурдсолӣ тайёр кардани кӯдакон ба меҳнат ва ҳаёти иҷтимоӣ мебошад.

Воқеияти зиндагӣ тақозо мекунад, ки волидон ба тарбияи ахлоқии кӯдакон нисбат ба ҳарвақта бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид шудааст, ки «Падару модар донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд».

Дар барқарор намудани робитаи байни волидон ва омӯзгорон роҳбари синф нақши муҳим мебозад. Чи хеле ки волидон ба мактаб муносибат намоянд, фарзанд низ ҳамон хел муносибатро раво мебинад. Ба комёбӣ ноил гардидани кӯдак дар мактаб аз кӯшиши волидон вобастагии зиёд дорад. Робитаи волидон бо мактаб бояд ҳадафмандона, доимӣ ва пурсамар бошад.

Ҷаҳонбинӣ, эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу одоб ва сифатҳои муҳими ахлоқӣ аз оила ибтидо мегиранд. Аз ин ҷиҳат, волидайн дар тарбияи фарзанд дар баробари масъулият ҷавобгар ҳам мешаванд.

**Адабиёт:**

Лутфуллозода М. Чаҳоргонаи тарбия. Душанбе, 2022. - 400 с.

Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Д: 2004.

Лутфуллозода М. «Тоҷикон» ва тарбияи ватандӯстӣ. Душанбе, 2022. – 87 с.



**Садриддин ҲАСАНЗОДА,**
**Нависанда, корманди МН «Ирфон»**

# КОХИ БЕНАЗИР БО САРВАРИ БЕНАЗИР

Чун сухан аз бобати мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, шуҳрати ҷаҳонии онҳо, тадбирҳои муассири давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вижа ташкилу тақвиятбахшии сайёҳии дохиливу хориҷӣ биравад, беихтиёр симои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд. Маҳз бо таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари давлат сайёҳӣ ба самти афзалиятноку пешрафта, обрӯмандсози сатҳи байналмилалӣ мубаддал гардид. "Кохи беназир"-е, ки перомуни он дар ин росто сухан гуфтанием, асари мукаммалу нурбори санъати меъморӣ, наққошӣ, бозёфти эҷоди даҳҳо ҳунармандони асил, зебоишинос буда, далели ҷонфидоӣ, эҳёгари ҳунару анъанаҳои волову гуногунчабҳаи миллати тоҷик ба шумор меравад.

Кохи мазкур сарманшаи ормонҳои раиятпарваронаву фарҳангсолорӣ ва хирадмандии Сарвари давлат буда, аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи 8-уми иншооти нодири фарҳангии олам ворид гардида, дар радифи дигар ташаббусҳо ва пешниҳодоти беназири Сарвари давлат: «Соли оби тоза», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» «Ҳифзи пиряххо» обрӯву эътибори кишвари моро дар миқёси олам даҳчанд боло бурд. Мавриди зикр аст, ки тибқи хулосаҳои устодони кафедраи санъатшиносии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон бинои зебогиаш ҳайратангези маҷмааи "Кохи Наврӯз", ки дар офаридани он 4000 нафар устоҳо аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон меҳнат карда, саҳми арзанда гузоштанд, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта шудааст. Ҳангоми бунёди маҷмаа тақвият додани бунёди толорҳо Роҳбари давлат шахсан иштироки фаъолона доштанд. Лоиҳаи бино аз ҷониби меъмори ҷавону боистеъдод Азизиён Самӣ Солӣ таҳия шуд. Ӯ писари кандакори маъруфи тоҷик усто Азизиён Солии Истаравшанӣ мебошад.

Дастаи устоҳо барои тарроҳии маҷмаа ва толорҳои он аз ҷониби Бунёди рассомии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи санъати Тоҷикистон ҷамъ оварда шуд. Ҳунармандон аз тамоми гӯшаҳои Тоҷикистон ҷалб карда шуданд, ки ин аз хусусияти сохтори бадеӣ гувоҳӣ медиҳад. Бино аз 5 ошёна, 15 айвони хурду калон иборат аст. 40 ҳазор м2 масоҳати уфуқӣ ва амудӣ бо нақшҳо, витражҳо, кандакорӣ ва гаҷ, дар маҷмӯъ дорои 3 гунбази калон ва якчанд гумбази хурд мебошад. Гумбазҳо аз берун бо кошинкорӣ ва аз дохил бо наққошӣ оро дода шудаанд. Девори берунии тарафи пеши бино бо хоросанг пӯшонида шуда, даромадгоҳ бо пештоқи гачкоришуда, оро ёфтааст.

Дар қисми марказии даромадгоҳ шаршараи сунъӣ бо муҷассамаҳои ҳайвоноти гуногуни нодири Тоҷикистон бунёд гаштаанд, ки ин манзара рамзи мавзеъҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҳарду тарафи бино деворҳо бо усули сграффито бо истифода аз технологияи итолиёвӣ оро ёфтаанд. Ба сифати мавзӯъҳои тасвир рамзҳои ваҳдати миллӣ, давлатдории Тоҷикистон, амнияти озуқаворӣи кишвар ва шуои истиқлол "сграффито" хизмат кардаанд. Ин асарҳоро усто Ёдгор офаридааст. Ӯ

ғайр аз сграффито, маҷмааи "Кохи Наврӯз"-ро бо сутунҳои мармарӣ ва нақшу нигори миллӣ оро додааст. Бинои маҷмаа аз 12 толор иборат аст. Дар 5 толор муассисаҳои ҷамъиятӣ: 2 чойхона, толори синамо, толорҳои билярд ва боулинг ҷойгир шудаанд. Панҷ толори боқимонда барои меҳмонон кушода мебошанд, ки яке аз онҳо барои гузаронидани маросими тӯю маъракаҳо ба иҷора дода мешавад.

Баъди саммити дар Душанбе баргузоршудаи

давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ки дар он 27 кишвар иштирок доштанд, онро тариқи ғайри расмӣ ба сифати муъҷизаи ҷаҳон дар Осиёи Миёна пазируфтанд. Дар Кохи Наврӯз тамоми намудҳои санъати вижаи ороишӣ ва амалии мардуми тоҷик пешниҳод шудааст. Толори аввал ойинабандӣ мебошад, ки дар ороиши он Анваршо Абдуллоев бо шогирдонаш кор кардааст. Дар ин ҷо ҳаҷми хеле зиёди корҳо ба анҷом расонида шудааст.

Нахустин чорабинӣ, ки дар ин толор баргузор гардид, саммити Созмони Ҳамкории Шанхай буд. Парчамҳои кишварҳо дар деворҳои оинадори толор рӯйдоди таърихӣ – хотира аз ин саммит боқӣ мондааст. Дар шафати толор як утоқи хурди интизорӣ мавҷуд аст. Шифти ин ҳуҷра бо нақшу нигорҳо оро дода шудааст, ки онҳо мавзӯи ороиши толори калони оинабандиро идома медиҳанд. Ҳуҷраи дуюм “Гулистон” ном дорад, ки бо кандакорӣ дар чӯб оро дода шудааст. Барои сохтмону тарроҳии он аз дарахти чалғузаи Новосибирск истифода бурдаанд. Масоҳати толор 6500 м2 – ро дар бар мегирад. Тамоми ҷузъҳои ороишро Устобурҳон Алибоеви Исфарагӣ бо дастаи корияш иҷро кардаанд. Толорро қандили 3 тоннагӣ, ки имкони пасту баланд шудан дорад, равшан менамояд. Дар ороиши толор аз кандакорӣ дар гач ва оина истифода бурдаанд. Сутунҳои кандакоришуда бо истифодаи технологияи қадимӣ, бе истифодаи мехҳо, сохта шудаанд. Онҳо шаклан бо асбоби мусиқии миллии карнай шабоҳат доранд. Сутунҳо аз ҳамдигар бо нақшҳояшон фарқ мекунанд.

Ошёнаи дуюми ин толорро барои оркестр тарҳрезӣ намудаанд. Ба ин ҷо бо ёрии зина, ки бо кандакориҳои зебо оро дода шудааст, баромадан мумкин аст. Фарши толорро аз 94 навъи чуб бунёд кардаанд. Дар сатҳи фарш нақшҳои анъанавии тоҷикон ва инчунин нақшу нигори мазмунашон ориёӣ ва зардуштӣ тасвир шудааст. Ҳар як нақш таърих, рамз ва маънои худро дорост. Ҳамаи ин корҳо дар асоси фармоиш иҷро шудаанд. Дар девори толор тасвири Нишони давлатии Тоҷикистон бо оби тилло андуда шудааст. Толор бе сутуни асосии марказӣ сохта шудааст. Бари толор 36 метр ва баландиаш 46 метр аст. Ин толор бебаҳо аст, зеро ҳамаи ҷузъҳо дастӣ иҷро шудаанд. Ба шарофати оинаҳо, дар толор асари равшании беруна ташкил карда шудааст. Ин толор “Гулистон” ном дорад ва танҳо барои қабули расмии давлатӣ истифода мешавад. Қандили барои ин толор фармоишшуда “Президент” ном дорад. Толори сеюм Зарандуд аст, ки он танҳо барои маҷлисҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо ҳамаи дарҳо дастӣ сохта шудаанд ва нақши онҳо такрор намешавад. Барои сохтани ин дарҳо аз ҷалғузаи сурх истифода бурдаанд. Дар толор як қандили булӯрии вазнаш 6,7 тонна ҳаст, ки дорои 1600 чароғ мебошад. Ин қандил бо дизайни ҳунармандони тоҷик аз булӯри мисрӣ сохта шудааст. Дар қисми болои он ҷузъҳои аз тиллои варақӣ сохташуда мавҷуданд. Деворҳои толорро тоҷи тиллоии дорои ҳафт ситора ва кандакорӣ дар гач оро медиҳанд. Дар ин толор 16 сутун ҷойгир аст, ки ба Рӯзи Президент алоқаманд мебошад.

Сарсутунҳо ва деворҳои толор бо тилло оро дода шудаанд, ки аз ин рӯ онро толори Заррин меноманд. Ин толор дар таркиби маҷмаа баландтарин мебошад, ки гунбази азимтаринро дарбар мегирад. Фарш – паркети ин толор аз чанд намуди чӯб сохта шуда, бо нақшҳои миллӣ оро дода шудааст. Дар паҳлуи толор 4 утоқи оинабандии пешбинишуда барои фароғат ҷойгиранд. Дар ин ҳуҷраҳо дар яке аз деворҳо Нишони миллии Тоҷикистон бо ёрии сангҳои сваровски тасвир шудааст.

Толори чорум мармарӣ буда, Арженг ном дорад. Дизайни пештоқҳои ин толор, ки масоҳати 1650 м2-ро дарбар мегирад, ороиши мақбараи Сомониён дар Бухоро тасвир гардидааст. Дар толор акси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо модари бузургашонро, инчунин тасвири симурғ, ки бо истифода аз техникаи кошинкории флорентӣ иҷро шудааст, метавон дид. Муаллифи ин асарҳо ҳунарманди ҷавон Ҷамшед Ҷӯраев мебошад. Сутунҳои толор аз чӯби ҷалғӯза тарошида шудаанд. Дар маркази ҳуҷра гунбаз мавҷуд аст, ки дохили онро кандакорӣ дар чӯб оро медиҳад. Аз шифти гунбаз қандили вазнаш 3,2 тонна овезон аст. Нақши шифти ин гунбаз дар дигар толорҳо такрор намешавад. Ороиши толор бо 29 намуд сангҳои маҳаллии нимқиматбаҳои табиӣ

ба иҷро расида, санги сулаймонӣ аз Шаҳринав, мармари Даштак аз Ванҷ, лоҷувард аз Помир, туфсанг ва санги габра аз ноҳияи Спитамен, мармари Панҷакент ва ғайра. Миқдори умумии сангҳои истифодашуда (бе назардошти хоросанг ва мармар) 52 тоннаро ташкил мекунад.

Толори панҷум Дидор унвон гирифта, пурра бо мусаввара, кандакорӣ дар гаҷ ва чӯб нақшин карда шудааст. Устувории рангҳои табиии истифодашуда 100 солро ташкил мекунад. Дар ин толор бо супориши Президенти кишвар рамзи Офтоб тасвир ёфтааст. Мавзӯи кундали дар шифти болои даромадгоҳи толор мавҷудбуда «Ваҳдат» ном дорад, ки рамзи ҳамдилию иттиҳоди миллиро инъикос мекунад. Ҳар як намуди нақш, ки дар ороиши дохилӣ ва берунии Кохи Наврӯз истифода шудааст, маънои худро дорад ва вижагии минтақаи муайяни Тоҷикистонро таҷассум мекунад. Бештар нақшу нигоре вомехӯрад, ки ҳамчун "тислимӣ" ва "гиреҳ" маъруфанд.

Раванди бунёд, санъати меъморӣ ва коркарди сангу чубҳои табиии кишвар дар ин иншооти миллӣ аз ҷониби мутахассисон баҳои баланди касбӣ гирифтааст. Аз ҷумла, доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи меъморӣ ва дизайни факултаи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ Тиллоев Сангаҳмад Самадович, мегӯяд: Оғоз аз санъати меъмории кишвари азизамон – Тоҷикистон, махсусан пойтахти он шаҳри Душанбе, метавон бо як нигоҳ таваққуф ба дақиқсозии раванди лоиҳабандӣ, дар доираи кадом меъёрҳо ва талаботи замон сохта шудан, ошкор гардидани эҷоди беҳтарини гузашта, ҳозира ва пешбинии ояндаи эҷодӣ – созандагӣ, танҳо ба маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва амалӣ (асари меъморӣ) назар кардан ба манфиати кор аст. Шоистаи зикр аст, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 омадааст, "...мо бояд фарҳангӣ будани миллати худро ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намоем.

Ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори муассисаҳои фарҳанг мо бояд ба таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддиву техникӣ ва тарбияи кадрҳои соҳа, мусоидат ба раванди ташаккули эҷодиёти халқ, истифодаи самарабахши неруи фарҳангӣ ва маънавии миллат таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунем..."; "... масъулонро зарур аст, ки барои таъмини рушди соҳаи сохтмон ҷиҳати ба стандартҳои муосир мутобиқ гардондани сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ дар дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд..." ҳангоми беҳбудбахшии санъати меъморӣ корагар мегардад. Маҷмааи фарҳангӣ-фароғатии "Кохи Наврӯз", ки соли 2015 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, ҳам рамзи таъриху фарҳанг ва ҳам рамзи истиқлолияту ваҳдати халқи тоҷик аст. "Кохи Наврӯз" як тухфаи арзанда ба халқ аз номи соҳибкорони кишвар мебошад.



**Ҳасан Ачилов,**
**омӯзгори технологияи иттилоотӣ,**
**МТДМХБ-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

# ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДИЯВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Имрӯзҳо ҳаёти ҷомеаро бе техникаю технологияҳои муосир тасаввур кардан имконнопазир аст. Ҳадафи асосӣ дар ин ҷабҳа истифодаи технологияи муосир дар ҳамаи соҳаҳои зиндагиамон мебошад ва он барои толибилмон, донишҷӯён, омӯзгорон, муҳосибон ва кормандону мутахассисони тамоми ташкилоту муассисаҳои гуногун новобаста аз шакли фаъолияташон воситаи асосии корӣ гардидааст. Агар дар солҳои аввали пайдоиш технологияи компютерӣ танҳо барои иҷрои ҳисобкунии мураккаби илмӣ истифода шуда бошад, ҳоло аз он барои ҳал намудани муаммоҳои гуногун истифода мебаранд. Яке аз муаммоҳои муҳимми ин соҳа нигоҳдорӣ, коркарди саривақтӣ ва истифодаи ахбору маълумотҳое мебошанд, ки моро иҳота намудаанду ҳар дақиқа афзоиш меёбанд.

Барномаҳои технологӣ дар шароити кунунӣ хеле зиёд буда, ҳар самти фаъолияти маданиии инсон барои сабукӣ овардан ба кори худ технологияи тахассусиро ба кор мебаранд. Яке аз ин барномаҳои муҳим, ки метавонад дар раванди таълим барои мусоид гардидани кори donишомӯзон кумак намояд, технологияи мултимедӣ мебошад.

Технологияи мултимедӣ – технологияест, ки кори ҳамзамони садо, видео, аниматсия, тасвирҳои графикӣ ва матнҳоро дар реҷаи интерактивӣ (муколама) таъмин менамояд. Истифодаи технологияи мултимедӣ дар раванди таълим дар замони муосир хело зарур буда, дар таълими синфҳои ибтидоӣ беш аз ҳама муҳим ва муассир мебошад. Агар омӯзгорони синфҳои поёнӣ хонандагонро бо методҳои интерактивӣ ва истифода аз имкониятҳои технологияи мултимедӣ таълим диҳанд, хонанда аз хурдсолӣ дар вақти кам маълумотҳои зиёдро аз худ карда, ҳамқадами замон мешавад.

Тавре барои аҳли маориф маълум аст, бо дастгириву ғамхориҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои зиёди соҳавӣ қабул гардиданд, ки имрӯз барои рушди соҳа истифода мешаванд. Аз ҷумла, «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз зумраи чунин барномаҳо мебошад, ки барои муассисаҳои таълимӣ чараёни истифода аз имкониятҳои технологияиҳои мултимедиро дар раванди таълим такон дод.

Барои ҳамагон маълум аст, ки касби омӯзгорӣ яке аз пешаҳои мураккаб буда, бо мурури замон такмил меёбад. Дар шароити мо низ, ки имкониятҳои таълимӣ тағйир ёфтаву усулҳои ҷадиди таълим ташаккул ёфтаанд, омӯзгори асилу ҳақиқӣ аз имкониятҳои мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ истифода намуда, технологияи мултимедиро дар раванди таълим ба кор мебарад. Боиси хурсандист, ки имрӯзҳо ягон муассисаи таълимие пайдо намешавад, ки ягон воситаи техникӣ – компютер надошта бошад. Барои мо - омӯзгорони технологияи иттилоотӣ зарур аст, ки диққати бештари ҳамкасбонро дар ин самт ҷалб намуда, барои омӯзонидану аз худ кардани истифодаи имкониятҳои мултимедӣ дар раванди таълим кӯшиш намоем.

Истифодаи тахтаи электронӣ хело қулай буда, мо метавонем аз якчанд барномаи компютерӣ барои сохтани нақшаи дарсии яксоата истифода барем. Мувофиқи стандартҳои нишондодашуда бо хонандагон дар раванди дарси 45 - дақиқагӣ омӯзгор то 20 дақиқа аз он истифода мебарад. Омӯзгор метавонад дар хона бо барномаи тахтаи электронӣ нақшаи яксоатаи худро

сохта, дар вақти дарс мавзуъро бо истифода аз тахтаи электронӣ фаҳмонад. Барои сохтани дарси яксоата якчанд барномаро тавсия медиҳем:

- Whiteboard;
- Interwrite Workspace;
- ActivIspire – Studio ва ғайра.

Барномаи ActivIspire – Studio дар комплектатсияи тахтаи электронии Promethaean буда, омӯзгорон метавонанд онро дар ҳама намуди тахтаи электронӣ истифода баранд. Дар ин барнома мо метавонем флипчарти бисёрсаҳифагӣ таъсис дода, ба ҳар як саҳифаи он мақсаду мавзуи дарсиро бо усулҳои интерактивӣ ба роҳ монем. Тарзи истифодаи ин барнома на он қадар душвор буда, ҳар як омӯзгор новобаста аз фанни таълимиаш онро истифода буда метавонад.

Таҷрибаҳо собит намуданд, ки омӯзгорон метавонанд дар давоми як ҳафта барномаи мазкурро омӯхта, барои дигарон низ омӯзонанд ва худ маҳорати тез дар амал татбиқ кардани онро пайдо кунанд.

Имкониятҳои барномаи ActivIspire – Studio

Равзанаи барнома аз банди “меню”, аз тарафи рост панели асбобҳо, аз тарафи чап аз саҳифаҳо ва хосиятҳои саҳифаҳо иборат аст. Хосиятҳои саҳифаҳо имконият медиҳад, ки дар он мо заминаи (фон) писандидаамонро (ранг, расм) ворид намуда, монанди тахтаи одии синф катаку рах созем. Асбобҳои ин барнома якчанд имконияти дигар низ доранд, ба монанди кашидани хат, тоза кардан, гузоштани шаклҳои геометрӣ, аз китобҳои электронӣ бурида гузоштани қисматҳои даркорӣ ба саҳифаи “флипчарт”, гузоштани видео, сабти видеодарс ва ғайраҳо. Аз ҳама хубтараш, ин барнома имкон медиҳад, аз маводҳои дохилкарда ба таври автоматӣ бозиҳои гуногун сохта шаванд, ки омӯзгорон метавонанд дар раванди дарсҳо аз онҳо истифода баранд, ба монанди кроссворд, сканворд, бозии хотира ва ғайраҳо.

Барои намуна тарзи сохтан ва истифодаи қисматҳои нақшаи дарсии яксоатаро барои фанҳои гуногун нишон медиҳем. Ин раванд барои омӯзгорон метавонад, ҳамчун дастур ё роҳнамои кор муоидат кунад. Дар қисмати аввали дарс мо аз воситаҳои графикӣ истифода мебарем:

Истифодаи хӯша




Усули ММД




Аз китоб гирифтани матн ба саҳифаи флипчарт



Усули “сингвейн”




Мо метавонем, ҳангоми таълими фанҳои забони модарӣ, забони русӣ ва забони англисӣ бозиҳо гузаронем. Бо ин восита хонан-

да метавонад, аз дохили сандуқчаи сеҳрнок калимаҳоро гирад.




Дар математика бо мисоли дигар мебинем.




Масалан, дар ин масъала хонанда шаклҳоро аз поён гирифта, мувофиқи ҳисоб ба ҷойи лозима мегузоранд.




Бозиҳои шавқовар дар дарс




Бозии Бингоро дар ҳамаи фанҳои таълимӣ гузаронидан мумкин аст




Диаграммаҳо




Машқи хотира




Ҷустуҷӯи калимаҳо



**Хуршед Шарипов,**
**омӯзгори физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ КИНЕМАТИКӢ БО ИСТИФОДАИ ГРАФИКҲО

Дар барномаи таълимӣ доир ба ҳалли масъалаҳои кинематикӣ бо истифодаи графикҳо аҳаммияти кам дода мешавад, ҳарчанд ки чунин масъалаҳо дар ҳамаи маводҳои имтиҳонӣ барои дохилшавандагони макотиби олӣ вомехӯранд. Аз ин рӯ, дар мақолаи зерин зарур шумурдем, ки доир ба масъалаҳои зерин каме маълумот дода, якчанд роҳи ҳалли чунин масъалаҳоро дида бароем. Мақолаи зеринро мактаббачагон ва дохилшавандагони макотиби олӣ ҳамчун як маводи ёрирасон дар дарсҳо истифода бурда метавонанд.

**Ҳаракати ростхатаи мунтазам.** Дар ҳаракати ростхатаи мунтазам маълум аст, ки суръати ҷисм доимӣ мемонад. Аз ин рӯ, графики вобастагии проексияи вектори суръат аз вақт чунин мешавад (расми 1):




*Расми 1*

Аз ин ҷо имкон пайдо мешавад, ки кӯчиши ҳаракати мунтазамро аз рӯи график муайян намоем. Кӯчиши ҷисм қиматан ба масоҳати фигураи ҳосилшудаи дар графики вобастагии суръат аз вақт баробар аст (маънои геометрии кӯчиш): $S_x = S_{фиг}$. Дар расми 1 тарафи ОА проексияи суръат ($\upsilon_x$) ва тарафи ОС – вақти ҳаракат (t) мебошад.

Ҳаракати ростхатаи собитшитоб. Дар ҳаракати ростхатаи собитшитоб проексияи вектори суръат дар ҳар лаҳзаи вақт як хел тағйир меёбад. Графики вобастагии проексияи вектори суръат аз вақт дар ҳаракати ростхатаи собитшитоб дар расми 2 оварда шудааст.




*Расми 2*

Дар расми 2 (а,б) порчаи АС графики проексияи вектори суъати ҷисми бо шитоби доимии а ҳаракаткунанда мебошад (бо суръати ибтидоии υo). Ҳамчунин, дар ҳаракати ростхатаи собитшитоб проексияи вектори кӯчиш қиматан ба масоҳати фигураи ҳосилшудаи дар графики вобастагии суръат аз вақт баробар мебошад. Проексияи вектори суръат бошад, қиматан ба тангенси кунҷи хати моили x(t) баробар аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳар қадар суръат зиёд бошад, кунҷи моил низ зиёд мешавад (расми 3).




*Расми 3*

Дар расми 3 вобастагии проексияи вектори суръати ҷисм дар се ҳолат оварда шудаанд. Вобастагии суръати ҷисми ростхатаи собитшитоб ҳаракаткунанда бо формулаи υx = υox + axt ва проексияи вектори шитоб – ax= Δυx / Δt ифода мешаванд. Дар расм дида мешавад, ки чӣ қадар кунҷи моил зиёд бошад, ҳамон қадар шитоб зиёд мешавад.

Дар як лаҳзаи вақти баробар бо шитобҳои гуногун суръат ба қиматҳои гуногун тағйир меёбад. Барои графикҳои 1 ва 2 қимати шитоб мусбат буда, дар фосилаи вақти баробар проексияи суръат дар графики 2 назар ба графики 1 ду баробар тезтар зиёд мешавад. Дар графики 3 проексияи шитоб манфӣ буда, проексияи суръат аз рӯи модул ба ҳамон қимате, ки дар графики 1 суръат зиёд мешавад, тағйир меёбад, вале кам мешавад.




*Расми 4*

Агар графики вобастагии қимати мусбати проексияи суръат аз вақтро (расми 4) дида бароем, пас графикҳои вобастагии модули суръат дар ҳолатҳои 1 ва 3 ба ҳам рост меоянд. Доир ба маълумоти дар боло овардашуда якчанд роҳи ҳалли масъалаҳои кинематикиро бо истифодаи графикҳо дида мебароем.

**Ҳалли масъалаҳо.**

Масъалаи 1. Графики вобастагии суръати ҷисм аз вақтро (расми 5,а) истифода бурда, кӯчиш ва роҳи тайшудаи ҷисмро дар 6 сонияи аввал ёбед.




*а) б)*

*Расми 5*

Ҳал. Дар графики вобастагии суръати ҷисм аз вақт дида мешавад, ки дар муддати вақти 2 с ҷисм таваққуф намуда, ҳаракатро бар муқобили ҳаракати дар ибтидодошта оғоз мекунад. Инчунин, дар муддати 2 с-и аввали ҳаракат вектори суръати ҷисм бар муқобили вектори шитоб равона аст. Баъди 2 с ҳаракат дар фосилаи вақти аз 2 то 6 с онҳо бар муқобили тарафи мусбати тири OX равона мешаванд. Акнун, аз маънои геометрии кӯчиш бармеояд, ки кӯчиши ҷисм ба масоҳати фигураи дар график ҳосилшуда баробар аст. Дар расми 5,а ду секунҷаи росткунҷа ҳосил мешавад. Масоҳати дар болои тири t ҳосилшударо бо аломати "мусбат" ва масоҳати дар поёни тири t ҳосилшударо бо аломати "манфӣ" қабул мекунем. Аз ин рӯ, масоҳати дар боло ҳосилшуда ба 2 ва дар поён ҳосилшуда ба -8 баробар буда, масоҳати умумӣ ба -6 баробар мешавад. Яъне, кӯчиши ҷисм дар 6 с ҳаракат ба -6 м баробар аст.

Роҳи тайшуда манфӣ шуда наметавонад. Бинобар ин, роҳи тайшударо дар графики вобастагии модули суръат аз вақт (расми 5,б) меёбем. Аз ин ҷо, бармеояд, ки роҳи тайшуда ба 10 м баробар аст. Ҷавоб: Sx = - 6 м, l = 10 м.

Масъалаи 2. Ҷисм за рӯи хати рост параллел бо тири OX ҳаракат мекунад. Дар график вобастагии проексияи суръат аз вақт (расми 6,а) оварда шудааст. Шитоби ҷисмро дар муддати 3 с-и аввали ҳаракат ва кӯчиши онро барои тамоми вақти ҳаракат ёбед.




*а) б)*

*Расми 6*

**Ҳал**. Суръати ҳаракати собитшитоб бо формулаи υ = υo + aΔt=υo + a(t – to) ифода мешавад. Аз графики вобастагӣ (расми 6,а) маълум аст, ки ҳангоми to=0 с, суръати ибтидоӣ υo= 15 м/с, ҳангоми t =0 с, суръати интиҳоӣ υ= 0 м/с аст. Шитоби ҷисм бо ифодаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$a = \frac{v - v_0}{t - t_0} = \frac{0 - 15}{3 - 0} = -5\frac{\text{м}}{\text{с}^2}$$

Дар расми 6,б дида мешавад, ки 4 фигура ҳосил шудааст. Масоҳати умумии фигураҳо дар муддати 19 с ҳаракат ба – 2,5 баробар аст. Бинобар ин, кӯчиши он – 2,5 м мешавад. Ҷавоб: a= -5 м/с2, Sx = - 2,5 м.

**Масъалаи 3.** Дар расми 7,а графики вобастагии суръати ҷисми росхатта ҳаракаткунанда аз вақт дода шуда аст. Аз рӯи график роҳи тайшудаи ҷисмро дар фосилаи вақти аз 1 то 5 с баъди оғози ҳаракат ёбед.




*а) б)*

*Расми 7*

**Ҳал.** Аз шарти масъала бармеояд, ки бояд роҳи тайшударо дар фосилаи вақти аз 1 то 5 с, яъне, на аз аввали оғози ҳаракат, ёбем. Роҳи тайшуда ба воситаи графики додашуда ҳамчун масоҳати фигураи бо хатҳои график ва тири вақт маҳдуд муайян карда мешавад. Формулаҳои геометриро (масоҳати трапетсия) истифода бурда, масоҳати фигураи ҳосилшударо меёбем:

S = Δυ (Δt1 + Δt2) / 2 = 10 * (2 + 4) / 2 = 30.

Ҳамин тариқ, роҳи тайшуда ба30 м баробар аст. Ҷавоб: S= 30 м.

**Масъалаи 4.** Аз ду шаҳр ба пешвози якдигар ду автомобил бо суръатҳои доимӣ ҳаракат мекунанд. Дар график (расми 8) вобастагии масофаи байни онҳо аз вақт нишон дода шудааст. Суръати автомобили якум ба 15 м/с баробар аст. Суръати автомобили дуюм чанд аст?




*Расми 8*

**Ҳал.** Аз рӯи графики додашуда маълум аст, ки масофаи байни ду автомобил дар аввали вақти ҳаракат 144 км буда, дар муддати 60 дақ бо ҳам вомехӯранд ва ҳаракатҳои худро давом дода, баъди 60 дақ дигар масофаи байни онҳо боз ба 144 км мерасад.

Дар ин ҷо, аз формулаи суръати ҳаракати мунтазам истифода бурда дар аввал роҳи тайкардаи автомобили якум ва баъд суръти автомобили дуюро меёбем:

$$v_1 = \frac{s_1}{t_1}$$

$$s_1 = v_1 t_1 = 15 \times 60 \times 60 = 54\,000\ \text{м} = 54\ \text{км}$$

$$s_2 = s - s_1 = 144 - 54 = 90$$

$$v_2 = \frac{s_2}{t_2} = \frac{90000}{3600} = 25\frac{\text{м}}{\text{с}}$$

Ҷавоб: υ2= 25 м/с.

**Масъалаи 5.** Дар расми 9,а вобастагии проексияи υx суръат аз вақти t нишон дода шудааст. Проексияи ax шитоб ва проексияи Sx кӯчиши ҷисмро дар фосилаи вақти аз 5 то 6 с ҳаракат ёбед.




*Расми 9*

**Ҳал.** Аз график маълум аст, ки дар муддати вақти t = 5 с суръати υo= 0 ва дар муддати вақти t = 6 с суръати интиҳоӣ υ= - 8 м/с аст. Шитоби ҷисмро меёбем:

ax = (υ - υo) / (t - to) = (- 8 - 0) / (6 - 5) = - 8 м/с2.

Кӯчиши ҷисмро аз рӯи масоҳати фигураи ҳосилшуда (расми 9,б) дар фосилаи вақти аз 5 то 6 с (секунҷаи росткунҷа) меёбем:

Sx=Δt *Δυ / 2 = - 4 м.

Ҷавоб:ax =- 8 м/с2ваSx=- 4 м.

**Масъалаи 6.** Графики вобастагии проексияи суръат аз вақти ҳаракатро (расми 10) истифода бурда тағйирёбии координатаи ҷисмро дар муддати 4 с ёбед.




*Расми 10*

**Ҳал.** Тағйирёбии координатаи ҷисм ба кӯчиши он баробар мебошад, ки онро аз рӯи масоҳати трапетсияи ҳосилшуда дар графики вобастагии суръат аз вақт ёфтан мумкин аст.

Δx = (υo + υx) * Δt / 2 = (2 + 6) * 4 / 2 = 16 м.

Ҷавоб: Δx =16 м.

Ҳамин тариқ, дар мақолаи зерин якчанд намуди роҳҳои ҳалли масъалаҳои кинематикиро бо истифодаи графикҳо нишон додем, ки ҳамчун роҳнамое барои мактаббачагон ва дохилшавандагони макотиби олӣ кумак менамояд.

**Адабиёт:**

1. Г. Я. Мякишев, Б. Б. Буховцев, Н. Н. Сотский; под ред. Н. А. Парфентьевой. Физика. 10 класс: учеб. для общеобразоват.организаций: базовыйи углубл. Уровни. — 6-е изд., перераб. и доп. — М.: Просвещение,2019. — 432 с.: ил. — (Классический курс). — ISBN 978-5-09-071603-1.

2. А. В. Перышкин, Е. М. Гутник. Физика 9 класс. - М.: Дрофа, 2019, - 319 с.: ил. – ISBN 978-5-358-09883-1.

3. Н. А. Парфентьева. Сборник задач по физике. 10-11 классы: пособие для поступающих. – 4-е изд. М.: Прсвещение, 2016. – 206 с.: ил. – (Классический курс). ISBN 978-5-09-026689-5.

4. А. П. Рымкевич. Сборник задач по физике. 10-11 классы. – М.: Дрофа, 2016, - 192 с.: ил. - ISBN 978-5-09-026689-5.

**Таълим тавассути радио. Австралия.**

Азбаски дар Австралия зичии аҳолӣ хеле кам аст, аз ин рӯ, на дар ҳама минтақаҳои ин кишвар мактаб вуҷуд дорад. Бинобар ин, кӯдаконе, ки аз муассисаҳои таълимӣ дур зиндагӣ мекунанд, ба воситаи радио мавзӯъҳои дарсиро аз худ менамоянд. Тавассути радио пахшҳои махсус вобаста ба мавзӯъҳои дарсӣ пешниҳоди муҳассилин мегардад.

**Мактаб дар заврақ. Бангладеш.**

70%-и масоҳати умумии Бангладеш аз сатҳи баҳр пасттар буда, дар ин ҷо соле ду маротиба обхезии бузург ба амал меояд. Аз панҷ як ҳиссаи аҳолии Бангладеш ҳар сол аз обхезӣ азият мекашад ва табиист, ки ба мактаб рафтани кӯдакон ғайриимкон мегардад. Бинобар ин, дар вақти обхезиҳо мактабҳои заврақӣ роҳи ҳалли мушкилотанд. Ташкилоти ғайритиҷоратии Shidhulai Swanirvar Sangstha барои ҳалли мушкилоти обхезиҳои ҳарсола роҳи ҳалли аҷиб – хонаҳо, марказҳои саломатӣ ва мактабҳои шинокунандаро пешниҳод кардааст. Мактабҳои шинокунанда бо батареяҳои офтобӣ фаъолият карда, дорои ноутбук, интернет ва китобхона мебошанд. Онҳо субҳ кӯдаконро аз хона гирифта, пас аз дарс, ба мисли автобуси мактаб боз ба хона мебаранд.

**Мактаб дар фазои озод. Дания.**

Бинои гимназияи Орестади пойтахти Дания – Копенгаген замоне аз ҷониби як ширкати тарроҳӣ лоиҳакашӣ шудааст, ки онро ба амали воқеии санъати муосир ҳам дар дохил ва ҳам дар берун табдил додааст. Зеро тибқи як назарсанҷӣ дар соли 2007 гимназия беҳтарин бинои Скандинавия дониста шуд. Бояд қайд кард, ки Орестад дар доираи ислоҳоти маорифи миллии Дания ифтитоҳ гардида, барои таълим додани хонандагони мактабҳои миёна, ки нияти дар соҳаи ВАО таҳсилоти олӣ доштанро доранд, пешбинӣ шудааст. Хусусияти аҷиби дигари гимназия дар он аст, ки синфхонаҳо шартан тақсим карда шуда, ҳамаи синфҳо амалан дар як ҳуҷраи азим машғули омӯзишанд. Азбаски дар тамоми бино интернети бесим дастрас аст, бинобар ин хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо дар фазои воқеӣ, балки дар фазои маҷозӣ ҳамкорӣ мекунанд.

***Таҳияи Ҳасан АЗИЗОВ***
***«Маърифати Омӯзгор»***

**Одинаев Р.Н. - доктори илмҳои физикаю математика, профессор, мудири кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ.**
**Мирзоев.А.Ҳ. - номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳои ДМТ.**

# ОМОДАГИИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ-ФУРУҒИ МАЪРИФАТ»

Дар ҳошияи дастуру ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани завқи толибилмон ба илмҳои дақиқ ва техникӣ ва ба ин васила дар амал татбиқ намудани озмуни “Илм – фурӯғи маърифат” даври чоруми озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» аз рӯйи номинатсияҳои «математика», «физика ва астрономия», «химия», «биология», «география», «технологияи иттилоотӣ», «ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҷамъбаст гардид. Боиси хушнудист, ки имсол бо амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри амалӣ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) дар озмуни “Илм фуруғӣ маърифат” бори аввал барои хонандагони Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷойҳои ифтихорӣ, яъне як ҷойи якум, ду ҷойи дуюм ва се ҷойи сеюм дода шуд, ки ғолибон бо ифтихорномаҳои дараҷаи якум, дуюм, сеюм ва мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд. Бояд гуфт, ки озмуни мазкур аз супоришҳои хаттӣ дар ҳаҷми 6 мисол ва масъала бо 60 хол ва саволномаҳои назариявӣ дар ҳаҷми 40 хол баҳогузорӣ шуд.

Ҳарчанд дар озмун хонандагони мактабҳои миёна хеле хуб баромад карда бошанд ҳам, аммо баъзе камбудиҳо дар супоришҳои амалӣ дида мешуд, барои ҳамин барои минбаъда иштирок ва ғолиб омадан, ба хонандагон лозим аст, ки мавзуъҳои назариявиро аз бар намуда, аз уҳдаи ҳалли супоришҳои амалӣ бароянд. Танҳо масъалаҳалкунӣ ва машқҳои мунтазам дар сатҳи барномаи таълимии баландтар ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм фуруғи маърифат” ба муваффақият ноил гардад. Бо ин мақсад ҳалли масъалаҳои дар озмуни “Илм фуруғи Маърифат” аз фанни

математика дар соли 2023 гузашташударо пешниҳод мекунем.

**Мисоли 1.** Бигузор $p > 2$ адади бутуни ба 3 тақсимшаванда бошад.Исбот намоед,ки ҳамин гуна ададҳои бутуни $a_1, a_2, \ldots, a_k$ мавҷуданд,ки шарти $-\frac{p}{2} < a_1 < a_2 < \cdots < a_2 < \frac{p}{2} -$ ро қаноат мекунонанд ва ҳосили зарби $\frac{p-a_1}{|a_1|} \frac{p-a_2}{|a_2|} \ldots \frac{p-a_k}{|a_k|}$ ба $3^m$ барои баъзе ададҳои натуралии $m$, баробар мешавад.

**Ҳал.** Аз шарти масъала бармеояд, ки адади $p$ намуди $6n \mp 1; 6n \mp 2,\ n \in N$ $-$ ро дорад. Ҳолати $p = 6n + 1 -$ ро дида мебароем. Чунин меҳисобем, ки $a_i = 3n + 1 - 3i, i = 1,2, \cdots 2n$ Онгоҳ $\frac{p}{2} > 3n - 2 = a_1 > a_2 > \cdots > a_{2n} = -3n + 1 > -\frac{p}{2}$. Қимати ифодаро ҳисоб мекунем

$$\prod_{i=1}^{2n} \frac{p - a_i}{|a_i|} = \prod_{i=1}^{2n} \frac{6n + 1 - (3n + 1 - 3i)}{|3n + 1 - 3i|} = \prod_{i=1}^{2n} \frac{3n + 3i}{|3n + 1 - 3i|} =$$

$$= 3^{2n} \prod_{i=1}^{2n} \frac{n + i}{|3n + 1 - 3i|} = 3^{2n} \frac{\prod_{i=1}^{2n}(n + i)}{\prod_{i=1}^{2n}|3n + 1 - 3i|}$$

$$= \frac{3^{2n}(3n)!}{n! \prod_{i=1}^{n}|3n + 1 - 3i|} \cdot \frac{1}{\prod_{i=n+1}^{2n}(3i - 3n - 1)}$$

$$= \frac{3^{2n}(3n)!}{\prod_{i=1}^{n}(3i) \prod_{i=1}^{n}(3i - 2) \prod_{i=1}^{n}(3i - 1)} = \frac{3^{3n}(3n)!}{(3n)!} = 3^{3n}.$$

Ҳолати $6n - 1$ ; $6n \mp 2$ низ ба ҳамин монанд ҳисоб карда мешавад.

**Мисоли 2.** Муодиларо ҳал кунед. $\{(x + 1)\}^3 = x^3$ ,ки дар ин ҷо $\{x\}$ -қисми касрии адади $x$ мебошад.

**Ҳал.** Аз таърифи қисми касрии адад мебарояд, ки $0 \le x^3 < 1$ ,яъне $0 \le x < 1$ мебошад. Ба ғайр аз ин баробарии $\{n + \propto\} = \propto$ танҳо ва танҳо дар ҳолати $n$ адади бутун ва $0 \le \propto < 1$ будан дуруст аст.Бинобар ин аз баробарии $\{x^3 + 3x^2 + 3x + 1\} = x^3$ мебарояд, ки $3x^2 + 3x -$ адади бутун мебошад, яъне $3x^2 + 3x = n$. Функсияи $y = 3x^2 + 3x$ дар порчаи $[0; 1]$ афзуншаванда аст $y(0) = 0, y(1) = 3 + 3 = 6$ бинобар ин $0 \le n < 6$ мебошад. Пас муодилаи $3x^2 + 3x - n = 0$ -ро ҳал мекунем

$$D = 9 + 12n, \quad x_1 = \frac{-3 + \sqrt{9 + 12n}}{6}, \quad x_2 = \frac{-3 - \sqrt{9 + 12n}}{6}, \qquad n = 0,1,2,3,4,5.$$

Аз ин ду реша танҳо $x_1$ ба порчаи $[0,1]$ тааллуқ дорад.

Ҷавоб: $x = \frac{-3 + \sqrt{9 + 12n}}{6}, n = 0,1,2,3,4,5.$

**Мисоли 3.** Бигзор $a, b$ ва $c$ -дарозии тарафҳои секунҷа, $m_a$ $m_b$ ва $m_c$ дарозии медианаҳои ин тарафҳо, $D$ - диаметри давраe ки берун аз секунҷа кашида шудааст, бошад. Исбот кунед, ки $\frac{a^2+b^2}{m_c} + \frac{b^2+c^2}{m_a} + \frac{a^2+c^2}{m_b} \le 6D$.




**Ҳал.** Фарз менамоем,ки медианаҳо то буриш ба давра ба $A_1$ $B_1$ ва $C_1$ баробар бошад. Аз ин ҷо маълум аст, ки $AA_1 \le D, BB_1 \le D$ ва $CC_1 \le D$,яъне

$$m_a + A_1A_2 \le D, \quad m_b + B_1B_2 \le D,$$
$$m_c + C_1C_2 \le D \quad (1)$$

$A_1A_2$- меёбем. Аз теорема дар бораи буриши хордаҳо $A_1A_2 \cdot AA_2 = BA_2 \cdot A_2C$, яъне

$$m_a \cdot A_1A_2 = \frac{a^2}{4}, \qquad A_1A_2 = \frac{a^2}{4m_a}.$$

Ба ҳамин монанд $B_1B_2 = \frac{b^2}{4m_a}$ ва $C_1C_2 = \frac{c^2}{4m_c}$. Ин ифодаҳоро дар нобаробарии (1) гузошта ҳосил мекунем

$$\frac{a^2}{4m_a} + m_a \le D, \quad \frac{b^2}{4m_b} + m_b \le D, \quad \frac{c^2}{4m_c} + m_c \le D.$$

Тарафҳои мувофиқи нобаробариро ҷамъ намуда дорем

$$\frac{4m_a^2 + a^2}{4m_a} + \frac{4m_b^2 + b^2}{4m_b} \le 2c^2, \quad 4m_b^2 + b^2 = 2c^2 + 2a^2,$$
$$4m_c^2 + c^2 = 2a^2 + 2b^2.$$

Суммаи квадратҳои диагоналҳои параллелограмм ба суммаи квадратҳои тарафҳои он баробар аст. Ҳамин тавр

$$\frac{a^2 + b^2}{m_c} + \frac{b^2 + c^2}{m_a} + \frac{a^2 + c^2}{m_b} \le 6D$$

мешавад.

**Мисоли 4.** Бигузор $f(x) = x^2 + px + q$. бошад. Маълум аст,ки нобаробарии $|f(x)| > \frac{1}{2}$ дар порчаи [1.3] ҳал надорад.Ёфта шавад:$\underbrace{f\left(f\left(\dots f\left(\frac{3+\sqrt{7}}{2}\right)\dots\right)\right)}$,агар суперпозитсияи $f$ 2023 маротиба такрор шавад.

**Ҳал.** Аз шарти масъала бармеояд,ки барои $x \in [1,3], |f(x)| \le \frac{1}{2}$ мебошад. Чунин гузориш мекунем

$$x = t - 2, \;\; t = x + 2, \quad |t^2 + (p+4)t + (2p + g + 4)| \le \frac{1}{2}, t \in [-1,1].$$

Функсияи $g(t) = |t^2 - (at + b|$-ро дида мебароем, ки $G(a,b)$=$\max_{t\in[-1,1]}|g(t)|$ ва нуқтаҳои координатаҳои $A\left(-1;\frac{3}{2}\right)$, $B\left(-1;\frac{1}{2}\right)$, $C\left(0;\frac{1}{2}\right)$, $D\left(0;-\frac{1}{2}\right)$, $E\left(1;\frac{3}{2}\right)$, $F\left(1;\frac{1}{2}\right)$ –координатаҳои ҳамвории $0xy$ бошанд. Агар хати рости $y = at + b$ яке аз порчаҳои $AB, CD, EF$-ро набурад,онгоҳ $G(a,b) \ge max\big(g(-1), g(0), g(1)\big) > \frac{1}{2}$ мешавад. Ягона хати росте ки ҳамаи ин порчаҳоро мебурад ин $y = \frac{1}{2}$ мебошад. Пас барои дилхоҳ $a$ ва $b, G(a,b) \ge$

$\frac{1}{2}, G(a,b) = \frac{1}{2}$, ҳангоми $a = 0,\ \ b = \frac{1}{2}$. Ҳамин тавр дар ин ҳолат $\mathrm{p} + 4 = 0,\ \ 2\mathrm{p} + \mathrm{g} + 4 = 0{,}5,\ \ \mathrm{p} = -4,\ \ \mathrm{g} = 3{,}5.$

Пас $\quad f(x) = x^2 - 4x + 3{,}5 = (x-2)^2 - 0{,}5.$

$$f\left(\frac{3+\sqrt{7}}{2}\right) = \frac{3-\sqrt{7}}{2}, f\left(f\left(\frac{3+\sqrt{7}}{2}\right)\right) = f\left(\frac{3-\sqrt{7}}{2}\right) = \frac{3+\sqrt{7}}{2}.$$

$$f\left(f\left(\dots f\left(\frac{3+\sqrt{7}}{2}\right)\dots\right)\right) = \frac{3-\sqrt{7}}{2}.$$

Ҷавоб: $\frac{3-\sqrt{7}}{2}$.

**Мисоли 5.** Интеграли муайян ҳисоб карда шавад $\quad \int_{e^{-1}}^{e} |\ln x| dx.$

**Ҳал.** Дар асоси таърифи қимати мутлақ

$$|\ln x| = \begin{cases} \ln x, & \text{агар} \quad x \in [e^{-1}, 1], \\ \ln x, & \text{агар} \quad x \in [1, e]. \end{cases}$$

навишта метавонем

$$\int_{e^{-1}}^{e} |\ln x| dx = -\int_{e^{-1}}^{1} \ln x\, dx + \int_{1}^{e} \ln x\, dx = \begin{vmatrix} u = \ln x & dv = dx \\ du = \dfrac{dx}{x} & v = x \end{vmatrix}$$

$$= (-x\ln x + x)\Big|_{e^{-1}}^{1} + (x\ln x - x)\Big|_{1}^{e} = 2\left(1 - \frac{1}{e}\right) = \frac{2e-2}{e}.$$

**Мисоли 6.** Бигузор $f(x) = \frac{4^x}{4^x+2}$ бошад. Суммаро ёбед:

$$S = f(0) + f\left(\frac{1}{2023}\right) + f\left(\frac{2}{2023}\right) + f\left(\frac{3}{2023}\right) + \dots + f\left(\frac{2022}{2023}\right) + f(1).$$

**Ҳал.** Барои дилхоҳ адади ҳақиқии $x$ навишта метавонем

$$f(x) + f(1-x) = \frac{4^x}{4^x+2} + \frac{4^{1-x}}{4^{1-x}} = \frac{4^x(4^{1-x}+2) + 4^{1-x}(4^x+2)}{(4^x+2)(4^{1-x}+2)}$$

$$= \frac{4 + 2\cdot 4^x + 4 + 2\cdot 4^{1-x}}{4 + 2\cdot 4^x + 2\cdot 4^{1-x} + 4} = 1$$

Бинобар ин

$$2S = f(0) + f\left(\frac{1}{2023}\right) + f\left(\frac{2}{2023}\right) + \dots + f\left(\frac{2022}{2023}\right) + f(1) + f(1) +$$

$$f\left(\frac{2022}{2023}\right) + \dots + f\left(\frac{1}{2023}\right) + f(0) + [f(0) + f(1-0)] +$$

$$+\left[f\left(\frac{1}{2023}\right) + f\left(1 - \frac{1}{2023}\right)\right] + \dots + [f(1) + f(1-1)] =$$

$$= 1 + 1 + \dots + 1 = 2024. \quad S = 1012.$$

Ҷавоб: 1012.

**Саодат Сатторӣ,**
**омӯзгори мактаби №43-и**
**ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

# ДАРСИ КУШОД АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР СИНФИ 3

Дарси табиатшиносӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми барномаҳои таълимии мактабӣ ба ҳисоб рафта, дуруст муносибат намудани наврасон бо табиат ва оқибатҳои хунукназарӣ бо унсурҳои табииро меомӯзонад. Махсусан, муносибат бо об, оташ, газ ва барқ, ки ҳамеша дар зиндагии инсонҳо ба кор бурда мешавад аз масъалаҳое мебошанд, ки барои наврасон омӯзонидани тарзи муносибат бо ин унсурҳои табиӣ муҳим ва сариваќтӣ мебошад. Дар ин шумора тасмим гирифтаем, ки як дарси кушод дар ин мавзуъ манзур намоем, то барои омӯзгорони ҷавон василаи муҳими омӯзиш бошад.

## МАВЗУЪ: АЗ ОТАШ, ОБ, ГАЗ ВА БАРҚ ЭҲТИЁТ ШАВ!

Мақсадҳои таълим: Дар хонандагон бедор кардани эҳсосоти баланди табиатдӯстӣ, парваридани муҳаббат ба тамоми мавҷудоти муҳити зист, зебогии зиндагӣ ва дар шароити амну осоишта зистану эмин будан аз тамоми ҳодисаҳои нохуш.

Бо омӯзиши мавзуъ хонандагон бояд сабаби хатарнок будани оташ, об, газ ва баркро донанд ва фаҳмонанд;

- роҳҳои беҳтари муносибат бо онҳоро гӯянд;
- ҳангоми сар задании яке аз ин хатарҳо ба хизматрасониҳои дахлдор занг зананд;
- оид ба тарзи дурусти муносибат бо яке аз ин хатарҳо иншои хурд (эссе) нависанд.

Аёният: Расму масавварахо, китоби дарсӣ, мавод доир ба бехатарии кӯдакон аз об, оташ, барқ ва газ, рӯйнамоҳо (слайдҳо)-е, ки дар он ҳодисаҳои нохушу пешгирӣ кардани он, ҳифзи муҳити зисту биноҳои истиқоматӣ ва манзили зист тасвир ёфтаанд. Харитаи сиёсии ҷаҳон, тахтаи электронӣ ва истифода аз фонограмма.

Равиши дарс:

1. Ташкили дарс. Пазироӣ аз хонандагон.
2. Навбатдори 1:

Салом эй кӯҳсори Тоҷикистон,
Диёри пурсафои хубрӯён.
Ғазалхон омадам монанди булбул,
Ба боғат парзанон бар дидани гул.

Навбатдори 2:

Баландӣ он қадар дар қадду қомат,
Ки ҳатто «Боми дунё» гашта номат.
Сарат аз барф гарчанде сафед аст,
Дилат аммо ҷавону пурумед аст…

Ахбороти навбатдор бо шарҳи навигариҳои навини рӯз дар ҷаҳон ва кишвар. Баён кардани нуктаҳои асосии соли 2025 эълон шудани «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва ҳамасола таҷлил кардани 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо, инчунин таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо.

Бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба хотири боз ҳам хубтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2022 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шудааст, - қайд карданд навбатдорон ва вазифаҳои худро дар ин ҷода баён намуданд. Саволу ҷавоби хонандагон бо навбатдорон аз маводҳои китоби дарсӣ.

3. Хонандагон ба се гурӯҳ – «Оташнишон» - (оташ фурӯ нишонанда), «Оташбор» - (оташфишон, сӯзон) ва «Оташгар» - (касе, ки бо оташ кор мекунад, 2. ба вуҷуд оварандаи оташ).

Пас аз муаррифии гурӯҳҳо ба пурсиши вазифаи хонагӣ, ки мавзуъи он «Тарзи ҳаёти солим» аст, шуруъ менамоем. – Хонандагон ба саволҳои зерин ҷавоби саҳеҳ медиҳанд:

Маънои «Ҳаёти солим»-ро шарҳ диҳед. 2) Кадом қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро медонед? 3) Шумо кадоме аз ин қоидаҳоро дар ҳаёт риоя мекунед?

Хонандагон дар бораи «Риояи тозагӣ», «Истеъмоли ғизои тоза», «Меҳнат ва истироҳат», «Аз одатҳои бад даст кашидан» сухан ронда, қайд менамоянд, ки бояд шахс бадан, пойафзолу либосро

тоза нигоҳ дорад. Фаромӯш набояд кард, ки «Тозагӣ гарави саломатӣ аст». Истеъмоли ғизои тоза шарти асосии тарзи ҳаёти солим аст. Ғизо бояд гуногун ва аз меваю сабзавот иборат бошад. Ҳамчунин вақтҳои холии худро мо метавонем ба сайругашт дар ҳавои тоза, бозиҳои гуногун ва хондани китоб гузаронем.

Аз одатҳои бад – носкашӣ, сигоркашӣ, нашъамандӣ ва майнӯшӣ, ки ба саломатии инсон зарари ҷиддӣ мерасонад, бояд худдорӣ кард. Одамони гирифтори одатҳои бад на танҳо худашон, балки атрофиёнро низ ноороҳат мекунанд.

Олимон ҳисоб кардаанд, ки агар одам як дона сигор кашад, умраш 15 дақиқа кӯтоҳ мешавад. Мутаассифона, баъзе одамони сигоркаш рӯзе то 2 қуттӣ сигор мекашанд. Акнун худатон ҳисоб кунед, ки чунин одамон чӣ қадар умри худро кӯтоҳ мекунанд.

Лаҳзаи дамгирӣ: Садои нағмахонии парандагон бо ҳамҷурии навои дутор.

Баёни мавзуи нав: Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шав! Номи мавзуъро дар тахтаи синф менависем. Наворе аз сар задании ҳодисаҳои нохуш ва пешгирии он нишон дода мешавад.

Омӯзгор: Аксар вақт аз беэҳтиётӣ дар хона ҳодисаҳои нохуш – сар задании сӯхтор, ҷорӣ шудани об, хориҷ шудани газ ва ғайра рӯй медиҳанд. Чӣ бояд кард, ки чунин ҳодисаҳо ба амал наоянд. Агар бо ягон сабабе дар хона сӯхтор рух диҳад, зуд оташро хомӯш кардан лозим. Роҳи аз ҳама осони хомӯш кардани сӯхтор ба болои он пӯшонидани кӯрпа ё гилеми ғафс аст. Дар ҳолате, ки оташро хомӯш карда наметавонед, зуд ба рақами 01 ба сӯхторхомӯшкунандагон занг занед.

Дар хонаҳои бисёрошёна баъзан ҳодисаи кафидани қубур ё вайрон шудани мурвати обдиҳак рӯй медиҳад. Дар ин ҳолат чӣ кор мекунед? Пеш аз ҳама, обро аз ҷойи асосӣ маҳкам кардан лозим. Сипас аз волидайн ё ягон шахси боваринок маслиҳат пурсед ё ҳамсояро барои кӯмак ҷеғ занед…

Мо дар рӯзгорамон аксар вақт аз газ истифода мебарем. Агар шумо дар хона бӯйи газро ҳис кардед, зуд тирезаҳоро кушода, ҳавои хонаро тоза кунед ва мурвати лӯла ё зарфи газро маҳкам намоед. Дар ин ҳолат чароғи барқӣ, гӯгирд ё дигар асбобҳои барқиро фурӯзон накунед. Дар ин маврид ба рақами 04, ба кормандони газ занг занед.

Барқ низ ба монанди оташу газ хатарнок аст. Бояд ба сими лучи барқ даст нарасонем. Агар дар симҳои барқи хона ё асбобҳои барқӣ ҷойи лучро мушоҳида кардед, ба падару модаратон хабар диҳед. Дар набудани онҳо аз додару хоҳари хурдатон эҳтиёт шавад, ки ба он даст нарасонанд…

Омӯзгор пас аз фаҳмонидани мавзуи нав диққати хонандагонро ба саволҳои зерин ҷалб мекунад:

1) Оташ, газ ва барқ ба ҳаёти одам чӣ хатар доранд?

2) Хатари онҳоро чӣ гуна пешгирӣ кардан мумкин аст?

3) Оид ба ҳодисае, ки аз беэҳтиётии касе боиси сар задании сӯхтор гаштааст, нақл кунед.

4) Ҳангоми сӯхтор чӣ гуна рафтор мекунед?

5) Агар қубури оби хона вайрон шавад, шумо кадом амалҳоро анҷом медиҳед?

6) Аз барқ худ ва дигаронро чӣ гуна эҳтиёт кардан лозим аст?

Луғат ва истилоҳот:

1) Қубур – лӯлаи сафолӣ, оҳанӣ, пластикӣ ё симентӣ барои гузаронидани об, газ ва ғайра.

2) Мурват – асбобест, ки бо ёрии он роҳи обгузар маҳкам ё кушода мешавад.

Кори амалӣ: Гурӯҳҳо супоришро аз рӯйи китоби дарсӣ иҷро менамоянд ва мехонанд. Бо айби кӣ чунин ҳодисаҳои нохуш сар мезанад ва пешгирии онро шарҳ медиҳанд.

Ҷумларо пурра кунед:

Дар ҳолати сар задании сӯхтор зуд ба рақами _____ занг зада, аз хона мебароем ва дари хонаро _________________________

Ҷавоби дурустро интихоб намоед: Дар кадом ҳолат даҳону бинoро бо латтаи тар маҳкам кардан лозим аст?

А. Сими барқ луч бошад.

Б. Бӯйи газ бошад.

В. Бӯйи дуд бошад.

Г. Об аз қубур ҷорӣ бошад.

Мувофиқ гузоред (ҷавоби дурустро аз сутуни боло ёбед). Хатарҳоро бо рафтори дурусти одам мувофиқ гузоред: Хонандагон ҳодисаҳои сар задании сӯхтор ва роҳи пешгирии онро дар таблитса ҷо ба ҷо мегузоранд.

Мустаҳкамкунӣ: Саволҳо доир ба мавзуъ ва ҳодисаҳои нохушро дар диаграммаи Вен тасвир кардан.

Супориши вазифаи хонагӣ: Мавзуи имрӯзаро бо аҳли оилаатон муҳокима карда, дар бораи қоидаҳои бехатарӣ маслиҳат пурсед.

Оид ба қоидаҳои бехатарӣ аз барқ иншои хурд нависед. Хондан ва нақл кардан. Ба саволу супоришҳо ҷавоб гардондан.

Баҳогузорӣ: (Ба ҳар як фаъоли гурӯҳҳо баҳо гузошта мешавад).

Мураттиб
Муҳаммад ШАРИФЗОДА

# КРОССВОРДИ “РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ“ ВА “РӮЗИ ПАРЧАМ”



**Аз чап ба рост**

1. Яке аз рукнҳои давлатдорӣ. 3. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 5. Кони маъдани тиллои тоҷик. 7. Мамлакат дар қитъаи Аврупо. 8. Маҳсулоти полезӣ. 11. Растании хушбӯй. 14. Дастоварди бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 16. Муҳраи бозии шоҳмот. 18. Шахсе, ки нахустин шуда Парчами ғалабаро дар боми Рейхстаг бардоштааст. 20. Самти муҳими аз бунбасти коммуникатсионӣ озод кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22. Истироҳатгоҳ дар кӯҳҳои Варзоб. 25. Яке аз воситаҳои соҳибмаърифат гардонидани мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28. Ташкилоти мамлакатҳои истеҳсолкунандаи нефт. 29. Симои мустақил. 30. Ҳайвони азимҷусса. 31. Воситаи нақлиёти боркашонӣ. 32. Номи пештараи ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон. 33. Маҷаллаи телевизионӣ. 34. Шоири маорифпарвари тоҷик. 35. Макони баргузории машқҳои ҳарбӣ. 39. Як шакли энергия. 40. Номи сарояндаи мумтози тоҷик. 41. Лавозимоту муҳиммоти ҷангӣ. 42. Нусхаи ибтидоии қарори Шурои олӣ. 43. Нишонаи давлатдорӣ.

**Аз боло ба поён**

1. Боигарии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2. Хатти шартӣ, ки мамлакатро маҳдуд сохтааст. 3. Иттиҳодияи байнидавлатии панҷ мамлакати ҷаҳон. 4. Элементи бисёррӯяи барҷаста. 5. Маркази маъмурии аҳолинишин. 6. Маркази савдо дар шаҳри Душанбе. 9. Ҳаммаънои калимаи “қабат”. 10. Гузашти айём. 12. Супориши Президенти мамлакат. 13. Ҳиҷои аввали калимаи “ҳавваз”. 14. Яке аз мамлакатҳои бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дӯст. 15. Номи яке аз вилоятҳои собиқи Тоҷикистон. 17. Мева. 19. Боигарии асосии ҳар як давлат. 20. Макони баргузории намоиши маводу маҳсулот. 21. Як навъи варзиш. 23. Маводи таботбатӣ-кимиёвӣ. 24. Ҳамрадифи истилоҳи “ обшор”. 26. Осоишгоҳ дар қисми шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27. Ҳаммаънои калимаи “мустаҳкам”.

**ҶАВОБИ МУАММОИ ҲАРФИ «А»**
**(Шумораи №10, октябри соли 2023)**



# МУНДАРИҶА

СУХАНИ ПЕШВО

Парчами давлатӣ - нишони нангу номус ва адолату осоиш........................................1

16 НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

З. ДАВЛАТОВ. Низоми идоракунии президентӣ ва афзалиятҳои он..........................2

6 НОЯБР - РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ф. ИДИЗОДА. Конститутсия - заминаи ташаккули қонунгузории мамлакат ва ҳифзи манофеи ҷомеаи кишвар.....................................................................................5

ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Ф. САЙНОЗИМЗОДА. Нақши иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..............................................................................9

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

С. САТТОРӢ. Арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ - арҷгузорӣ ба миллат, давлат ва таъриху тамаддуни миллати фарҳангофари тоҷик...............................................13

ХЕШТАНШИНОСӢ

Қ. АҲМАДЗОДА. Фурӯғи одамият аз китоб аст......................................................15

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Г.ХУДОЙНАЗАРОВА. Бозиҳои зеҳнӣ шахсияти кӯдакро инкишоф медиҳанд.........23

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Д. РАҲМАТЗОДА. Мақсади омӯзиши мавзуъҳои фанҳои таълимӣ дар назария ва амалия..............................................................................................................19

ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Ш. АКОБИРОВ. Нақши корҳои берунасинфӣ дар таълими география...................25

МУҲИТИ ЗИСТ

М.ҲАКИМОВА,С.ҲАКИМЗОД.Табиатробояддӯстбидоремуҳифзнамоем.............30

САРВАТИ ТАБИӢ

Д. К. ГУЛМОЧОЕВ. Об – муъҷизаи беҳамтои табиат..............................................32

МАТЕМАТИКА

М.МАҲКАМОВ. Хусусиятҳои методии омӯзиши тарзҳои гуногуни табдилоти ифодаҳои ирратсионалӣ..........................................................................................34

ХИМИЯ

А.ЗУМРАТОВ. Робитаи баъзе металлҳо ва дувоздаҳ бурҷи солшуморӣ...................42

РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

А. УБАЙДОВ, Ҳ. ҲАМРОЕВ, М. КАЛОНОВ. Самараи озмунҳои маърифатӣ дар ташаккули донишҳои сиёсию ҳуқуқии наврасон.....................................................47

МЕҲРНОМА

М. ТОШПӮЛОДОВ. Омӯзгор, баҳори зиндагият бехазон бод!.................................52

ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ

Ф. ЮСУФАЛИЗОДА. Усулҳои беҳтарини таълими забони англисӣ.........................55

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Б. МАХСУДОВ. Дар интихоби касби ҷавонон бетараф набошем.....................................57

ШИНОХТ

А. ШАРИФЗОДА, Ш. ФАЙЗОВ. Николай Коперник: “Офтоб дар марказ”.............59

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

М. ШАРИФЗОДА. Кроссворди “Рӯзи Президент“ ва “Рӯзи Парчам”.....................62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**Қурбон АҲМАДЗОДА,** котиби масъул.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**

Барои маҷаллаи
**«Маърифати омӯзгор»**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60х841/8.
Адади нашр 6314 нусха.
Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи «Мега-принт»
ба табъ расидааст.

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**